# ҚИССАҲОИ ПАЁМБАРОН БАРОИ НАВРАСОН

## *ҚИСМИ ЯКУМ*

**МУАЛЛИФ: АБУЛҲАСАН НАДВӢ**
**МУТАРҶИМ: АБДУЛЛОҲ НИЗОМӢ**

## МУҚАДДИМАИ МУТАРҶИМ

Сипос ва ситоиш хоси Зотест, ки Офаридгори замину осмон ва тамоми мавҷудот аст. Парвардигоре, ки инсонро офарид ва барояш Китобу Паёмовар фиристод, то аз торикиҳои нодониву ширку куфр наҷоташ диҳад.

Дуруду саломи фаровону абадӣ ба Фиристодаи Худо, Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (с) ва ҳама аҳли хонадону ёрони Эшон бод, ки дар торикиҳои маънавӣ чун моҳу ситорагон ҳастанд.

Барои огоҳон пӯшида нест, ки яке аз асоситарин ҳадафҳои биъсати Паёмбари Худо (с) аз тарбия ва сохтани инсони ба ҳама маъно комил иборат буд.

Худованд дар Каломи азалии худ ба таври ошкор дар ин бобат мегӯяд:

هُوَ الَّذِي بَعَثَ فِي الْأُمِّيِّينَ رَسُولًا مِنْهُمْ يَتْلُو عَلَيْهِمْ آيَاتِهِ وَيُزَكِّيهِمْ وَيُعَلِّمُهُمُ الْكِتَابَ وَالْحِكْمَةَ وَإِنْ كَانُوا مِنْ قَبْلُ لَفِي ضَلَالٍ مُبِينٍ

Тарҷума:

**“Ӯ Он (Худой) аст, ки дар (миёни) нохондагон (Яъне: арабҳо) паёмбаре аз худашон барангехт, ки бар онҳо оёти Ӯро мехонад ва онҳоро ПОК мекунад ва ба онҳо Китобу ҳикматро меомӯзад. Ҳамоно онҳо пеш аз ин дар гумроҳии зоҳир буданд”.**[1]

Вожаи “**пок кардан**”, ки дар ояти боло омада аст, ба маънои “**рушди ҳама ҷонибаи маънавии шахс**” аст.

Огоҳони соҳаи педагогика ба ин назаранд, ки шахс дар ҳеҷ марҳилаи ҳаёти худ аз тарбия бениёз нест. Аммо он чи дар хурдсолӣ дар руҳу равон ва дилу ҷони шахс аз маънавиёт ҷой

[1] Ҷумуъа: 2

дода мешавад, ба маротиб бештар ва беҳтар аз дигар фаслҳои умри инсон аст. Ба ҳамин сабаб донишмандон инсонро дар ҳолати хурдсолӣ ба ниҳоли нав рушдёбанда монанд медонанд. Агар деҳқон хоҳад, навниҳолро ба таври дилхоҳаш каҷу рост мекунад, вале вақте он ба даратхти тануманд табдил меёбад, дигар ё аз бех бурида мешавад, ё ҳезуми оташ мегардад.

Мутахассисон бар ин ақидаанд, ки тарбия ба соҳаҳои гуногун ҷудо мегардад. Яке аз он соҳаҳо дар фанни "**Педагогика**" бо номи "**Тарбияи синну солӣ**" шинохта мешавад. Вазифаи ин соҳа аз он иборат аст, ки ҳар синну сол ба эътибори тафовути ҳолатҳои психологӣ-равонӣ барномаҳо ва равишҳои ба худ хоси тарбиявӣ дорад ва он барномаю методҳо аз якдигар ба пуррагӣ фарқ мекунад.

Бар асоси ин назарияи илмӣ омода кардани барномаҳо, услубҳо ва асарҳои тарбиявӣ барои синну солҳои мухталиф зарур аст.

Бояд эътироф кард, ки дар ҷомеаи мо майдони фаъолиятҳои тарбиявӣ аз ин гуна барномарезиҳо ва корҳои илмии нишонрас холӣ аст. Бале, бо дигар забонҳо ва дар дигар минтақаҳои дунё коршиносон дар ин соҳа корҳои назарӣ ва амалии хуберо анҷом додаанд, вале боз ҳам он чи барои мо тоҷикон зарур аст, ҳанӯз баҳсу талоши зиёд металабад.

Агар наврасони ҷомеаи моро маҳрумтарин табақаи ҷомеа аз барномаҳои тарбиявӣ ҳисобем, шояд хато нагуфтаем. Ҳанӯз барои бо ғизои маънавӣ пур кардани руҳу равони онҳо корҳои хеле кам сурат гирифта аст.

Барои мисол, кадом рисолаҳои тарбиявӣ, китобчаҳои қиссаву ҳикоёти пурмаънову таъсирбахш ва филмҳои тасвирии кӯдаконаро метавон ном бурд, ки холигии ин соҳаро пур карда тавонад?!

Ҳол он ки асарҳои дар гузашта аз тарафи донишмандону адибони форсу тоҷик оиди мавзӯоти тарбиявӣ таълиф гашта камназир аст. Навиштаҳои Шайх Саъдӣ Шерозӣ дар "**Бӯстон**"

ва “**Гулистон**”, нигоштаҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ дар “**Баҳористон**”, дурдонаҳои гаронбаҳои ҷамъовардаи Мавлоно Ҷалолиддин Балхӣ дар “**Маснавии маънавӣ**” ва дигар соҳибқаламони форсу тоҷик далели гуфтаҳои болост. Вале омилҳои зиёд сабаби дурӣ ва бехабарии аксари ҷавонон аз ин мероси пурғановат гаштааст.

Бо камоли таассуф, майдони таълиф дар самти тарбияи насли наврас холӣ буда, меҳнати зиёдеро талаб мекунад.

Имрӯз бештари хурдсолони мо шефтаи тамошои филмҳои тасвирии “**Маша ва хирс**”, “**Том ва Ҷеррӣ**”, “**Ҳоло ист**” ва ғайраҳо ҳастанд. Дар ҳоле ки он ғизоҳои маънавие, ки мебояд аз хурдсолӣ дар вуҷуди тифл ворид гардад, аз ин филмҳои тасвирӣ ба даст оварда намешавад.

Ғайр аз ин ва аз ҳама муҳимтар тамошои ҳар гуна филмҳо ва хондани китобчаю рисолаҳои ҳикоёт ва афсонаҳо аз нигоҳи психологӣ-равонӣ ба ҳолати равонии кӯдак таъсири нек ё бади худро мегузорад. Падару модарон ва тарбиятдиҳандагонро зарур аст, то дар ин бобат аз эҳтиёти сахт кор гиранд.

Аз ҷумлаи қоидаҳои соҳаи тарбия он аст, ки вақте чизеро барои касе манъ кардан мехоҳед, бояд ивази онро барояш омода созед. Манъ кардан ва дар айни замон холӣ мондани зеҳн ва вақти шахс аз машғулият хатои ҷиддӣ аст.

Ҳамин нуктаро ба назар гирифта банда маҳз бо лутф ва тавфиқи илоҳӣ ба баргардон кардани китоби устод Абулҳасан Надвӣ (р) пардохтам.

Аслан ангезаи тарҷумаи китоби пеши дасти хонанда қарор дошта ба хотираи кӯтоҳи зиндагии оилавии банда алоқаманд аст.

Рӯзе дар хона машғули хондан ва навиштани матолибе будам. Ҳамсари банда назди писарам нишаста бо хондани ҳикояти машҳури “**Бузаки ҷингилапо**”, ки аз хурдсолӣ борҳо онро дар гӯшамон мехонданд, мехост ӯро бихобонад. Вақте камина дахолат кардам ва гуфтам, дигар ҳикоятҳои

маънодорро барояш қироат кун. Дар ҷавоб гуфт, оё ягон маводи иборат аз ҳикояҳои муносиб барои кӯдакони хурдсол ғайри ҳамин ҳикояҳо дорем?! Инсофан ба ин гуфта посух пайдо накардам ва тасмим гирифтам, ки дар ин замина асари устод Абулҳасан Надвиро дар қолаби ҷадид баргардон кунам.

Баъд аз ҳамин гуфтугӯ ба тарҷумаи китоб шурӯъ кардам. Вале ба сабаби гирифториҳои зиёд муддатҳо кори он ба таъхир гузошта шуд. Баъди гузашти чанд муддат ва аз нав пайдо кардани фурсат сари кори тарҷума ва таҳияи он нишастам ва бо лутфи Худои Маннон дар даҳаи охири моҳи муборакИ Рамазони соли 2016 қисми якум ва дуюми онро ба итмом расонидам.

Ҳаққо, ки чун мани қаламшикаста ва дасткӯтоҳу камдониш арзандаи баргардон кардани асарҳои гаронбаҳои устод Абулҳасан Надвиро надорад, вале боз ҳам ба ҳукми масъулияти бандагӣ даст ба ин кор задам ва аз Аллоҳи мутаол хоҳиши комёбӣ ва ихлос дар қавлу амалро дорам.

Аспи тозӣ агарчи бех тозад,<br>Лошахар хештан наяндозад.

Агарчи ангезаи тарҷума ва таҳияи ин асар ба фарзанди банда алоқаманд аст, вале зикр кардан ба маврид аст, ки солҳо ин ҷониб андешаи дар ин самт навиштану дар соҳаи тарбияи наврасон саҳмгузор буданро дар сар мепарваридам ва инак бо фазли Худо замони амалӣ гаштани он фаро расид.

Қобили зикр аст, ки асари "**Қиссаҳои паёмбарон барои наврасон**"-и устод Абулҳасан Надвӣ (р) бо тавфиқи Худованд дар либоси нав пешкаши хонандагон мегардад.

Камина онро ба сурати дарсҳои пай дар пай, баъди ҳар дарс овардани дарсҳо ва ибратҳои қисса ва дар охир овардани пурсишҳо омода кардаам.

Сабаби чунин тарзи тарҷума ва таҳияи асар дар он аст, ки хонанда танҳо бо рӯхонии китоб иктифо накунад, балки аз ҳар

қисса дарсҳо ва ибратҳои муносиб ба онро касб карда, баъди ҳазми он бо посух додани пурсишҳо маонии асосиро дар зеҳни худ ҷой диҳад ва дар зиндагӣ онро амалӣ гардонад.

Набояд фаромӯш кард, ки қиссаҳои ин китоб аз дигар ҳикоёту ривоёт фарқи калон дорад. Ҳамаи ин қиссаҳо баргирифта аз Каломи Худо ҷалла ҷалолуҳу буда, ҳақ ва рост аст.

Хонанда бо мутолиаи китоби “**Қиссаҳои паёмбарон барои наврасон**” аз сифатҳои неки раҳмдилӣ, хоксорӣ, кӯмак ба мазлумон, дурӣ ҷустан аз зулми бечорагон, далерӣ, насиҳат ва даъват ба сӯи Худо, сабру таҳаммул дар баробари озори мардум, ислоҳталабӣ, дурӣ аз фасодкорӣ, ростқавлӣ, амонатдорӣ, ҳақиқатгӯӣ, ҳақиқатҷӯӣ, гузашт кардан аз хатоҳои дигарон ва ғайра огоҳ мегардад. Худро бо ақидаи ростини динҳои осмонӣ, ки асоси он аз тавҳид ва тарки ширку куфр иборат аст, ороста месозад.

Ба хусус омӯзгорон вазифадоранд, ки бо таълими ин асар ахлоқи нек ва эътиқоди солими боло дарҷгаштаро дар ниҳоди шогирдони худ ҷойгир кунанд.

Набояд истифодаи дурусти китоб низ аз ёди устодон фаромӯш шавад.

Баъди хондани ҳар дарс зеҳни шогирдонро болои дарсҳо ва ибратҳои қиссаҳо ҷалб созанд ва агар ғайр аз дарсҳо ва ибратҳои овардаи соҳиби ин сатрҳо дигар дарсҳои муносиб дар зеҳнашон хутур кунад, ҳаққи онҳост ва нур бар нур зам мешавад.

Маврид ба ёдоварист, агарчи ин асарбарои хурдсолон навишта шуда, вале шоистаи мутолиаи ҷиддӣ аз тарафи калонсолон аст.

Корҳое, ки аз тарафи камина дар таҳияи китоби пеши дасти Шумо иҷро гаштааст, ба таври зерин аст:

1. Ҷудо кардани қиссаи ҳар паёмбар ба шакли дасрҳои пай дар пай;
2. Баъд аз ҳар дарс овардани бахши “**Дарсҳо ва ибратҳо**”;
3. Барои фаъол кардани зеҳни хонанда ва ҷалби диққати вай илова кардани бахши “**Пурсишҳо**” дар охири ҳар дарс;
4. Ба қадри имкон ҷой додани маонии зарурии эътиқодӣ, фикрӣ ва ахлоқӣ дар бахши “**Дарсҳо ва ибратҳо**”;
5. Ҷустуҷӯи рақами оятҳо ва сураҳои истифодакардаи устод Абулҳасан Надвӣ (р) дар нақли қиссаҳо аз Қуръони карим ва қайд кардани он дар пайнавишти китоб;
6. Пайдо кардани ровӣ ва сарчашмаҳои аҳодиси овардаи Муаллиф ва дарҷ кардани он дар пайнавишти асар;
7. Эзоҳ додани баъзе аз нукоти муҳим, ки гоҳо дар баъзе қиссаҳо дида мешавад ва қайд кардани он дар пайнавишт;
8. Ҷойгир кардани маъно ва мӯҳтавои оятҳо, аҳодис, ҳикматҳо ва гуфтори донишмандон дар бахши “**Дарсҳо ва ибратҳо**”;
9. Риояи амонати илмӣ дар нақли ҳар сухан бо нисбат додани он ба соҳибаш дар пайнавишти китоб.

Дар охир аз Аллоҳ таоло ихлосу садоқат ва аз хонандагони гиромии китоб дуои холис барои устод Абулҳасан Надвӣ (р) ва бандаро хоҳонам.

**Бо умеди дуо ва хотимаи нек: АБДУЛЛОҲ НИЗОМӢ**

# САРСУХАНИ МУҲАҚҚИҚ ВА ДАЪВАТГАРИ МАЪРУФ, УСТОД САЙИД ҚУТБ

Камина бо соҳиби ин китоб “**Сайид Абулҳасан Надвӣ**” ба хубӣ ошноӣ пайдо кардаам. Ӯро бо шахс ва қаламаш шинохтаам. Дар вай қалби мусулмон, ақли мусулмон ва мардеро пайдо кардам, ки фақат бо Ислом, барои Ислом ва бар асоси фаҳми дуруст аз асолати Ислом ҳаёт ба сар мебарад.

Банда ин шоҳидиро танҳо ба хотири Аллоҳ таоло дар ҳолати навиштани муқаддима бар чопи ҷадиди китоб, ки пеши дасти шумо қарор дорад,баён мекунам.

Асари “**Қиссаҳои паёмбарон барои наврасон**”, сарфи назар аз ҳаҷми хурд доштани он кори хеле бузург ба шумор меравад, ки дар майдони даъват ва иршод ба хазинаи фаъолиятҳои таблиғотии Сайид Абулҳасан Надвӣ ва бародарони фозилаш зам мегардад.

Набояд Ислом дар сурати поки он фақат ба солхӯрдаҳо расонида шавад, балки баръакс дили хурдсолон ба ин ғизо ниёзмандии бештар дорад, то бо таъми имон дар нафсҳояшон, нури имон дар қалбҳояшон ва дурахшиши имон дар руҳу равонашон ба воя расанд.

Аввалин маводе, ки дар дили беолоиши хурдсолон асар мегузорад, ин қиссаву ҳикоёт аст.

Ин китоб агарчи барои хурдсолон навишта шуда аст, вале банда ба ин бовар ҳастам, ки бештари калонсолҳо ҳам ба хондани он ниёзи шадид доранд. Зеро бисёр солхӯрдаҳои имрӯза ба сабаби он ки дар гузашта барномаҳои дарсии онҳо зери таъсири истеъмор ва таблиғоти бегонагон қарор дошт, аз қиссаҳои Қуръони карим, ҳадафҳои бузург ва фазои имониву тарбиявии таъсиррасони дар ин асар матраҳ гаштаи он, бехабар мондаанд.

Ман чандин асарҳои тарбиявӣ ва ҳикоёти паёмбарон барои хурдсолонро мутолиа карда ва бо истифода аз Каломи Худо дар Миср барои таълифи маҷмӯаи “**Қиссаҳои динӣ барои наврасон**” ширкат кардаам. Вале бояд бе тамаллуқкорӣ шоҳидӣ диҳам, ки асари эҷодкардаи Сайид Абулҳасан Надвӣ аз ҳама китобҳои хонда ва маҷмӯаҳои навиштаи мо комилтар аст. Чунки ин китоб роҳнамоиҳои бисёр нозук, тавзеҳоти аҳдофи ҳикоёт, ҳодисаҳо ва ҳолатҳои муҳими он, шарҳҳои кӯтоҳи худи муаллиф дар байни қиссаҳоро дар бар гирифта аст, ки агар он дар дили хурдсолон ё калонсолон ҷой гирад, дар вуҷуди онҳо ҳақиқатҳои хеле бузурги имониро ворид месозад.

Аллоҳ таоло ба Сайид Абулҳасан Надвӣ подоши нек диҳад, тавфиқашро бештар гардонад ва аз баракати хидматҳои вай наслҳои уммати Исломро, ки аз чор тараф тундбодҳо ва гирдобҳои куфру илҳод ва бебандуборӣ онҳоро иҳота карда, дар роҳашон хорҳо пароканда шуда, аз ҳар тараф дучори торикиҳои сахт шуда ва ба ҳидоят, рӯшноӣ, ҳимоят ва ихлос дар таълиму тарбия ниёз доранд, роҳнамоӣ кунад. Тавфиқ дар ҳама кори нек ба Аллоҳ таоло бармегардад!

# МУҚАДДИМАИ НОШИР

Муассисаи “**Рисолат**” аз пешкаши хонандагон кардани чопи ҳабдаҳуми китоби “**Қиссаҳои паёмбарон барои наврасон**”-и аллома устод Сайид Абулҳасан Надвӣ (р) изҳори хушҳолӣ мекунад. Дар айни замон умеди онро дорад, ки ин амали хайр то як андоза ҳоҷатмандии хонандагонро ба чунин қиссаву ҳикоёт бароварда месозад.

Ин чоп аз дигар чопҳо фарқи зиёд надорад. Танҳо фарқ дар он аст, ки бар асоси хоҳишу рағбати ҳаводорони китоби мазкур чор ҷузъи он дар як муҷаллад ҷойгир шуда аст.

Аллоҳ таоло тавфиқдиҳандаи бандагон аст.

**Муассисаи “Рисолат”**

## МУҚАДДИМАИ МУАЛЛИФ

Бародарзодаи азизам![1]

Мебинам, ки ту дар хондани қиссаву ҳикоёт шавқу ҳаваси зиёд дорӣ. Бале, ҳамаи наврасон дар синну соли ту ҳамин тавр ҳастанд. Ту қиссаву ҳикоётро бо шавқу ҳавас гӯш мекунӣ ва бо завқу рағбат онро мехонӣ, аммо ман бошам сахт афсӯс мехӯрам. Зеро дар дастатфақат ҳикояҳои гургу рӯбоҳу шер ва хирсу сагу дигар ҳайвонотро мебинам.

Дар ҳақиқат пур кардани ин холигӣ бар ӯҳдаи мост. Ин чопи китоберо, ки пеши дастонат мебинӣ, барои пур кардани ҳамин холигӣ навишта шуда аст.

Ту ба омӯхтани забони арабӣ, ки забони Қуръон, Паёмбар (с) ва дин аст, шурӯъ кардӣ ва дар ин соҳа ҳаваси хеле зиёд дорӣ. Аммо ман аз он хиҷолат мебарам, ки ту ғайр аз қиссаву ҳикоёти ҳайвонот ва афсонаҳои беасос, қиссаҳои мувофиқ ба синну солатро пайдо намекунӣ.

Барои ҳамин маслиҳат дидам, ки барои ту ва дигар ҳамсинну солонат аз фарзандони мусулмонон ин китобро бо услуби осон ва мувофиқ ба синну сол ва ҳаваси шумо нависам. Шукри Худо, хостаамро иҷро кардам.

Инак марҳамат, қисми аввали "**Қиссаҳои паёмбарон барои наврасон**"-ро барои ту ва ҳамсолонат пешкаш ва ҳадя мекунам.

Банда дар ин китоб услуби кӯдакон ва табиати онҳоро риоя кардаам. Гоҳо калимаҳо ва ҷумлаҳоро такрор ба такрор оварда ва лафзҳои осонфаҳмро бо нақли васеи қиссаҳо зикр кардаам.

---

[1]Номи вай: Муҳаммад ибни доктор Абдулъалӣ Ҳасанӣ аст. Шукри Худо, вай дар соҳаи забони арабӣ яке аз донишмандони нобиға гашта ва масъулияти сармуҳарририи маҷаллаи "Ал-баъс ал-Исломӣ"-и чопи Лакнавро ба ӯҳда дорад. (Аз Муаллиф)

Умеди онро дорам, ки ин китоб нахустин асари омӯзишӣ барои наврасон дар бобати таълими забони арабӣ дар мадрасаҳо гардад.

Бо хости Худо, барои ту ва ҳамсолонат қиссаҳоеро ҳадя мекунам, ки лаззатбахши руҳу равон, сабуку осону зебо ва аз дурӯғбофӣ холӣ аст.

Худованд туро эй Муҳаммад[1], нури чашми падару модару амакат ва фахри Исломи мусулмонон гардонад. Аллоҳ таоло ба сабаби ту баракатҳои зиёдеро барои ин хонадон ва тамоми мусулмонон боз орад.

**Абулҳасан Алӣ Ҳасани Надвӣ**

[1]Мақсади устод бародарзодаашон аст. (Аз мутарҷим)

# БА НОМИ ХУДОВАНДИ БАХШАНДА ВА МЕҲРУБОН!

## БУТҲОРО КӢ ШИКАСТ?!

### ДАРСИ ЯКУМ

### ФУРӮШАНДАИ БУТҲО

Дар замонаҳои хеле-хеле қадим ва дар яке аз деҳаҳо марди бисёр машҳур зиндагӣ мекард. Номи он мард Озар буд. Касбу кори Озар бутфурӯшӣ буд. Дар он деҳа як хонаи хеле калон буд ва дар даруни он хона бутҳои зиёд буд. Мардуми он деҳа ба ҳамон хона рафта, дар пеши бутҳо саҷда мекарданд. Худи Озар ҳам назди бутҳо саҷда мекард ва онҳоро мепарастид.

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Бутфурӯшӣ гуноҳи азим ва кори нодуруст аст;
2. Мушрикон бо пайравӣ аз ҳавои нафси худ ҳар чиро хоҳанд, ибодат мекунанд;
3. Ширк овардан ба Худо гуноҳи сахт аст;
4. Худовандгуноҳи ширкро намебахшад.

### ПУРСИШҲО

1. Номи марде, ки дар замонаҳои қадим зиндагӣ мекард, чист?
2. Вай ба чӣ кор машғул буд?
3. Он замон бутҳо дар куҷо ҷойгир шуда буданд?
4. Мардум назди он бутҳо рафта чӣ кор мекарданд?
5. Бузургтанин гуноҳ назди Аллоҳ таоло кадом аст?
6. Оё Худо гуноҳи ширкро мебахшад?

# ДАРСИ ДУЮМ

## ПИСАРИ ОЗАРИ БУТТАРОШ

Озар як писари бисёр боақлу тамйиз дошт. Номи писараш Иброҳим (а) буд. Иброҳим (а) медид, ки мардуми он деҳа назди бутҳо рафта саҷда мекунанд ва онҳоро мепарастанд. Иброҳим (а) медонист, ки ин бутҳо аз санг сохта шудаанд, медонист, ки онҳо гап задан ва гӯш карда наметавонанд, медонист, ки онҳо зарар ва фоида расонида наметавонанд.

Иброҳим (а) медид, ки гоҳо пашаҳо омада бар рӯйи он бутҳо мешинанд, вале бутҳо он пашаҳоро аз рӯйи худ дур карда наметавонанд, мушҳо омада хӯроки назди бутҳо гузоштаи мардумро мехӯранд, аммо бутҳо мушҳоро аз ин кор манъ карда наметавонанд. Иброҳим (а) дар ҳайрат монда, худ ба худ мегуфт, чаро ин мардум бутҳои беҷонро мепарастанд ва чаро ҳоҷатҳояшонро аз онҳо мепурсанд?!

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Худо қудрат дорад, ки аз замини мурда чизҳои зинда пайдо кунад ва аз шахси бедин фарзанди пок ба дунё орад;
2. Ҳамаи паёмбарони Худо (а) одамони бо ақл ва тамйиз ҳастанд;
3. Мо бояд тамоми паёмбаронро дӯст дорем ва ба гапи онҳо кор кунем;
4. Бе иҷозаи Худо касе ба мову шумо зарар оварда наметавонад;
5. Ҳама ғайри Худо махлуқанд ва махлуқ арзандаи ибодат нест;
6. Шахси бо имон ҳоҷати худро танҳо аз Худо металабад.

## ПУРСИШҲО

1. Иброҳим (а) кӣ буд ва чӣ сифатҳо дошт?
2. Оё Иброҳим (а) медонист, ки ин бутҳо махлуқ ҳастанд ва аз дасташон ҳеҷ коре намеояд?
3. Иброҳим (а) назди бутҳо чиро медид?
4. Оё он бутҳо пашаҳои дар болояшон шиштаро ронда метавонистанд?
5. Оё махлуқ арзандаи ибодат аст?

### ДАРСИ СЕЮМ

## НАСИҲАТИ ИБРОҲИМ ЪАЛАЙҲИ-С-САЛОМ БА ПАДАРАШ ОЗАР

Иброҳим (а) доим падарашро насиҳат карда мегуфт:
Эй Падарҷон! Чаро ин бутҳоро мепарастед?!

Эй Падарҷон! Чаро назди ин бутҳо саҷда мекунед?!

Эй Падарҷон! Чаро ҳоҷатҳоятонро аз ин бутҳо мепурсед?!

Охир, ин бутҳо гап задан ва гӯш кардан наметавонанд-ку!

Охир, ин бутҳо зарар ва фоида расонидан наметавонанд-ку!

Эй Падарҷон! Чаро назди ин бутҳо таом мегузоред?!

Охир, онҳо хӯрдан ва нӯшидан наметавонанд-ку!

Озар падари Иброҳим (а) аз ин суханони фарзандаш ба ғазаб меомад, аммо ҳақ будани онро намефаҳмид.

Иброҳим (а) ҳамчунин ҳамдеҳагонашро насиҳат мекард, лекин онҳо ҳам аз суханони Иброҳим(а) қаҳрашон меомад ва ҳақ будани онро намефаҳмиданд.

Як рӯз Иброҳим (а) худ ба худ гуфт, акнун ман ин бутҳоро бо дастони худам мешиканам, ана баъд ин мардум арзандаи парастиш набудани бутҳоро мефаҳманд.

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Насиҳат кардани писар падарашро дуруст аст, аммо ба шарти ин ки одобро риоя кунад;
2. Агар падар ё модар мушрик ҳам бошад, барои фарзанд беодобӣ кардан бо онҳо нодуруст аст;
3. Ислом дини насиҳат аст ва ҷавони бо имон бояд ба қадри тоқат дӯстонашро насиҳат кунад;
4. Якумин чизе, ки бояд мардум аз он огоҳ шаванд, худошиносӣ ва тавҳид аст;

5. Илми тавҳид-яктопарастӣ барои ҳамаи мӯъминон фарз аст.

### ПУРСИШҲО

1. Оё насиҳат кардани писар падарро дуруст аст?
2. Вақте писар падар ё модарашро насиҳат мекунад, бояд чиро риоя кунад?
3. Иброҳим (а) падарашро насиҳат карда чӣ мегуфт?
4. Иброҳим (а) ғайри падараш боз киро насиҳат мекард?
5. Кадом илм барои ҳамаи мӯъминон фарз аст?

# ДАРСИ ЧОРУМ

## ИБРОҲИМ ЪАЛАЙҲИ-С-САЛОМ БУТҲОРО МЕШИКАНАД

Яке аз рӯзҳо дар деҳае, ки Иброҳим (а) зиндагӣ мекард, рӯзи идашон фаро расид. Мардум ҳама хушҳолӣ мекарданд. Ҳамаи мардум аз хонаҳояшон барои сайру гаштберун баромаданд. Кӯдакҳо ҳам барои тамошо берун рафтанд. Озар падари Иброҳим (а) ҳам ҳамроҳи мардум ба гашту гузор баромад ва ба писараш Иброҳим (а) гуфт, ту ҳамроҳи мо ба тамошо намебароӣ?! Ҳазрати Иброҳим (а) гуфт, ман каме беморам.

Мардуми деҳа ҳама ба сайру тамошо баромаданд, аммо Иброҳим (а) дар хона худаш танҳо монд. Иброҳим (а) ба бутхона омад ва гуфт, оё гап намезанед?! Оё сухани маро гӯш намекунед?! Марҳамат, хӯрданиву нӯшиданиҳо дар пешатон тайёр аст. Чаро намехӯред ва наменӯшед?!

Ҳарчанд Иброҳим (а) гап мезад ва онҳоро ба хӯрдану нӯшидан таклиф мекард, аммо онҳо хомӯш буданд. Зеро он бутҳо аз санг сохта шуда ва гап зада наметавонистанд.

Иброҳим (а) боз такрор кард:

مَا لَكُمْ لَا تَنْطِقُونَ

## Тарҷума:

**"Шуморо чӣ шудааст, ки гап намезанед?!"**[1]

Аммо бутон ҳамоно хомӯш буданд ва гап намезаданд. Дар ҳамин ҳолат Иброҳим (а) аз хомӯшии бутҳо ба ғазаб омад ва табари калонеро гирифту ба шикастани онҳо сар кард. Вай ҳамаи бутҳоро шикаст, магар як бути калонро боқӣ монд ва табарро ба горданаш овезон кард.

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

[1]Соффот: 92

1. Бандаи бо имон барои пешгирӣ кардани ҷинояти бутпарастӣ кӯшиш мекунад;
2. Бутпарастон ақли солим надоранд ва илло монанди худ махлуқеро ибодат намекарданд;
3. Иброҳим (а) барои пешгирӣ аз гуноҳи ширк худро бемор нишон дод;
4. Нахустин ва муҳимтарин мавзӯъ барои мардум донистани тавҳид ва дурӣ аз ширк аст;
5. Ҳамаи паёмбарони Худо (а) мардумро ба яктопарастӣ даъват мекарданд.

## ПУРСИШҲО

1. Барои чӣ мардуми он сарзамин хурсандӣ мекарданд?
2. Онҳо аз хонаҳояшон куҷо баромаданд?
3. Вақте Иброҳим (а)-ро даъват карданд, дар ҷавоби онҳо чӣ гуфт?
4. Баъди берун рафтани мардум Иброҳим (а) чӣ кор кард?
5. Оё Шумо дӯстонатонро насиҳат мекунед?
6. Оё то имрӯз касеро аз гуноҳи ширк манъ кардаед?

# ДАРСИ ПАНҶУМ
# ИН КОРРО КӢ КАРДААСТ?!

Мардуми деҳа вақте аз сайру гашт баргаштанд, аввал ба бутхона даромаданд, то дар назди бутҳояшон саҷда кунанд. Зеро он рӯз - рӯзи идашон буд. Аммо вақте ба бутхона даромаданд ва манзараро диданд, ба даҳшат афтода, ҳайрон шуданд ва афсӯс мехӯрданду сахт қаҳрашон карда буд. Байни якдигар гуфтанд:

قَالُوا مَنْ فَعَلَ هَذَا بِآلِهَتِنَا ...

Тарҷума:

- "**Ин кори бадро дар ҳаққи бутҳои мо кӣ карда бошад?!**"[1]

Баъзе аз мардум гуфтанд:

قَالُوا سَمِعْنَا فَتًى يَذْكُرُهُمْ يُقَالُ لَهُ إِبْرَاهِيمُ

Тарҷума:

- "**Мо дар ин деҳа ҷавонеро мешиносем, ки ҳамеша ин бутҳоро ба бадӣ ёд мекард ва онҳоро лоиқи ибодат намедонист.**"[2]

Иброҳим (а)-ро дастгир карда оварданд ва аз вай пурсиданд:

قَالُوا أَأَنْتَ فَعَلْتَ هَذَا بِآلِهَتِنَا يَا إِبْرَاهِيمُ

Тарҷума:

- "**Эй Иброҳим, оё ин кори бадро дар ҳаққи "худоён"-и мо ту кардӣ?!**"[3]

Иброҳим (а) гуфт:

---

[1] Ишора ба ояти рақами панҷову нуҳи сураи Анбиё
[2] Ишора ба ояти рақами шасти сураи Анбиё
[3] Ишора ба ояти рақами шасту дуюми сураи Анбиё

قَالَ بَلْ فَعَلَهُ كَبِيرُهُمْ هَذَا فَاسْأَلُوهُمْ إِنْ كَانُوا يَنْطِقُونَ

## Тарҷума:

- "**Не, ман накардаам, балки ҳо ана он бути калон ин корро кард. Аз худи бутҳо пурсед, ҳодисаро нақл мекунанд, агар гап задан тавонанд.**"[1]

Мардум медонистанд, ки ин бутҳо аз санг сохта шудаанд, медонистанд, ки сангҳо шунидан ва гап задан наметавонанд, медонистанд, ки бути калон ҳам санг аст ва аз ӯҳдаи роҳ гаштан, ҳаракат кардан ва бутшиканӣ намебарояд. Онҳо ба Иброҳим (а) гуфтанд, ту ҳам медонӣ, ки ин бутҳо гап задан наметавонанд.

Иброҳим (а) гуфт, пас, чаро ин бутҳоро мепарастед, дар ҳоле ки онҳо зарар ва фоида расонидан наметавонанд?! Пас, чаро ҳоҷатҳои худро аз ин бутҳои бекому забон мепурсед, дар ҳоле ки медонед онҳо гап задан ва шунидан наметавонанд?! Оё хатои худро намефаҳмед?! Оё ақлатонро кор намефармоед?!

Мардуми деҳа аз ин гуфтаҳои Иброҳим (а) ба хиҷолат афтиданд ва хомӯш монданд. Аммо...

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Шайтон бо ақли мушрикон сахт бозӣ мекунад;
2. Агар мушрикон каме ақлашонро ба кор дароранд, хато будани кори худро мефаҳманд;
3. Худо ҷавони бо имон ва парҳезгорро дӯст медорад;
4. Ҷавони бо имон ва парҳезгор рӯзи қиёмат зери сояи арши Худо қарор мегирад;
5. Ҷавонон бояд умри худро ғанимат донанд ва онро монанди Иброҳим (а) дар роҳи насиҳат ва ибодат сарф кунанд.

### ПУРСИШҲО

[1]Ишора ба ояти рақами шасту сеюми сураи Анбиё

1. Вақте мардум аз сайру тамошо бозгаштанд, аввал куҷо даромаданд?
2. Онҳо баъди ба бутхона даромадан чиро диданд?
3. Вақте бутҳои худро шикаста ёфтанд, чӣ гуфтанд?
4. Киро дар ин кор гунаҳгор медонистанд?
5. Иброҳим (а) баъди ҳозир шудан дар маҷлиси онҳо чӣ гуфт?
6. Бутпарастон дар ҷавоби Иброҳим (а) чӣ гуфтанд?
7. Оё Шумо мехоҳед даврони ҷавониатонро ба ибодати Худо ва парҳезгорӣ гузаронед?
8. Оё дӯстони Шумо ҷавонони бо имон ва парҳезгоранд?

## ДАРСИ ШАШУМ
## ОТАШИ САРД

Вақте мардуми деҳаи Иброҳим (а) фаҳмиданд, ки бутҳои сангини онҳоро ҳамин ҷавони яктопараст шикастааст, бо ҳам ҷамъ шуданд ва гуфтанд, бо ин ҷавон чӣ кор кунем?! Охир, Иброҳим (а) бутони моро шикаст ва худоёни моро паст зад!

Мардум аз якдигар мепурсиданд, ҷазои Иброҳим (а) чист? Вай чигуна бояд ҷазо дода шавад?! Ҷавоб ба ин савол чунин омад:

قَالُوا حَرِّقُوهُ وَانْصُرُوا آلِهَتَكُمْ إِنْ كُنْتُمْ فَاعِلِينَ

Тарҷума:

**"Иброҳим (а)-ро оташ занед ва худоёни худро кӯмак расонед."**[1]

Ҳамин тавр ҳам карданд. Онҳо оташи бисёр калон афрӯхтанд ва Иброҳим (а)-ро ба он андохтанд. Аммо Худованд ба Иброҳим (а) кӯмак расонид ва ба оташ гуфт:

قُلْنَا يَا نَارُ كُونِي بَرْدًا وَسَلَامًا عَلَى إِبْرَاهِيمَ

[1] Ишора ба ояти рақами шасту ҳаштуми сураи Анбиё

## Тарҷума:

**"Эй оташ! Барои Иброҳим (а) сард ва саломат бош!"**[1]

Бо хости Худованд ҳамин тавр шуд. Оташ барои Иброҳим (а) сард гашт, ӯро солим нигаҳ дошт ва ба вай зарар наовард. Мардум диданд, ки оташ барои Иброҳим (а) сард шуд ва ба вай зарар нарасонд. Диданд, ки Иброҳим (а) дар миёни гулу гулзор солиму хушҳол аст. Мардум аз ин ҳолат дар ҳайрат монда, ба даҳшат афтоданд, ки читавр оташи тафсон ба Иброҳим (а) зарар нарасонд.

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Мушрикон аз тарафи Шайтонҳо роҳнамоӣ мешаванд;
2. Ҷавонон имконияти ислоҳ ва вайрон кардани ҷамъиятро доранд;
3. Онҳо бояд имконияти ҷавонии худро барои ободӣ ва пешгирӣ кардани ширк ва куфр сарф кунанд;
4. Аллоҳ таоло бандагони неки худро ҳамчун Иброҳим (а) аз балоҳо нигоҳ медорад;
5. Худованд аз мӯъминон пуштибонӣ мекунад.

### ПУРСИШҲО

1. Мушрикон гирди ҳам ҷамъ омаданд ва барои Иброҳим (а) чӣ ҷазоро муносиб донистанд?
2. Вақте онҳо Иброҳим (а)-ро ба оташ партофтанд, Худо ба оташ чӣ фармон дод?
3. Бутпарастон Иброҳим (а) дар чӣ ҳолат диданд?
4. Оё Шумо аз имконияти ҷавонии худ барои ободии ҷомеа ва пешгирии ширку куфр истифода мебаред?

[1]Ишора ба ояти рақами шасту нуҳи сураи Анбиё

# ДАРСИ ҲАФТУМ
## ДАР ҶУСТУҶӮИ ПАРВАРДИГОР

Шабе аз шабҳо ҳазрати Иброҳим (а) ситораеро дар осмон дид ва гуфт, ин парвардигори ман аст. Ногаҳон бо дамидани субҳ он ситора аз чашм ноаён гашт ва Иброҳим (а) баъди дидани ин ҳолат гуфт, не, ин ситора парваридгори ман буда наметавонад. Зеро он боқӣ намонд ва аз байн рафт.

Шаби дигар моҳтобро дар осмон дид ва гуфт, шояд ана ин моҳтоб парвардигори ман аст. Аммо баъди дамидани субҳ моҳтоб ҳам аз чашм ноаён гашт ва Иброҳим (а) гуфт, не, ин ҳам парвардигори ман шуда наметавонад. Зеро боқӣ намонд ва аз байн рафт.

Вақте субҳ дамид ва саҳар шуду офтоб дурахшид, Иброҳим (а) ба тарафи он нигоҳ карда гуфт, шояд ана инаш парвардигори ман бошад. Чунки ин аз моҳтобу ситораҳо калонтар аст. Вале баъди омадани шаб офтоб ҳам аз чашм ноаён гашт ва Иброҳим (а) гуфт, не, ин ҳам парвардигори ман нест. Зеро боқӣ намонду аз байни рафт ва ман худоҳои аз байнравандаро дӯст намедорам.

Бояд касе Худо бошад, ки ҳаргиз намирад, ҳаргиз ноаён нашаваду ҳамеша боқӣ монад, боқувват бошад ва касе ӯро мағлуб карда натавонад.

Ситора заиф аст, зеро дамидани субҳ онро мағлуб мекунад!

Моҳтоб заиф аст, зеро тулуи офтоб онро мағлуб мекунад!

Офтоб ҳам заиф аст, зеро омадани шаб ва абрпораҳо онро мағлуб мекунанд!

Ситора ба ман ёрдам карда наметавонад, зеро он беқувват аст!

Моҳтоб ба ман ёрдам карда наметавонад, зеро он беқувват аст!

Офтоб ҳам ба ман кӯмак карда наметавонад, зеро он ҳам беқувват аст!

Ба ман фақат ва фақат Худованд ёрдам карда метавонад, зеро Вай ҳамеша зинда аст ва ҳеҷ гоҳ намемирад, доим боқӣ мемонад ва ҳаргиз аз байн намеравад, боқувват аст ва ҳеҷ чиз Ӯро шикаст дода наметавонад.

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Иброҳим (а) бо ин кори худ мехост ба дигарон фаҳмонад, ки ҳеҷ кас ғайри Худои ягона арзандаи ибодат нест;
2. Касе арзандаи ибодат аст, ки ҳамеша зиндаву поянда бошад;
3. Касе арзандаи ибодат аст, ки қудратманд бошад ва аз тарафи ҳеҷ кас шикаст нахӯрад;
4. Касе арзандаи ибодат аст, ки ҳамеша аз ҳоли бандагон огоҳ бошад ва хоб наравад.

## ПУРСИШҲО

1. Иброҳим (а) барои чӣ дар ҷустуҷӯи Худо баромад?
2. Вақте вай ситораҳои осмонро дид, чӣ гуфт?
3. Ҳангоми дидани моҳтоб чӣ гуфт?
4. Баъди дидани офтоб чӣ гуфт?
5. Чун офтоб нопадид шуд, чӣ гуфт?
6. Ба андешаи Иброҳим (а) кӣ сазовори Худо будан аст?
7. Оё ғайри Аллоҳ таоло касе арзандаи ибодат ҳаст?

# ДАРСИ ҲАШТУМ

## ПАРВАРДИГОРИ МАН АЛЛОҲ АСТ!

Иброҳим (а) баъд аз ин ҳолат аниқ донист, ки парвардигори ӯ фақат Аллоҳ таоло аст. Зеро Аллоҳ таоло ҳамеша зинда аст ва ҳаргиз намемирад, доим боқӣ мемонад ва ҳеҷ гоҳ аз байн намеравад ва боқувват аст, ҳеҷ чиз ӯро мағлуб карда наметавонад.

Иброҳим (а) донист, ки Аллоҳ таоло Парвардигори ситораҳо, моҳтобу офтоб ва тамоми олам аст.

Бо ҳамин Худованд ҳазрати Иброҳим (а)-ро раҳнамоӣ кард ва ӯро дӯсти худ ва пайғомбар гардонид. Аз ин ба баъд Худованд ба Иброҳим (а) фармон дод, ки ҳамдеҳагонашро ба дини яктопарастӣ даъват кунад ва онҳоро аз бутпарастӣ манъ созад!

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Аллоҳ таоло Зоти ҳамеша зинда аст;
2. Аллоҳ таоло Зоти ҳамеша поянда аст;
3. Аллоҳ таоло бар ҳама кас ва ҳама чиз ғолиб аст;
4. Аллоҳ таоло ҳаргиз аз тарафи касе шикаст намехӯрад;
5. Аллоҳ таоло ба касе ва чизе ҳоҷат надорад;
6. Ҳамаи мавҷудот муҳтоҷи Аллоҳ таоло ҳастанд;
7. Касе, ки поянда нест, арзандаи ибодат ҳам нест;
8. Касе, ки ба хӯрдану нӯшидан ниёз дорад, арзандаи ибодат нест;
9. Касе, ки ба зану фарзанд ниёз дорад, арзандаи ибодат нест;
10. Ҳеҷ кас дар ягон сифат ба Аллоҳ таоло монандӣ надорад;
11. Аллоҳ таоло Иброҳим (а)-ро барои худ чӣ гирифт ва ба вай чӣ фармон дод?

## ПУРСИШҲО

1. Вақте Иброҳим (а) аз байн рафтани ситорагон ва моҳтобу офтобро дид, ба чӣ хулоса омад?
2. Оё Аллоҳ таоло ба хӯрдан ва нӯшидан ҳоҷат дорад?
3. Оё Аллоҳ таоло ба зану фарзанд ҳоҷат дорад?
4. Оё Аллоҳ таоло ба хоб кардан ва истироҳат ҳоҷат дорад?
5. Касе, ки ба хӯрдан ва нӯшидан ниёз дорад, Худо будан метавонад?
6. Оё Шумо мардумро монанди Иброҳим (а) ба яктопарастӣ даъват мекунед?

## ДАРСИ НУҲУМ

## ИБРОҲИМ ЪАЛАЙҲИ-С-САЛОМ ҲАМДЕҲАГОНАШРО СӮИ ХУДО МЕХОНАД

Баъд аз ин Иброҳим (а) ҳамдеҳагонашро ба сӯйи Худо даъват мекард ва онҳоро аз бутпарастӣ боз медошт.

Иброҳим (а) ба қавмаш гуфт:

- Чиро мепарастед?

- Қавмаш дар ҷавоб гуфтанд: "**Мо бутҳоямонро мепарастем.**"

- Иброҳим (а) пурсид, вақте шумо онҳоро ибодат мекунед, оё онҳо гапҳои шуморо мешунаванд? Ё ин ки онҳо ба шумо зарар ё фоида оварда метавонанд?!

- Қавмаш дар ҷавоб гуфтанд, не, инҳо гапҳои моро намешунаванд ва ба мо зарару фоида оварда наметавонанд, фақат ҳаминки мо падаронамонро дидем бутҳоро ибодат мекунанд ва мо ҳам аз падаронамон пайравӣ мекунем.

Иброҳим (а) гуфт, ман бошам ин бутҳои аз санг сохтаи шуморо намепарастам, балки бо онҳо душман ҳастам. Ман Парвардигори оламро ибодат мекунам,

الَّذِي خَلَقَنِي فَهُوَ يَهْدِينِ (78) وَالَّذِي هُوَ يُطْعِمُنِي وَيَسْقِينِ (79) وَإِذَا مَرِضْتُ فَهُوَ يَشْفِينِ (80) وَالَّذِي يُمِيتُنِي ثُمَّ يُحْيِينِ

### Тарҷума:

**"Он Касеро, ки маро офарид ва дар ҳама корам маро раҳнамоӣ мекунад, агар гурусна ва ташна монам, ба ман хӯрданӣ ва нӯшиданӣ медиҳад, агар бемор шавам, ба ман шифо мебахшад ва маро мемиронад ва дар рӯзи қиёмат аз нав зинда мегардонад."**[1]

[1] Ишора ба оятҳои рақами ҳафтод то ҳаштоду якуми сураи Шуаро

Аммо ин бутҳои сохтаи шумо  чизеро халқ накардаанд ва ҳеҷ касро раҳнамоӣ карда ҳам наметавонанд, ба касе аз ӯҳдаи додани таому шаробнамебароянд, агар шахс бемор шавад, ба вай шифо дода наметавонанд ва қудрати миронидан ва зинда кардан надоранд.

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Даъват кардани мардум ба сӯи Худои ягона кори пуршараф ва пайравӣ ба паёмбарони Худо аст;
2. Ҳангоми насиҳати мардум бояд коре кард, ки худи онҳо ба хато будани андешаҳояшон пай баранд ва қаноат ҳосил кунанд;
3. Дар маъсият пайравӣ кардан аз гузаштагон нодуруст ва манъ аст;
4. Аллоҳ таоло Офаридгори ҳама мавҷудот аст;
5. Фақат Аллоҳ таоло метавонад бандаро ба роҳи дуруст ҳидоят кунад ва паёмбарон роҳнамои мардум ҳастанд;
6. Аллоҳ таоло Зоти ризқрасон аст;
7. Фақат Аллоҳ таоло қудрати шифо додан аз бемориҳоро дорад;
8. Марг ва зиндагӣ дар дасти Аллоҳ таоло аст ва касе бе иҷозати Вай ҳеҷ касро кушта наметавонад;
9. Ҳар кас аз ғайри Аллоҳ таоло шифо хоҳад, олудаи гуноҳи ширк гашта аст;
10. Ҳар кас ризқро аз ғайри Аллоҳ таоло донад, ба Худо ширк оварда аст.

## ПУРСИШҲО

1. Иброҳим (а) аз қавмаш чӣ пурсид?
2. Қавми Иброҳим (а) ба вай чӣ посух доданд?
3. Онҳо дар ин ҷинояти худ ба кӣ тақлид мекарданд?
4. Иброҳим (а) дар ҷавоби онҳо чӣ гуфт?
5. Вай кадом сифатҳои Худоро барояшон номбар кард?
6. Оё касе ғайри Худо шифо бахшида метавонад?
7. Оё касе ғайри Худо ризқ дода метавонад?

8. Оё мушрикон аз оташ дӯзах наҷот меёбанд?
9. Оё Худо мушриконро дӯст медорад?

## ДАРСИ ДАҲУМ
## ИБРОҲИМ ЪАЛАЙҲИ-С-САЛОМ ВА ПОДШОҲ

Дар шаҳре, ки Иброҳим (а) зиндагӣ мекард, як подшоҳи бисёр боҳайбат ва золим буд. Мардум дар пеши он подшоҳ саҷда мекарданд ва ӯро ибодат мекарданд. Он подшоҳи золим хабардор шуд, ки Иброҳим (а) фақат пеши Худованди ягона саҷда мекунад ва дигар назди касе саҷда намекунад. Подшоҳ аз ин кори Иброҳим (а) бисёр қаҳраш кард ва ӯро назди худ даъват кард.

Иброҳим (а) назди он подшоҳи золим омад. Иброҳим (а)ба ғайр аз Худои ягонааз ҳеҷ каснаметарсид.

Подшоҳ аз Иброҳим (а) пурсид:

- Парвардигори ту кист?

Иброҳим (а) гуфт:

- Парвардигори ман Аллоҳ аст!

Он подшоҳ пурсид:

- Эй Иброҳим! Аллоҳ кист?

Иброҳим (а) гуфт:

- Аллоҳ касе аст, ки қудрати миронидан ва зинда кардан дорад!

Подшоҳи золим гуфт:

قَالَ أَنَا أُحْيِي وَأُمِيتُ

**Тарҷума:**

- "**Ман ҳам ин корро кардан метавонам.**"[1]

---

[1]Ишора ба ояти рақами ду саду панҷову ҳашти сураи Бақара

Он подшоҳи беақл як марди бегуноҳро даъват кард ва дар назди Иброҳим (а) ӯро кушт ва як марди дигарро аз зиндон озод кард. Баъд гуфт, мана марҳамат, ман ҳам қудрати куштан ва аз нав зинда карданро дорам. Он подшоҳ бисёр-бисёр беақл ва гарангу кундфаҳм буд. Асосан ҳама мушрикон ҳамин хеланд.

Иброҳим (а) хост, ки ҳам он подшоҳ ва ҳам қавмаш ин беақлӣ, гарангӣ ва арзандаи ибодат набуданашро фаҳманд. Иброҳим (а) ба он подшоҳ гуфт:

قَالَ إِبْرَاهِيمُ فَإِنَّ اللَّهَ يَأْتِي بِالشَّمْسِ مِنَ الْمَشْرِقِ فَأْتِ بِهَا مِنَ الْمَغْرِبِ فَبُهِتَ الَّذِي كَفَرَ وَاللَّهُ لَا يَهْدِي الْقَوْمَ الظَّالِمِينَ

**“Парвардигори ман ҳар рӯз офтобро аз самти машриқ мебарорад, пас, агар ту дар ҳақиқат "худо" бошӣ, офтобро аз самти мағриб барор**."[1]

Подшоҳ аз ин талаби Иброҳим (а) дар ҳайрат афтод ва хомӯш шуда, дар ҳолати хиҷолат монд ва ҷавоб пайдо накард.

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Подшоҳони золим доим кӯшиш мекунанд, ки мардумро ғуломи худ кунанд, то тахти шоҳиашон аз даст наравад;
2. Подшоҳони золим аз даъватгарони ростин ҳарос доранд, зеро онҳо даъватгарони роҳи Худоро барои аз даст рафтани тахти худ хатарнок мешуморанд;
3. Паёмбарон ғайри Худо аз дигар кас наметарсиданд ва пайравонашон низ бояд ҳамин хел бошанд;
4. Мушрикон ақли солим надоранд, зеро агар ақли солим медоштанд, ҳеҷ гоҳ ғайри Худоро ибодат намекарданд;
5. Ҳақиқат дер ё зуд пирӯз мегардад;
6. Ботил дер ё зуд шикаст мехӯрад.

## ПУРСИШҲО

[1]Ишора ба ояти рақами ду саду панҷову ҳашти сураи Бақара

1. Подшоҳи замони Иброҳим (а) чигуна одам буд?
2. Мардум дар назди вай чӣ кор мекарданд?
3. Вай барои чӣ Иброҳим (а)-ро пеши худ даъват кард?
4. Аз Иброҳим (а) чӣ пурсид ва Иброҳим (а) чӣ ҷавоб дод?
5. Вақте Иброҳим (а) сифатҳои Аллоҳ таолоро гуфт, подшоҳ чӣ гуфт ва чӣ кор кард?
6. Иброҳим (а) аз вай чӣ талаб кард?
7. Оё назди махлуқ саҷда кардан дуруст аст?
8. Оё мушрикон ақли солим доранд?
9. Оё Худо мушриконро мебахшад?

## ДАРСИ ЁЗДАҲУМ

## ИБРОҲИМ (А) ПАДАРАШРО БА СӮИ ХУДО ДАЪВАТ МЕКУНАД

Иброҳим (а) қасд кард, ки падари худашро низ ба сӯйи Худо даъват кунад. Рӯзе аз рӯзҳо ба вай гуфт:

- **“Падарҷон! Чаро бутҳоеро ибодат мекунӣ, ки на мешунавад ва на мебинад?!**
- **Чаро чизеро ибодат мекунӣ, ки зарар ва фоида расонида наметавонад?!**
- **Падарҷон! Хоҳиш мекунам, Шайтонро ибодат макун!**
- **Падарҷон! Хоҳиш мекунам, фақат Худованди бахшандаро ибодат кун!**”[1]

Падари Иброҳим (а) аз ин гапҳои писараш сахт қаҳраш кард ва гуфт, дигар гап назан ва маро ба ҳолам гузор. Агар хомӯш нашавӣ, мезанамат.[2]

قَالَ أَرَاغِبٌ أَنْتَ عَنْ آلِهَتِي يَا إِبْرَاهِيمُ لَئِنْ لَمْ تَنْتَهِ لَأَرْجُمَنَّكَ وَاهْجُرْنِي مَلِيًّا

[1]Ишора ба оятҳои рақами чилу ду, чилу се ва чилу чори сураи Марям
[2]Ишора ба ояти рақами чилу шаши сураи Марям

Иброҳим (а) ҷавони мулоим ва ба падару модараш меҳрубон бод. Иброҳим (а) дар ҷавоби падараш гуфт:

قَالَ سَلَامٌ عَلَيْكَ سَأَسْتَغْفِرُ لَكَ رَبِّي إِنَّهُ كَانَ بِي حَفِيًّا

## Тарҷума:

**“Падарҷон! Ҳарчи мехоҳед, дар ҳаққи ман бигӯед, аммо аз ман ба Шумо ҳеҷ гоҳ зарар намерасад.”**[1]

Иброҳим (а) гуфт, ман аз ин шаҳр меравам ва ба ибодати Худои худам машғул мешавам.[2]

Иброҳим (а) қасд кард, ки аз ватанаш ба кишвари дигар берун равад ва мардумро ба сӯйи Худо даъват карда, худаш ҳам ба ибодати Худованд машғул шавад.

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Ҷавони мусулмон бояд тарзи дурусти муомила бо падару модарро аз Иброҳим (а) омӯзад;
2. Гуфтори нек бо мардум ибодат аст;
3. Мӯъмин бадгуфтор намешавад;
4. Ҳар кас ба гуноҳ даст мезанад, пас, гӯё Шайтонро ибодат карда аст;
5. Бузургтарин орзӯи Шайтон олуда шудани инсон ба гуноҳи куфр ва ширк аст;
6. Шайтон душмани ошкори инсон аст;
7. Фарзанди бо имон ба падару модар зарар намерасонад.

## ПУРСИШҲО

1. Иброҳим (а) чӣ қасд кард?
2. Вай падарашро бо кадом лаҳни гуфтор даъват кард?
3. Иброҳим (а) аз падараш чӣ хоҳиш кард?
4. Падари Иброҳим (а) баъди шунидани гапҳои писараш дар кадом ҳолат қарор гирифт ва чӣ кор кард?
5. Иброҳим (а) дар ҷавоби падараш чӣ гуфт?

[1] Ишора ба ояти рақами чилу ҳафти сураи Марям
[2] Ишора ба ояти рақами чилу ҳашти сураи Марям

6. Оё озор додани падару модар дуруст аст?
7. Бузургтарин орзӯи Шайтон чист?

## ДАРСИ ДУВОЗДАҲУМ
## РОҲ БА СӮЙИ МАККА

Ҳамдеҳагони Иброҳим (а) бо подшоҳу падараш аз вай сахт ба қаҳр омаданд.

Барои ҳамин Иброҳим (а) қасд кард, ки аз ватанаш ба шаҳри дигар равад ва мардумро ба дини Худо даъват карда, худаш ҳам ба ибодати Худои ягона машғул шавад.

Иброҳим (а) бо падараш Худоҳофизӣ кард ва аз шаҳраш берун рафт. Иброҳим (а) қасд кард, ки ба тарафи сарзамини Маккаи мукаррама равад. Ҳамсараш Ҳоҷар ҳам ҳамроҳаш буд.

Он замон дар Маккаи мукаррама гиёҳу дарахт набуд.

Он замон дар Маккаи мукаррама чоҳу ҷӯйбор набуд.

Он замон дар Макка инсонҳо ва ҳатто ҳайвонот ҳам зиндагӣ намекарданд.

Вақте Иброҳим (а) ба сарзамини Макка расид, он ҷо фуруд омад. Вай ҳамсараш Ҳоҷар ва писараш Исмоилро дар ҳамин сарзамини беобу алаф гузошт.

Вақте Иброҳим (а) хост аз онҷо биравад, ҳамсараш Ҳоҷар ба вай гуфт, Хоҷаам, ба куҷо меравед? Оё моро дар инҷо танҳо мегузоред?! Оё маро бо фарзандатон дар ҳамин сарзамини беобу алаф гузошта меравед?! Оё Худованд Шуморо ба ин кор фармон додааст?!

Ҳазрати Иброҳим (а) гуфтанд, бале, ин фармони Худованд аст.

Вақте Ҳоҷар ин гапро аз шавҳараш шунид, гуфт: “**Ин тавр бошад, биравед ва аз пайи коратон шавед. Зеро Худованд моро танҳо намегузорад ва зоеъ намекунад.**”

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Золимон тоқати шунидани сухани ҳақро надоранд;
2. Аз гуфтани гапи ҳақ агарчи талх аст, даст макаш;
3. Паёмбарони Худо (а) барои озодона ибодат кардани Худо ватани худро тарк кардаанд;
4. Яке аз мақсадҳои Иброҳим (а) аз тарки ватан пайдо кардани макони муносиб барои насиҳати мардум буд;
5. Паёмбарони Худо (а) ҳеҷ гоҳ насиҳат ва даъвати мардумро тарк намекарданд ва бояд пайравони онҳо низ ҳамин тавр бошанд;
6. Маккаи мукаррама муқаддастарин макон дар замин аст;
7. Ёри парҳезгор Аллоҳ аст;
8. Аллоҳ таолоро ёд кунед, то шуморо ёд кунад ва ба фарёдатон бирасад.

## ПУРСИШҲО

1. Кӣ ва барои чӣ аз Иброҳим (а) сахт ба ғазаб омад?
2. Чаро Иброҳим (а) тарки ватан кард?
3. Он замон Макка чигуна сарзамин буд?
4. Иброҳим (а) дар Маккаи мукаррама Ҳоҷари ҳамсарашро бо кӣ танҳо гузошт?
5. Ҳоҷар аз Иброҳим (а) чӣ пурсид?
6. Иброҳим (а) ба Ҳоҷар чӣ гуфт?
7. Ҳоҷар сухани шавҳарашро чигуна қабул кард?
8. Оё Шумо дӯст медоред ҳамеша дар ҳимояи Худо бошед?
9. Барои дар ҳимояи Худо қарор гирифтан чӣ бояд кард?

# ДАРСИ СЕЗДАҲУМ

## ЧОҲИ ЗАМ-ЗАМ

Як рӯз Исмоил (а) сахт ташна монд ва модараш хост, ки ба вай об диҳад, аммо дар ин биёбони беалаф об аз куҷост?!

Охир, Макка сарзамине буд, ки дар он умуман об набуд!

Охир, Макка сарзамине буд, ки дар он умуман чоҳ набуд!

Ҳоҷари модари Исмоил (а) барои фарзанди хурдсолаш ба чаҳор тараф медавид. Дар байни кӯҳи Сафо ва Марва медавид, то дар ҷое об пайдо кунад.

Дар ҳамин ҳолат Худованд Ҳоҷар ва Исмоил (а)-ро кӯмак кард ва барои онҳо аз замин об пайдо кард. Аз замин об мебаромад, Ҳоҷар аз он менӯшид ва Исмоили хурдсол ҳам аз он менӯшид, аммо он об тамом намешуд. Рафта-рафта ҷойи он об мисли чоҳ шуд ва он чоҳ ба номи Зам-зам машҳур гашт.

Худованд дар оби Зам-зам баракат дод. Ин ҳамон чоҳест, ки ҳоҷиҳо дар Маккаи мукаррама аз оби он менӯшанд ва барои хонаводаву дӯстонашон аз он меоранд. Оё ту аз ин об нӯшидаӣ?!

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Об додани одами ташна савоби калон аст;
2. Модар барои фарзанд бисёр меҳрубон аст, пас, бояд ба қадри меҳнатҳои вай расид;
3. Нӯшидани оби Зам-зам дар ҳолати рост истодан аз суннати Паёмбар (с) аст;
4. Оби Зам-зам бобаракаттарин оби рӯи замин аст;
5. Ҳар кас оби Зам-замро ба ҳар қасде нӯшад, ба ҳамон мерасад;[1]
6. Бурдани оби Зам-зам аз Маккаи мукаррама ба ватани худ савоб аст;[1]

[1]Мазмуни ҳадиси Паёмбар (с) аст, ки дар ривояти Ибни Моҷа, Аҳмад ва ғайра омада аст.

## ПУРСИШҲО

1. Исмоил (а) чӣ шуд ва модараш чӣ кор кард?
2. Макка чигуна сарзамин буд?
3. Модари Исмоил (а) барои пайдо кардани об байни кадом кӯҳҳо медавид?
4. Онҳо аз куҷо оби нӯшокӣ пайдо карданд?
5. Чоҳе, ки Исмоил (а) бо модараш аз он об нӯшиданд, чӣ ном дорад?
6. Оё Шумо ягон маротиба аз ин об нӯшидаед?
7. Оё Шумо орзӯи аз он об нӯшиданро доред?
8. Агар Худо бароятон нӯшидани оби Зам-замро насиб кунад, ба кадом ният аз он менӯшед?

[1]Гӯяндаи сухани боло Имом Шавконӣ (р) аст. (Иқтибос аз китоби Миръот-ул-мафотиҳ шарҳу Мишкот-ал-масобиҳ”-и шайх Абулҳасан Убайдуллоҳ ибни аллома Муҳаммад Абдуссаломи Муборакпурӣ

## ДАРСИ ЧОРДАҲУМ
## ХОБ ДИДАНИ ИБРОҲИМ ЪАЛАЙҲИ-С-САЛОМ

Баъд аз чанд вақт Иброҳим (а) ба Маккаи мукаррама баргашт. Иброҳим (а) дар Макка бо ҳамсараш Ҳоҷар ва писараки ширинаш Исмоил (а) вохӯрд ва аз дидани Исмоил (а) бисёр хурсанд шуд. Он замон Исмоил (а) кӯдаки хурдсол буд.Медавид, бозӣ мекард ва бо падараш ба сайру гашт мебаромад. Иброҳим (а) Исмоил (а)-ро хеле зиёд дӯст медошт.

Яке аз шабҳо ҳазрати Иброҳим (а) дар хоб дид, ки Исмоили писарашро бо корд забҳ карда истодааст. Иброҳим (а) паёмбари ростқавл буда, хобаш ҳам ҳақиқат дошт ва дурӯғ набуд.

Иброҳим (а) дӯсти бисёр-бисёр наздики Худованд буд ва Худованд мехост, ки дӯсташ Иброҳим ҳар он чиро, ки мехоҳад, иҷро кунад.

Вақте ҳазрати Иброҳим (а) аз хоб бедор шуд, писараш Исмоилро наздаш хонд ва хоби дидаашро ба вай нақл карда гуфт:

قَالَ يَا بُنَيَّ إِنِّي أَرَى فِي الْمَنَامِ أَنِّي أَذْبَحُكَ فَانْظُرْ مَاذَا تَرَى

### Тарҷума:

**“Ман дишаб дар хоб дидам, ки туро бо корд забҳ карда истодаам. Ту дар ин бора чӣ фикр дорӣ**?!”[1]

Исмоили хурдсол, ки ҷавони Худодӯст буд, ба падараш гуфт:

قَالَ يَا أَبَتِ افْعَلْ مَا تُؤْمَرُ سَتَجِدُنِي إِنْ شَاءَ اللَّهُ مِنَ الصَّابِرِينَ

### Тарҷума:

[1]Ишора ба ояти рақами як саду дуи сураи Соф-фот

**“Падарҷон! Худованд ҳарчи ба Шумо фармон додааст, иҷро кунед. Худо хоҳад, маро дар ин бора бандаи босабр меёбед.”**[1]

Иброҳим (а) писараш Исмоил (а)-ро бо як корди тез гирифта аз хона берун рафт. Вақте ба назди кӯҳи Мино расид, хост Исмоил (а)-ро забҳ кунад. Исмоил (а) дарҳол паҳлӯи худро ба замин монд ва барои забҳ тайёр шуд. Иброҳим (а) кордро дар гардани Исмоил (а) гузошт ва хост ӯро забҳ кунад. Аммо Худованд бо ин санҷиш мехост маълум кунад, ки оё Иброҳим (а) тамоми гуфтаҳои Аллоҳ таолоро иҷро мекунад?! Оё Иброҳим (а) Аллоҳ таолоро аз фарзандаш дида зиёдтар дӯст медорад?! Албатта, Худованд медонист, ки Иброҳим (а) Худоро аз ҳама зиёдтар дӯст медорад, аммо Худованд мехост барои мо пайравони Иброҳим (а) нишон диҳад, ки бояд Аллоҳ таолоро аз ҳама чиз бисёртар дӯст дорем ва тамоми гуфтаҳояшро иҷро кунем.

Иброҳим (а) аз ин имтиҳон бо сари баланд гузашт.

Худованд ба Ҷабраил (а) фармон дод, ки аз биҳишт қучқореро ба Иброҳим бибар ва бигӯ, ана ин қучқорро дар ивази Исмоил (а) забҳ кун.

Худованд ин кори Иброҳим (а)-ро дӯст дошт ва ба ҳама мусалмонон фармон дод, ки дар рӯзи иди Қурбон қурбонӣ кунанд.

سَلَامٌ عَلَى إِبْرَاهِيمَ !

**Салавоту саломи Худованд бар Иброҳим (а)!**

**Салавоту саломи Худованд бар Исмоил (а)!**

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Хоби паёмбарони Худо (а) ҳақ ва рост аст;
2. Паёмбарони Худо (а) ҳам дар бедорӣ ва ҳам дар хоб аз Худо паём мегирифтанд;

---

[1]Ишора ба ояти рақами як саду дуи сураи Соф-фот

3. Паёмбарон (а) ҳаргиз дурӯғ намегӯянд;
4. Дурӯғ гуфтан гуноҳи азим аст;
5. Бандаи мусулмон дурӯғгӯ намешавад;
6. Худо бандагони нек ва парҳезгорашро дӯст медорад;
7. Бандаи ҳақиқӣ ҳама гуфтаҳои Худову паёмбарро ба ҷону дил қабул мекунад ва ба ҷо меорад;
8. Дар корҳои зарурӣ маслиҳат кардани падар бо писар аз сифоти паёмбарони Худо (а) аст;
9. Ба падар ва модар маслиҳати хуб додан аз ахлоқи мусулмонон аст;
10. Дар сахтиҳо сабр кардан ахлоқи паёмбарони Худо (а) аст;
11. Дӯст доштани Аллоҳ таоло яке аз шартҳои асосии мусулмон будан аст;
12. Мусулмон Худову Паёмбар (с)-ро аз ҳама чиз, ҳатто аз ҷонаш зиёдтар дӯст медорад;
13. Қурбонӣ кардан аз Иброҳим (а) мерос монда аст.

## ПУРСИШҲО

1. Иброҳим (а) баъди чанд вақт ба куҷо баргашт?
2. Вай дар Макка бо кӣ вохӯрд?
3. Оё Иброҳим (а) аз дидани писараш хурсанд шуд?
4. Иброҳим (а) дар хоб чӣ дид?
5. Исмоил (а) дар бораи хоби дидаи падараш чӣ гуфт?
6. Барои чӣ Худо Иброҳим (а)-ро ба куштани писараш фармон дод?
7. Мо аз ин кори Иброҳим (а) чӣ ибрат мегирем?
8. Қурбонӣ кардан аз кӣ мерос монда аст?
9. Оё Шумо Худоро сидқан ва аз ҷонатон бештар дӯст медоред?
10. Агар шахс Худоро дӯст надорад, мусулмон ҳисоб мешавад?
11. Барои дӯст доштани Худо чӣ бояд кард?

# ДАРСИ ПОНЗДАҲУМ
## ХОНАИ КАЪБА

Баъд аз ин ҳодиса Иброҳим (а) аз кӯҳи Мино баргашт ва хост барои ибодати Худованд хонасозад. Мардуми он замон хонаҳои бисёр доштанд, аммо барои ибодати Худованд хонаи алоҳида набуд. Исмоил (а) ҳам мехост дар сохтани хонаи Худо ба падараш кӯмак расонад.

Иброҳим (а) бо писари хурдсолаш Исмоил (а) аз кӯҳҳо санг мекашиданд. Иброҳим ва Исмоил (а) бо дастони худашон хонаи Худоро месохтанд.

Иброҳим (а) Худоро ёд мекард ва дуо мекард.

Исмоил (а) ҳам Худоро ёд мекард ва дуо мекард.

Онҳо якҷоя мегуфтанд:

رَبَّنَا تَقَبَّلْ مِنَّا إِنَّكَ أَنْتَ السَّمِيعُ الْعَلِيمُ

### Тарҷума:

**“Худоё, ин корҳои моро қабул кун; зеро Ту дар ҳақиқат шунаво ва доно ҳастӣ.”**[1]

Худованд дуои Иброҳим ва Исмоил (а)-ро қабул кард. Бубинед, мо дар ҳар намоз ба тарафи хонаи Каъба рӯй меоварем. Мусулмонон дар мавсими ҳаҷ барои зиёрати ин хона мераванд, дар гирди он тавоф мекунанд ва намоз мехонанд.

Худованд дар хонаи Каъба баракат дод ва дуои Иброҳиму Исмоил (а)-ро қабул кард.

Салавоту саломи Худо бар Иброҳим (а)!

Салавоту саломи Худо бар Исмоил (а)!

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

[1]Ишора ба ояти рақами як саду бисту ҳашти сураи Бақара

1. Масҷидҳо хонаҳои Худо дар рӯи замин ҳастанд;
2. Обод кардани масҷид бо ибодати Худо нишонаи имондорӣ аст;
3. Ҳар кас ба хотири Худо масҷид месозад, Аллоҳ таоло дар ивази он дар биҳишт барояш хона месозад;
4. Золимтарин инсон касе аст, ки мардумро аз масҷид манъ мекунад ва дари масҷидро барои онҳо мебандад;
5. Бандаи мӯъмин дар масҷид монанди моҳӣ дар даруни об аст;
6. Масҷид ҷойи тарбияи бандагони Худо аст;
7. Масҷид ҷойи ҷамъшавии мусулмонон ва аз ҳоли якдигар хабардор шудани онҳост;
8. Ёди Худо дилҳоро ором мегардонад;
9. Худованд ҳама гапҳои бандаро мешунавад. Барои ҳамин бояд банда коре кунад, ки аз даҳонаш гапҳои бад набарояд;
10. Барои бойҳо дар умр як бор зиёрат кардани Хонаи Худо фарз аст;
11. Хонаи Каъба ҷойи бобаракат аст.

## ПУРСИШҲО

1. Вақте Иброҳим (а) аз кӯҳи Мино баргашт, чӣ кор кард?
2. Дар ин кор ба Иброҳим (а) кӣ кӯмак мекард?
3. Иброҳим ва Исмоил (а) аз куҷо санг мекашиданд?
4. Онҳо ба Худованд чӣ гуфтанд?
5. Зиёрат кардани Хонаи Худо чӣ ҳукм дорад?
6. Худованд ба Хонаи Каъба чӣ дод?
7. Масҷидҳо дар замин чӣ ҳисоб мешаванд?
8. Сохтани масҷид чӣ мукофот дорад?
9. Золимтарин инсон кист?
10. Оё Шумо ягон маротиба дар корҳои масҷидсозӣ кӯмак кардаед?

# ДАРСИ ШОНЗДАҲУМ
## БАЙТ-УЛ-МУҚАДДАС

Иброҳим (а) зани дигаре дошт ва номи вай Сора (а) буд. Иброҳим (а) аз ҳамсари дуюмаш Сора (а) писаре ба номи Исҳоқ (а) дошт.

Баъд аз он Иброҳим (а) дар Шом зиндагӣ мекард. Исҳоқ (а) ҳам дар ҳамин сарзамин зиндагӣ мекард.

Рӯзе аз рӯзҳо Исҳоқ (а) дар сарзамини Шом барои ибодати Худованд хона сохт, ҳамон тавре падару бародараш дар Маккаи мукаррама масҷид сохтанд.

Ҳамин хонае, ки Исҳоқ (а) барои ибодати Худованд дар Шом сохт, Байт-ул-муқаддас буд. Ин ҳамон Масҷиди Ақсое аст, ки Худованд дар атрофи он баракат додааст.

Худованд дар насли Исҳоқ (а) баракат дод, читавре дар фарзандони Исмоил (а) баракат дода буд. Аз байни фарзандони онҳо подшоҳон ва паёмбарони Худо пайдо шуданд.

Исҳоқ (а) писаре бо номи Яъқуб (а) дошт ва вай паёмбари Худо буд.

Яъқуб (а) дувоздаҳ писар дошт, ки яке аз онҳо Юсуф (а) писараки бисёр-бисёр зебо буд.

Дар Қуръони карим дар бораи Юсуфи зебо (а) қиссаи хело аҷоиб нақл шудааст.

Марҳамат, қиссаи Юсуфи зеборо бо диққат бихон ва аз он лаззат бибар!

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Исмоил ва Исҳоқ бародари якдигаранд;
2. Исмоил аз Ҳоҷари ҳамсари Иброҳим (а) ба дунё омада аст;
3. Исҳоқ аз Сораи ҳамсари дигари Иброҳим (а) ба дунё омада аст;

4. Агар падар инсони нек ва парҳезгор бошад, фарзанд дар корҳои нек ба вай пайравӣ мекунад;
5. Масҷиди Ақсо баъд аз Хонаи Каъба ва Масҷиди Паёмбар (а) муқаддастарин макон дар замин аст;
6. Масҷиди Ақсо макони муборак аст;
7. Худо дуои дӯстонашро рад намекунад;
8. Худованд дуои падарро дар ҳаққи фарзандон қабул мекунад;
9. Яке аз соатҳои қабул шудани дуо баъди намозҳои фарз аст;
10. Луқмаи ҳалол шарти қабул шудани дуо аст;
11. Худованд дуои бандаи ғофилро қабул намекунад.

## ПУРСИШҲО

1. Ҳамсари дуюми Иброҳим (а) чӣ ном дошт?
2. Номи писари дуюми Иброҳим (а) чӣ буд?
3. Иброҳим (а) дар куҷо зиндагӣ мекард?
4. Исҳоқ (а) дар куҷо зиндагӣ мекард?
5. Ҳазрати Исҳоқ (а) дар кадом сарзамин барои ибодати Худо хона сохт ва номи он чӣ буд?
6. Аз насли Исҳоқ ва Исмоил киҳо ба дунё омаданд?
7. Номи яке аз писарони Исҳоқ (а) чӣ буд ва аз вай чанд писар ба дунё омада аст?
8. Зеботарин қиссаи Қуръони карим кадом аст?
9. Муқаддастарин сарзамин баъди Макка ва Масҷиди Паёмбари Худо (с) кадом аст?
10. Оё мехоҳед Худованд дуои Шуморо қабул кунад?
11. Шарти қабул шудани дуо чист?

# БЕҲТАРИН ҚИССАИ ҚУРЪОН

## ДАРСИ ЯКУМ
## ХОБИ ҲАЙРАТОВАР

Юсуф (а) писараки хурдсол буд. Вай ёздаҳ бародар дошт. Юсуф (а) писараки бисёр зебо ва боақлу заковат буд. Падараш Яъқуб (а) ӯро аз ҳама писаронаш зиёдтар дӯст медошт.

Яке аз шабҳо Юсуф (а) хоби ҳайратоваре дид.

Дар хобаш дид, ки ёздаҳ ситора ва офтобу моҳтоб дар пешаш саҷда мекунанд.

Юсуф (а) аз ин хоби дидааш бисёр дар ҳайрат монд. Маънои ин хобро нафаҳмид, ки читавр ситораҳову офтобу моҳтоб дар пеши шахс саҷда мекунанд?! Юсуфи хурдсол (а) назди падараш Яъқуб (а) рафт ва хоби ҳайратовари дидаашро нақл кард. Вай ба падараш гуфт:

إِذْ قَالَ يُوسُفُ لِأَبِيهِ يَا أَبَتِ إِنِّي رَأَيْتُ أَحَدَ عَشَرَ كَوْكَبًا وَالشَّمْسَ وَالْقَمَرَ رَأَيْتُهُمْ لِي سَاجِدِينَ

### Тарҷума:

**“Эй Падарҷон! Ман дар хобам ёздаҳ ситора ва офтобу моҳтобро дидам, ки наздам саҷда мекарданд.”**[1]

Яъқуб (а) падари Юсуф ва паёмбари Худо буд. Яъқуб аз шунидани ин хоби писараки зебояш бисёр хурсанд шуд ва гуфт, Худованд бароят баракат диҳад, Юсуфҷон. Ту ҳатманояндаи дурахшон дорӣ, писаракам! Ин хоби ту бароят хушхабар аст, ки дар оянда соҳиби дониш мешавӣ ва ба мақоми паёмбарӣ мерасӣ. Худованд пеш аз ту ба бобоят Исҳоқ (а) ва бобокалонат Иброҳим (а) некии бисёр карда ва неъмати зиёд дода буд. Ҳатман Худованд бар ту ва бар ҳама фарзандони Яъқуб (а) некӣ мекунад ва неъмати зиёд медиҳад.

---

[1]Ишора ба ояти рақами чоруми сураи Юсуф (а)

Яъқуб (а) марди солхурда буд. Яъқуб (а) табиатҳои мардумро ба хубӣ медонист, вай медонист, ки Шайтон читавр ба инсон ғолиб меояд ва читавр бо инсон бозӣ мекунад.

Яъқуб (а) ба Юсуфи хурдсол гуфт, писарҷонам, хоби дидаатро ба бародаронат нақл макун. Зеро онҳо ба ту ҳасад меварзанд ва душманат мегарданд.

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Пеш аз хоб се маротиба қироати сураи "**Қул ҳуваллоҳ...**", "**Қул аъузу би-Рабби-л-фалақ...**" ва "**Қул аъузу би-Рабби-н-нос...**" ва ба каффи дастон "куф" кардаву ба тамоми бадан молидан аз суннатҳои Паёмбари Худост;
2. Пеш аз хоб хондани дуои "**Худоё, бо номи Ту мемирам ва бо номи Ту зинда мешавам.**", "**Худоё, маро аз азобат дар рӯзи қиёмат нигаҳ дор**" аз суннатҳои Паёмбари Худост;
3. Пеш аз хоб сӣ маротиба "**Субҳоналлоҳ**", сӣ маротиба "**Алҳамду лиллоҳ**", сиву чор маротиба "**Аллоҳу акбар**" гуфтан суннат аст;
4. Агар хоби нек дидӣ, шукри Худоро кун ва онро танҳо ба дӯсти наздикат қисса кун;
5. Хобҳои хубатро дар пеши ҳама нақл макун, шояд монанди бародарони Юсуф (а) ба ту ҳасад кунанд;
6. Фарзанд бояд ҳамеша насиҳатҳо ва гуфтаҳои падару модарашро иҷро кунад. Зеро ҳеҷ гоҳ падару модар ба фарзанд бадӣ намехоҳанд.

## ДАРСИ ДУЮМ
## ҲАСАДИ БАРОДАРОНИ ЮСУФ ЪАЛАЙҲИ-С-САЛОМ

Юсуф (а) бародари дигаре аз модари худаш ба номи Бинёмин дошт. Яъқуб (а) Юсуфу Бинёмини бародарашро хеле зиёд дӯст медошт. Касеро ба монанди онҳо дӯст намедошт.

Дигар бародарони Юсуф ба вай ва Бинёмини бародараш бисёр ҳасад мехӯрданд ва доим аз дӯстдории падарашон ба онҳо қаҳрашон меомад. Ҳамеша бо якдигар мегуфтанд, чаро Падарамон Юсуф ва Бинёминро аз мо зиёдтар дӯст медорад?! Чаро Падарамон Юсуфу Бинёминро дӯст медорад, дар ҳоле ки онҳо хурдсолу беқувватанд?!Барои чӣ Падарамон моро ба монанди Юсуфу Бинёмин дӯст намедорад, дар ҳоле ки мо ҷавонони боқувват ҳастем?! Ин кори Падарамон ҳайратовар аст.

Юсуф писараки зебову хурдсол ва дилсоф буд. Вай нофаҳмида хоби дидаашро ба бародаронаш қисса кард ва бародаронаш аз шунидани хоби Юсуф бисёр қаҳролуд шуданд ва ҳасадашон ба вай боз ҳам зиёдтар гашт.

Рӯзе аз рӯзҳо бародарони Юсуф дар алоҳидагӣ бо ҳам ҷамъ омаданд ва яке аз онҳо гуфт, Юсуфро бикушед ва ё ӯро дар сарзамини дурдаст андозед, то аз чашми Падарамон дур шавад. Ана дар ин ҳолат Падарамон танҳо шуморо дӯст медорад ва фақат Падари хоси шумо мешавад.

Яке дигар аз бародарони Юсуф гуфт, не, куштани Юсуф кори хато аст. Шумо Юсуфро ба ягон чоҳ партоед, мусофирони роҳ ӯро аз он чоҳ мегиранд ва бо худ мебаранд.

Ҳамаи бародарони Юсуф ҳамин фикрро дастгирӣ карданд.

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Вақте падару модар ба фарзанд чизеро маслиҳат диҳанд, бояд ба сухани онҳо гӯш андозад ва кӯшиш кунад, ки аз хати кашидаашон берун наравад;
2. Худованд баъзе бандагонашро бар баъзеи дигар бартарӣ додааст ва шахси мӯъмин набояд ба бародараш ҳасад бихӯрад;
3. Агар дар дилат нисбати бародарат барои кадом неъмати Худованд ҳасад пайдо шуд, дуо кун, ки Худованд неъмати он бародарато зиёд гардонад. Ту метавонӣ бо ҳамин роҳ бемории ҳасадро дар дилат табобат кунӣ;
4. Ҳасад хӯрдан гуноҳи бузург аст ва бояд мусалмон аз он парҳез кунад;
5. Ҳасад ҳамаи некиҳои инсонро мехӯрад ва нобуд мекунад, чигунае, ки оташ ҳезумро мехӯрад ва нобуд мекунад;
6. Агар хабар шудӣ, ки бародарат соҳиби неъмате гаштааст, хушҳол шав ва ӯро табрик кун.

## ПУРСИШҲО

1. Бародари Юсуф (а) чӣ ном дошт?
2. Яъқуб (а) аз миёни фарзандон аз ҳама зиёдтар киро дӯст медошт?
3. Барои чӣ бародарони Юсуф (а) ба вай ва Бинёмин ҳасад мебурданд?
4. Вақте бародарони Юсуф (а) аз хоб дидани вай огоҳ шуданд чӣ кор карданд?
5. Онҳо бо ҳамдигар чӣ машварат карданд?
6. Барои чӣ бародарони Юсуф (а) қасди куштани ӯро доштанд?
7. Бародарони Юсуф (а) кадом фикрро дастгирӣ карданд?
8. Оё Шумо ба бародаратон ҳасад мебаред?
9. Агар яке аз бародаронатон ба Шумо ҳасад барад, чӣ кор мекунед?
10. Оё дар ҳаққи бародари мусулмон нияти бад кардан дуруст аст?

## ДАРСИ СЕЮМ
## НАМОЯНДАҲО БА СӮЙИ ЯЪҚУБ (А) МЕРАВАНД

Вақте бародарони Юсуф бо ҳам иттифоқ карданд, ки ӯро дар чоҳе меандозанд, як гурӯҳ аз байни онҳо ҳамчун намоянда ба назди ҳазрати Яъқуб (а) рафтанд.

Яъқуб (а) доим барои Юсуфи хурдсол дилаш дар тарсбуд. Медонист, ки бародаронаш ӯро дӯст намедоранд ва ба вай ҳасад меварзанд.

Яъқуб (а) ҳеҷ гоҳ Юсуфро танҳо бо бародаронаш ба ҷое намефиристод. Юсуф доим бо бародари модариаш Бинёмин бозӣ мекард ва аз назди падараш дур намерафт.

Бародарони Юсуф инро медонистанд, аммо боз ҳам онҳо дар пайи қасди бадашон буданд.

Чанд нафарашон назди Яъқуб (а) омаданд ва гуфтанд, эй Падар, чаро Юсуфро бо мо ба ҷое намефиристӣ?! Барои Юсуф аз чӣ метарсӣ?! Юсуф бародари азиз ва хурдакаки мост. Охир, мо ҳама аз як падарем ва бародарон ҳамеша бояд бо ҳам бозӣ кунанд. Пас, барои чӣ мо ҳама бародарон бо Юсуф якҷоя ба сайру гашт наравем ва ҳамагӣ бозӣ накунем?!

Гуфтанд:

أَرْسِلْهُ مَعَنَا غَدًا يَرْتَعْ وَيَلْعَبْ وَإِنَّا لَهُ لَحَافِظُونَ

### Тарҷума:

**“Фардо ӯро бо мо бифрист, то сайру гашт ва бозӣ кунед. Мо ҳатман ӯро нигоҳубин мекунем.”**[1]

Яъқуб (а) пирамарди рузғордида буд. Яъқуб (а) марди бисёр доно ва ҳалим буд. Яъқуб (а) намехост, ки Юсуф аз вай дур равад. Зеро вай барои ҷони Юсуф бисёр метарсид. Барои ҳамин дар ҷавоби писаронаш гуфт:

[1]Ишора ба ояти рақами дувоздаҳи сураи Юсуф (а)

قَالَ إِنِّي لَيَحْزُنُنِي أَنْ تَذْهَبُوا بِهِ وَأَخَافُ أَنْ يَأْكُلَهُ الذِّئْبُ وَأَنْتُمْ عَنْهُ غَافِلُونَ

## Тарҷума:

**“Дар ҳақиқат ман метарсам, ки гург Юсуфро мехӯрад, дар ҳоле ки шумо аз вай ғофил мемонед.”**[1]

Бародарони Юсуф (а) ба падарашон гуфтанд, не-не, ҳаргиз! Читавр метавонад гург Юсуф (а) бихӯрад, дар ҳоле ки мо ҳама бо вай ҳастем?! Чигуна гург Юсуфро мехӯрад, дар ҳоле ки мо ҳама ҷавонони тануманд ва боқувватем?!

Аз ин ваъдаҳои пай дар пайи бародарони Юсуф (а) ҳазрати Яъқуб (а) дигар илоҷе пайдо накард ва иҷозат дод, ки Юсуфро ҳамроҳашон ба тамошо баранд.

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Фарзанд набояд падару модарашро фиреб диҳад;
2. Фарзанд аз гуфтани дурӯғ ба падару модараш бояд парҳез кунад ва ҳамеша ростқавл бошад;
3. Шайтон доим инсонро ба анҷоми гуноҳ шавқманд мекунад. Барои ҳамин шахси мусалмон бояд ҳамеша аз васвасаи Шайтон ба Худованд паноҳ барад;
4. Ҳасад хӯрдан ба дигарон сабаб мешавад, ки инсон ба ҳар гуноҳ даст занад. Пас, шахси боимон коре карда худро аз бемории ҳасад нигаҳ медорад.

### ПУРСИШҲО

1. Бародарони Юсуф (а) байни ҳамдигар чӣ машварат карданд?
2. Ҳазрати Яъқуб (а) чаро барои Юсуф (а) метарсид?
3. Юсуф дар назди падараш бо кадом бародараш бозӣ мекард?
4. Чӣ сабаб шуд, ки бародарони Юсуф (а) хостанд ба вай зарар расонанд?

[1]Ишора ба ояти рақами сездаҳи сураи Юсуф (а)

5. Вақте бародарони Юсуф (а) назди падарашон омаданд, чӣ гуфтанд?
6. Ҳазрати Яъқуб (а) ба писаронаш чӣ ҷавоб дод?

## ДАРСИ ЧОРУМ
## БА СӮЙИ ҶАНГАЛ

Вақте ҳазрати Яъқуб (а) ба бародарони Юсуф (а) иҷозат дод, ки бародари хурдакакашонро ба сайру гашт баранд, бародаронаш бисёр хурсанд шуданд. Онҳо ҳамроҳи Юсуфи хурдакак ба сӯйи ҷангале рафтанд ва ӯро дар як чоҳи чуқур андохтанд.

Бародарони Юсуф (а) ба ин кӯдаки хурдсол раҳм накарданд!

Бародарони Юсуф (а) ба падари пиронсолашон ҳам раҳм накарданд.

Юсуф (а) писараки хурдсол буд, дилаш ҳам хардакак ва дар танҳоӣ метарсид. Чоҳ бисёр чуқур ва торик буд. Юсуф (а) дар даруни он чоҳ танҳо буд. Аммо Худованд ба воситаи фаришта ба Юсуф (а) хабари хуш расонид ва гуфт, ғамгин машав ва матарс. Худованд ҳамроҳи туст ва ту ояндаи дурахшон дорӣ. Рӯзе мешавад, ки бародаронат наздат меоянд, аз ин кори кардаашон пушаймон мешаванд ва ту онҳоро аз ин корҳои бадашон бохабар месозӣ.

Вақте бародарони Юсуф (а) ӯро дар чоҳ андохтанд ва кори хостаашонро анҷом доданд, бо ҳам ҷамъ шуданд ва гуфтанд, ба падарамон чӣ ҷавоб медиҳем?!

Яке аз онҳо гуфт, падарамон гуфта буд, метарсам, ки Юсуфро гург нахӯрад. Акнун рафта ба падарамон мегӯем, ки гуфтаат рост баромад ва Юсуфро гург хӯрд.

Дигар бародаронаш ҳам ҳамин фикрро қабул карданд ва гуфтанд, бале, назди падарамон меравем ва мегӯем, Юсуфро гург хӯрд.

Дар ҳамин ҳолат баъзеи онҳо пурсиданд, ки агар падарамон нишонаи хӯрдани гургро пурсад, чӣ ҷавоб медиҳем?! Нафари дигарашон гуфт, нишонааш хун аст. Дар ҳол як қучқореро куштанд ва пероҳани Юсуфро бо хуни он рангин карданд.

Ҳамаи бародарони Юсуф аз ин нақша бисёр хурсанд шуданд ва гуфтанд, ана акнун Падарамон ба гапи мо бовар мекунад.

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Мӯъмини ҳақиқӣ бояд ба хурдсолон раҳму шафқат дошта бошад;
2. Мӯъмини ҳақиқӣ бояд ба калонсолон, ба хусус падару модар эҳтиром дошта, онҳоро озор надиҳад;
3. Мӯъмини ҳақиқӣ ҳеҷ гоҳ худро танҳо набинад, балки ҳамеша Худованд ҳароҳи ӯст ва дар ҳама ҳолат кӯмакаш мекунад;
4. Мӯъмини ҳақиқӣ доим Худовандро ёд мекунад ва агар чунин кунад, ҳатман Худованд ҳам дар ҳолатҳои душворӣ ӯро дастгирӣ мекунад;
5. Мӯъмини ҳақиқӣ фиребгар намешавад;
6. Мӯъмини ҳақиқӣ аз дурӯғ гуфтан парҳез мекунад ва доим рост мегӯяд;
7. Умри дурӯғгӯй кӯтоҳ аст.

## ПУРСИШҲО

1. Вақте ҳазрати Яъқуб (а) иҷозат дод, ки бародарони Юсуф (а) ӯро бо худ ба сайру гашт баранд, бародаронаш дар чӣ ҳолат қарор гирифтанд;
2. Бародарони Юсуф (а)ӯро бо худ ба ҷангал бурда, дар куҷо андохтанд?
3. Дар даруни чоҳ кӣ Юсуфро дастгирӣ кард ва гуфт, ғамгин машав, ту ояндаи дурахшон дорӣ?
4. Бародарони Юсуф (а) вақте ӯро дар чоҳ андохтанд, дар бораи чӣ машварат карданд?

5. Бародарони Юсуф (а) барои нишонаи хӯрдани гург ӯро ба чӣ хулоса омаданд?
6. Онҳо пероҳани Юсуфро бо хуни чӣ рангин карданд?

## ДАРСИ ПАНҶУМ
## НАЗДИ ЯЪҚУБ (А)

وَجَاءُوا أَبَاهُمْ عِشَاءً يَبْكُونَ

Тарҷума:

**“Бегоҳ назди Падарашон гирён-гирён омаданд.”**[1]

قَالُوا يَا أَبَانَا إِنَّا ذَهَبْنَا نَسْتَبِقُ وَتَرَكْنَا يُوسُفَ عِنْدَ مَتَاعِنَا فَأَكَلَهُ الذِّئْبُ وَمَا أَنْتَ بِمُؤْمِنٍ لَنَا وَلَوْ كُنَّا صَادِقِينَ

### Тарҷума:

**“Эй падари мо, мо рафтем ва ба мусобиқа шурӯъ кардем ва Юсуфро назди молу матои худ гузоштем, пас, ӯро гург бихӯрд...”**[2]

وَجَاءُوا عَلَى قَمِيصِهِ بِدَمٍ كَذِبٍ

### Тарҷума:

**“Ва бар пероҳани Юсуф хуни дурӯғро оварданд...”**[3] Ва гуфтанд, ин хуни Юсуф аст.

Яъқуб (а) паёмбари Худо буд. Вай пирамарди рӯзгордида ва аз фарзандонаш донотар буд.

Яъқуб (а) медонист, ки вақте гург инсонро бихӯрад, ба вай захм мерасонад ва либосашро медаронад.

Пероҳани Юсуф (а) солим ва нодарида буд. Фақат бо хун олуда шуда буд.

---

[1]Ишора ба ояти рақами шонздаҳи сураи муборакаи Юсуф (а)
[2]Ишора ба ояти рақами ҳабдаҳи сураи муборакаи Юсуф (а)
[3]Ишора ба ояти рақами ҳаждаҳи сураи муборакаи Юсуф (а)

Яъқуб (а) аз рӯйи ҳамин аломат фаҳмид, ки он хуни дурӯғ аст ва қиссаи хӯрдани гург Юсуфро ҳам бофтаи бародарони вай аст.

Яъқуб (а) ба бародарони Юсуф гуфт, ин қиссаро худи шумо бофтаед, аммо ба ҳар ҳол

فَصَبْرٌ جَمِيلٌ

## Тарҷума:

"**Ман сабри некро пеша мекунам**."[1]

Яъқуб (а) барои аз даст додани Юсуфи ҷигарбандаш бисёр ғам мехӯрд, вале боз ҳам сабри некро пешаи худ кард.

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Нишонаи мунофиқ се чиз аст: дурӯғгӯӣ, ваъдахилофӣ ва хиёнат дар амонат;
2. Шахси мӯъмин бояд аз нишонаҳои мунофиқ парҳез намояд;
3. Агар касе ба шумо чизе ё касеро амонат гузорад, бояд ба амонати вай хиёнат накунед ва онро солим ба соҳибаш гардонед;
4. Дар ҳама ҳолат ростқавлиро пешаи худ кунед ва ҳеҷ гоҳ ба дурӯғгӯӣ одат макунед;
5. Дурӯғгӯӣ ҳатман рӯзе ошкор мешавад ва шахси дурӯғгӯй шарманда мегардад;
6. Вақте ба саратон ягон мушкилӣ ва сахтӣ омад, шукри Худоро ба ҷой оваред ва сабрро аз даст мадиҳед;
7. Бояд сабратон монанди сабри Яъқуб (а) "сабри нек" бошад. Яъне аз сахтиҳо ва мушкилотатон пеши бандаҳои Худо шикоят макунед ва ҳама арзу шикоятҳоятонро назди Худованд баред;
8. Худованд бандагони босабрашро дӯст медорад;
9. Бар асоси ваъдаи ҳазрати Паёмбар Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (с),сабр роҳи расидан ба мақсад ва пирӯзӣ аст.

---

[1]Ишора ба ояти рақами ҳаждаҳи сураи муборакаи Юсуф (а)

## ПУРСИШҲО

1. Бародарони Юсуф (а) бегоҳ дар кадом ҳолат назди Яъқуб (а) омаданд?
2. Онҳо вақте пеши падарашон омаданд, чӣ гуфтанд?
3. Яъқуб (а) аз куҷо фаҳмид, ки бародарони Юсуф (а) дурӯғ мегӯянд?
4. Вақте Яъқуб (а) дурӯғ будани гапҳои фарзандонашро фаҳмид, чӣ гуфт?

## ДАРСИ ШАШУМ

## ЮСУФ ЪАЛАЙҲИ-С-САЛОМ ДАР ЧОҲИ ТОРИК

Бародарони Юсуф (а) ба хона баргаштанд, ӯро дар чоҳ танҳо гузоштанд, бо ҳам нишаста таом хӯрданд ва болои кӯрпаҳои нарм хоб карданд. Юсуф (а) бошад дар даруни чоҳи торик буд, на хӯрданӣ дошт ва на ҷойгаҳи хоб. Бародаронаш ӯро фаромӯш карда ва дар хонаҳои гарм хоб карданд. Аммо Юсуф (а) на хоб дошт ва на касеро фаромӯш карда буд.

Яъқуб (а) бошад дар ёди Юсуфи гумгашта буд. Юсуф (а) ҳам дар ҷудоӣ аз падараш азоб мекашид ва лаҳзае ӯро фаромӯш намекард.

Юсуф (а) дар даруни чоҳ буд. Чоҳ бисёр чуқур буд.

Чоҳ дар даруни ҷангал буд. Ҷангал бисёр даҳшатнок буд. Ин ҳодиса дар шаб рух дода буд. Шаб ҳам сахт торик буд.

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Шахси боимон бояд раҳмдил бошад;
2. Шахсе, ки фақат дар ғами худаш бошад, имонаш заиф аст;
3. Фарзанди боимон ҳеҷ гоҳ падару модаршро фаромӯш намекунад;
4. Фарзанди боимон доим дар фикри кӯмак ба падару модар аст.

## ПУРСИШҲО

1. Бародарони Юсуф (а) вақте ба хона баргаштанд, чӣ кор карданд?
2. Юсуф (а) дар даруни чоҳ дар кадом ҳолат буд?
3. Оё бародарони Юсуф (а) баъди хона омадан ӯро ба ёд оварданд?
4. Юсуф (а) бародаронашро фаромӯш карда буд?
5. Яъқуб киро фаромӯш намекард?

## ДАРСИ ҲАФТУМ
## АЗ ЧОҲ БА СӮЙИ ҚАСР

Ҷамъе аз савдогарон дар он ҷангал роҳ мерафт. Дар роҳ ташна монданд ва дар ҷустуҷӯйи чоҳ афтиданд. Ногоҳ чоҳеро аз дур диданд ва як мардеро фиристоданд, ки рафта барояшон об биёрад. Он мард назди чоҳ омад ва зарфашро барои гирифтани об ба даруни чоҳ андохт. Вақте зарфашро кашид, ҳис кард, ки зарфаш бисёр вазнин аст. Вай зарфашро берун кашид, ногаҳон дар он писараки монанди моҳ зебои хурдсолеро дид. Он мард аз ин ҳолат ба даҳшат афтод ва фарёд зад:

قَالَ يَا بُشْرَى هَذَا غُلَامٌ

## Тарҷума:

**“Эй хушхабар, ин навҷавоне аст...”**[1]

Мардуми ҳамроҳашон буда ҳамагӣ аз дидани Юсуфи зебо хурсанд шуданд ва ӯро аз назари дигарон пинҳон карданд. Вақте ба бозори Миср расиданд, гуфтанд, ин писараки зеборо кӣ мехарад? Ин писараки зеборо кӣ мехарад?

Азизи Миср Юсуфи зеборо бо чанд дирҳам харидорӣ кард. Савдогарон ӯро фурӯхтанд, аммо намедонистанд, ки ин

[1]Ишора ба ояти рақами нуздаҳи сураи муборакаи Юсуф (а)

писараки зебо фарзанди дӯстдоштаи ҳазрати Яъқуб (а) паёмбари Худост.

Азизи Миср Юсуф (а)-ро харида ба қасри шоҳӣ бурд ва ба ҳамсараш гуфт, ӯро бо эҳтиром нигоҳубин кун. Чунки вай писараки бисёр боодоб ва боақл аст.

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Ҳар касе дар ҳолати кушодӣ бо Худованд бошад, дар ҳолатҳои сахтӣ Худованд дастгираш мешавад;
2. Вақте дар ҳолати сахтӣ қарор мегирӣ, ноумед мабош ва ҳамеша бо Худо бош. Бубин, Худованд Юсуф (а)-ро аз даруни чоҳи торик ба қасри шоҳӣ овард.

## ПУРСИШҲО

1. Аз даруни ҷангале, ки Юсуф (а) дар дохили чоҳи он буд, кӣ гузашт?
2. Онҳо читавр Юсуф (а)-ро пайдо карданд?
3. Вақте марди барои ёфтани об рафта Юсуф (а)-ро дид, чӣ гуфт?
4. Тоҷирон Юсуф (а)-ро дар кадом бозор фурӯхтанд?
5. Онҳо Юсуф (а)-ро дар ивази чанд пул фурӯхтанд?
6. Юсуф (а)-ро аз бозор кӣ харидорӣ кард?
7. Вақте ӯро ба қасри шоҳӣ бурданд, ба ҳамсари шоҳ чӣ гуфтанд?
8. Барои берун шудан аз сахтиҳо ва мушкилиҳо чӣ бояд кард?
9. Худованд бандаашро дар кадом ҳолат дастгирӣ мекунад?
10. Оё Шумо дар ягон ҳолати сахтӣ қарор гирифтаед?

# ДАРСИ ҲАШТУМ
## ВАФО ВА АМОНАТДОРИИ ЮСУФИ ЗЕБО ЪАЛАЙҲИ-С-САЛОМ

Ҳамсари Азизи Миср Юсуф (а)-ро ба ҳамбистарӣ бо худаш ва хиёнат дар ҳаққи шавҳараш даъват кард. Аммо Юсуфи зебо, ки ҳама имкониятҳои даст задан ба гунаҳро дошт, дар ҷавоби он зан гуфт:

**“Ҳаргиз даст ба ин гуноҳ намезанам. Ҳеҷ гоҳ ман ба сардорам хиёнат намекунам. Охир, шавҳари Шумо сардору хоҷаи ман аст. Вай ба ман некӣ карда ва маро дар ин қасри шоҳӣ ҷой додааст. Ман аз Худованд метарсам!”**[1]

Зани Азизи Миср аз ин кори Юсуф (а) сахт қаҳраш кард ва назди шавҳараш омада, ба роҳи дурӯғ Юсуфро тӯҳмат кард, ки гӯё қасди ба вай хиёнатро доштааст. Аммо Азизи Миср фаҳмид, ки занаш дурӯғ мегӯяд ва Юсуф (а) ҳеҷ гоҳ ба ин кори бад даст намезанад. Азизи Миср ба ҳамсараш гуфт:

إِنَّكِ كُنْتِ مِنَ الْخَاطِئِينَ

Тарҷума:

**“Бегумон ту аз ҷумлаи хатокорон ҳастӣ.”**[2]

Юсуф (а) бо ҳусну ҷамолаш дар Миср машҳур буд. Ҳар касе ӯро медид, мегуфт:

مَا هَذَا بَشَرًا إِنْ هَذَا إِلَّا مَلَكٌ كَرِيمٌ

Тарҷума:

**“Ин ҷавон одамӣ нест; Вай малоикаи гиромӣ аст.”**[3]

---

[1]Ишора ба ояти рақами бисту сеюми сураи муборакаи Юсуф (а)
[2]Ишора ба ояти рақами бисту нуҳуми сураи муборакаи Юсуф (а)
[3]Ишора ба ояти рақами сиву якуми сураи муборакаи Юсуф (а)

Вақте Юсуф (а) талаби зани Азизи Мисрро рад кард, вай бисёр қаҳролуд шуд ва ба Юсуф (а) гуфт, ин тавр бошад, ҳатман зиндонӣ мешавӣ!

Юсуф (а) дар ҷавоби зани Азизи Миср гуфт:

قَالَ رَبِّ السِّجْنُ أَحَبُّ إِلَيَّ مِمَّا يَدْعُونَنِي إِلَيْهِ ...

**“Зиндон бароям аз даст задан ба ин гуноҳ беҳтар аст!”**[1]

Баъд аз гузашти чанд рӯз Азизи Миср бо макри ҳамсараш ба хулосае омад, ки Юсуф (а)-ро зиндонӣ кунад. Вай медонист, ки Юсуф (а) бегуноҳ аст, аммо аз дасти макри занаш халос шудан натавонист. Бо ҳамин Юсуф (а) ба зиндон рафт.

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Мӯъмини ҳақиқӣ ҳамеша аз хиёнат ба мардум парҳез мекунад;
2. Паёмбар (с) дар ҳадисашон гуфтаанд, ки Худованд ҳафт гурӯҳро рӯзи қиёмат зери сояи арш нигоҳ медорад ва яке аз онҳо ҷавонест, ки зани соҳибҷамоле ӯро даъват ба кори бад мекунад, аммо вай дар ҷавоб “**Ман аз Худо метарсам**” мегӯяд;
3. Ҷавоне, ки аз хурдӣ бо ибодати Худо калон шавад, Худованд ӯро рӯзи қиёмат дар зери сояи арш нигоҳ медорад;
4. Мӯъмини ҳақиқӣ ҳама сахтиҳоро қабул мекунад, аммо аз даст задан ба ҷиноят худдорӣ мекунад;
5. Барои мӯъмини ҳақиқӣ зиндонӣ шудан аз нофармонии Худованд беҳтар аст.

## ПУРСИШҲО

1. Ҳамсари Азизи Миср Юсуф (а)-ро ба чӣ кор даъват кард?
2. Юсуф (а) дар ҷавоби зани Азизи Миср чӣ гуфт?
3. Зани Азизи Миср ба шавҳараш чӣ шикоят кард?
4. Шавҳараш ба занаш чӣ ҷавоб дод?
5. Юсуф (а) дар байни мардуми Миср бо чӣ машҳур буд?

---

[1]Ишора ба ояти рақами сиву сеи сураи муборакаи Юсуф (а)

6. Вақте Юсуф (а) гапи зани Азизи Мисрро қабул накард, Юсуфро аз чӣ тарсонид?
7. Юсуф (а) дар ҷавоби зани Азизи Миср чӣ гуфт?
8. Кӣ Юсуф (а)-ро ба зиндон равон кард?

## ДАРСИ НУҲУМ
## ДАЪВАТИ ЗИНДОНИЁН БА ХУДОШИНОСӢ

Юсуф (а) ба зиндон даромад. Ҳамаи зиндониҳо донистанд, ки Юсуф (а) ҷавони арзандаи эҳтиром аст. Донистанд, ки Юсуф (а) дониши хуб дорад. Шинохтанд, ки Юсуф (а) дили бисёр бораҳм дорад ва нисбати ҳама меҳрубон аст. Зиндониён Юсуф (а)-ро дӯст доштанд ва эҳтиромаш мекарданд. Бисёр хурсанд буданд, ки Юсуф (а) ҳамроҳи онҳост.

Ҳамон рӯзе, ки Юсуф (а)-ро зиндонӣ карданд, ду марди дигарро ҳам ҳамроҳаш ба зиндон оварданд. Онҳо шаб хобе диданду омада ба Юсуф (а) онро қисса карданд:

**قَالَ أَحَدُهُمَا إِنِّي أَرَانِي أَعْصِرُ خَمْرًا وَقَالَ الْآخَرُ إِنِّي أَرَانِي أَحْمِلُ فَوْقَ رَأْسِي خُبْزًا تَأْكُلُ الطَّيْرُ مِنْهُ...**

### Тарҷума:

**“Яке аз онҳо гуфт, ҳамоно ман худро дар хоб дидам, ки оби ангур мефишорам.”**[1]

**“Ва дигараш гуфт, ҳамоно ман худро дар хоб дидам, ки бар сари худ ноне бардоштаам, ки мурғон аз он мехӯранд.”**[2]

Баъди қисса кардани хобашон аз Юсуф (а) пурсиданд, ки акнун хоби моро таъбир кун ва маъноящро фаҳмон.

Юсуф (а) таъбири хобҳоро медонист. Зеро Юсуф (а) яке аз паёмбарони Худо буд.

---

[1]Ишора ба ояти рақами сиву шаши сураи муборакаи Юсуф (а)
[22]Ишора ба ояти рақами сиву шаши сураи муборакаи Юсуф (а)

Мардум дар замони Юсуф (а) Худопараст набуданд. Онҳо аз рӯи ҳавову ҳавас худоҳои сохтаро мепарастиданд. Мегуфтанд, ин худои бахр аст, инаш худои хушкӣ, ин худои ризқу рӯзӣ аст, инаш худои боду борон.

Юсуф (а) тамоми ин корҳои мардумро медид, ба ҳоли худоҳои сохтаи онҳо хандааш меомад.

Юсуф (а) гумроҳии мардумро медонист ва барои онҳо доим гиря мекард.

Юсуф (а) ҳамеша мехост, ки мардумро ба сӯйи Худованд даъват кунад.

Хости Худованд бар он рафта буд, ки Юсуф (а) мардуми зиндонро ба яктопарастӣ даъват кунад.

Оё аҳли зиндон ба насиҳат намеарзанд?!

Оё аҳли зиндон ба меҳрубонӣ намеарзанд?!

Оё аҳли зиндон бандагони Худо нестанд?!

Оё аҳли зиндон фарзандони Одам (а) нестанд?!

Юсуф (а) дар зиндон буд, аммо бисёр шахси озодихоҳ ва нотарс буд.

Юсуф (а) камбағал буд, аммо бо вуҷуди ин дасткушод буд ва ба муҳтоҷон кӯмак мекард.

Аслан ҳамаи паёмбарони Худо дар ҳама ҷой ҳақиқатро мегӯянд.

Аслан паёмбарони Худо ҳама вақт ба муҳтоҷон дасти ёрӣ дароз мекунанд.

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Бояд дар байни мардум хушахлоқ бошем, то ҳама моро ҳамчун Юсуф (а) дӯст бидоранд;
2. Ҳамеша кӯшиш кунем, ки соҳиби илм шавем. Чунки шахси соҳиби дониш ҳеҷ гоҳ хор намешавад;

3. Мӯъмини ҳақиқӣ доим дар ҷомеа пайи расонидани фоида ба мардум буда, ҳеҷ гоҳ ба касе зарар намерасонад;
4. Фақат Аллоҳ таоло арзандаи ибодат аст ва дигар ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз ба он намеарзад;
5. Вақте касеро бинем, ки ба хатое роҳ додааст, бояд диламон ба вай сӯзад ва кӯшиш кунем, то роҳнамоиаш кунем;
6. Мӯъмини ҳақиқӣ дили бо раҳм дорад ва барои ҳамаи халқи Худо меҳрубон мешавад;
7. Даъвати мардум ба кори нек ва манъ кардани онҳо аз кори бад вазифаи ҳар як мусалмон аст;
8. Мӯъмини ҳақиқӣ озодиро дӯст медорад ва ба ғайри бандагии Худо ба бандагӣ ва ғуломии касе розӣ намешавад;
9. Мӯъмини ҳақиқӣ нотарс мешавад ва дар гуфтани сухани ҳақ ҷуз Худованд аз касе ҳарос надорад;
10. Агар Шумо рӯзе бо тақдири Худо раҳбари зиндон ва ё зиндонбон шудед, бояд ба онҳо меҳрубон бошед ва дар ҳаққи зиндониҳо зулм накунед. Зеро онҳо ҳам бандагони Худо ҳастанд.

## ПУРСИШҲО

1. Юсуф (а) кӣ буд?
2. Зиндониҳо дар Юсуф (а) чиро ёфтанд?
3. Оё аҳли зиндон Юсуф (а)-ро дӯст медоштанд?
4. Ду марде, ки ҳамроҳи Юсуф (а) зиндонӣ шуданд, дар хобашон чӣ диданд?
5. Оё мардуми он замон яктопараст буданд?
6. Вақте Юсуф (а) гумроҳии мардумро медид, чӣ кор мекард?
7. Юсуф (а) чӣ сифатҳо дошт?
8. Оё дили Шумо низ ба бечорагон месӯзад?

## ДАРСИ ДАҲУМ
## ХИРАДМАНДИИ ЮСУФ ЪАЛАЙҲИ-С-САЛОМ

Вақте он ду марди зиндонӣ назди Юсуф (а) омаданд ва хобашонро қисса карда, гуфтанд, хоби моро таъбир кун, Юсуф (а) худ ба худ гуфт:

**“Ҳоҷатмандӣ ин ду мардро наздам овардааст. Одатан шахси ҳоҷатманд дилаш мулоим мешавад. Шахси ҳоҷатманд ба суханонат гӯш мекунад ва гуфтаҳоятро иҷро мекунад. Агар ман онҳоро насиҳат кунам, ҳатман ҳам худашон ва ҳар зиндониён ба суханонам гӯш мекунанд ва онро иҷро мекунанд.”**

Аммо Юсуфи хирадманд (а) шитоб накард, балки ба онҳо гуфт, ман хобатонро пеш аз омадани таоматон таъбир мекунам. Онҳо ин сухани Юсуф (а)-ро шунида, бо дили пур нишастанд.

Баъд Юсуф (а) ба онҳо гуфт, ман хобро таъбир карда метавонам ва

مِمَّا عَلَّمَنِي رَبِّي

### Тарҷума:

**“Ин маҳоратро бароям Худованд омӯзонидааст.”**[1]

Он ду мард бо шунидани ин сухани Юсуф (а) хушҳол ва осуда шуданд.

Ана дар ҳамин ҳолат Юсуф (а) фурсати хуб пайдо кард ва насиҳаташро шурӯъ кард.

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Пеш аз насиҳати касе аввал коре карда дилашро ба даст оред, то ба суханатон гӯш диҳад ва онро иҷро кунад;
2. Ҳамеша барои насиҳати мардум аз фурсатҳои ба дастатон омада истифода баред;

[1]Ишора ба ояти рақами сиву ҳафтуми сураи муборакаи Юсуф (а)

3. Ҳамаи неъматҳоро бояд танҳо аз Худованд бидонем;
4. Паёмбарони Худо (а) ва пайравони содиқи онҳо доим дар фикри насиҳати мардум ҳастанд.

## ПУРСИШҲО

1. Вақте он ду мард назди Юсуф (а) омаданд, ҳазрати Юсуф (а) худ ба худ чӣ гуфт?
2. Юсуф (а) таъбири хобро аз куҷо омӯхта буд?
3. Вақте Юсуф (а) гуфт, ки таъбири хобро Аллоҳ таоло ба вай таълим дода аст, он дур мард дар кадом ҳолат қарор гирифтанд?
4. Оё Шумо ҳам пеш аз насиҳати мардум аввал дили онҳоро ба даст меоред?
5. Насиҳат ва даъвати мардум ба сӯи Худо кори кист?

## ДАРСИ ЁЗДАҲУМ
## ДАЪВАТ БА ЯКТОПАРАСТӢ

Юсуф (а) ба онҳо гуфт: **“Ин маҳоратро бароям Худованд омӯзонидааст.”**[1]

Аммо Худованд илмашро ба ҳар кас намедиҳад.

Худованд илмашро ба шахси мушрик намедиҳад.

Оё медонед чаро Худованд ба ман маҳорати таъбири хобро додааст? Зеро ман роҳи аҳли ширкро тарк кардам:

**وَاتَّبَعْتُ مِلَّةَ آبَائِي إِبْرَاهِيمَ وَإِسْحَاقَ وَيَعْقُوبَ مَا كَانَ لَنَا أَنْ نُشْرِكَ بِاللَّهِ مِنْ شَيْءٍ...**

### Тарҷума:

**“Ва аз дину ойини падаронам Иброҳиму Исҳоқу Яъқуб пайравӣ кардам.”**[2]

**“Ширк овардан ба Худованд бароямон шоиста нест.”**[3]

Юсуф (а) ба онҳо гуфт, яктопарастӣ фақат барои мо паёмбарон нест. Балки он барои ҳамаи мардум аст.

**ذَلِكَ مِنْ فَضْلِ اللَّهِ عَلَيْنَا وَعَلَى النَّاسِ وَلَكِنَّ أَكْثَرَ النَّاسِ لَا يَشْكُرُونَ**

### Тарҷума:

**“Ин аз фазли Аллоҳ таоло барои мо ва ҳамаи мардум аст, аммо бештари мардум шукр намекунанд.”**[4]

Юсуф (а) дар ҳамин ҳолат истод ва аз онҳо пурсид, Шумо мегӯед, худои баҳру худои хушкиву худои ризқу рӯзиву худои боду борон, аммо мо мегӯем, касе, ки арзандаи ибодат аст,

---

[1]Ишора ба ояти рақами сиву ҳафтуми сураи муборакаи Юсуф (а)
[2]Ишора ба ояти рақами сиву ҳаштуми сураи муборакаи Юсуф (а)
[3]Ишора ба ояти рақами сиву ҳаштуми сураи муборакаи Юсуф (а)
[4]Ишора ба ояти рақами сиву ҳаштуми сураи мубораки Юсуф (а)

фақат ва фақат Аллоҳ таоло Парвардигори оламиён аст. Акнун бигӯед:

أَأَرْبَابٌ مُتَفَرِّقُونَ خَيْرٌ أَمِ اللَّهُ الْوَاحِدُ الْقَهَّارُ

## Тарҷума:

**“Оё маъбудони пароканда беҳтаранд, ё Худои Яктои Ғолиб?!”**[1]

Худои хушкиву худои баҳр, худои ризқу рӯзиву худои боду борон куҷо ҳастанд?! Кани ба ман нишон диҳед!

أَرُونِي مَاذَا خَلَقُوا مِنَ الْأَرْضِ أَمْ لَهُمْ شِرْكٌ فِي السَّمَاوَاتِ

## Тарҷума:

**“Ба ман бинамоед, ки он худоҳои шумо аз замин чиро офаридаанд, ё ин ки дар халқ кардани осмонҳо ширкат кардаанд?!”**[2]

Бо диққат ба замину осмон нигоҳ кунед ва ба офариниши инсон нигоҳ кунед!

هَذَا خَلْقُ اللَّهِ فَأَرُونِي مَاذَا خَلَقَ الَّذِينَ مِنْ دُونِهِ...

## Тарҷума:

**“Инҳо офаридаи Худованд ҳастанд; Пас, шумо низ офаридаҳои худоёнатонро ба ман нишон диҳед.”**[3]

Шумо читавр худоёнатонро ба худои баҳру хушкӣ ва худои ризқу рӯзиву боду борон номгузорӣ ва ҷудо кардаед?!

مَا تَعْبُدُونَ مِنْ دُونِهِ إِلَّا أَسْمَاءً سَمَّيْتُمُوهَا أَنْتُمْ وَآبَاؤُكُمْ

## Тарҷума:

---

[1]Ишора ба ояти рақами сиву нуҳуми сураи муборакаи Юсуф (а)
[2]Ишора ба ояти рақами чори сураи муборакаи Аҳқоф
[3]Ишора ба ояти рақами ёздаҳуми сураи муборакаи Луқмон

**“Инҳоро шумо худатон бо падаронатон худо гуфта номгузорӣ кардаед.”**[1]

Ҳукм кардан танҳо ҳаққи Худованд аст, мамлакати замину осмон ҳама аз Худованд аст, замин аз Худованд аст ва тамоми корҳо дар ихтиёри Худованд аст.

أَلَّا تَعْبُدُوا إِلَّا إِيَّاهُ ذَٰلِكَ الدِّينُ الْقَيِّمُ وَلَٰكِنَّ أَكْثَرَ النَّاسِ لَا يَعْلَمُونَ

## Тарҷума:

**“Ба ғайр аз Аллоҳ таоло чизеро напарастед; дини рост ҳамин аст, лекин бисёре аз мардум намедонанд.”**[2]

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Бузургтарин гуноҳ ширк овардан ба Худованд аст;
2. Ғайр аз Худованд ҳеҷ чизе арзандаи ибодат нест;
3. Агар Худованд ба мо неъматеро арзонӣ намояд, бояд онро танҳо ва танҳо аз ҷониби Аллоҳ таоло донем;
4. Бояд эътироф кунем, ки Худованд ба мо неъматҳои зиёд додааст;
5. Бандаи боақл бо дидани табиати атрофаш ба ягонагӣ ва арзандаи парастиш будани Худованд пай мебарад.

## ПУРСИШҲО

1. Юсуф (а) аз дину ойини кӣ пайравӣ мекард?
2. Маҳорати таъбири хобро ба Юсуф (а) кӣ омӯзонид?
3. Юсуф (а) зиндониёнро ба сӯйи чӣ даъват кард?
4. Мардуми он замон дар Миср худоҳоро чигуна тақсим мекарданд?
5. Мардуми он замон дар Миср номи “худо”-ро ба маъбудҳояшон аз куҷо гирифта буданд?
6. Мамлакати замину осмон аз кист?
7. Дар рӯйи замин кӣ ҳаққи ҳукм кардан дорад?

---

[1]Ишора ба ояти рақами чилуми сураи муборакаи Юсуф (а)
[2]Ишора ба ояти рақами чилуми сураи муборакаи Юсуф (а)

## ДАРСИ ДУВОЗДАҲУМ

## ТАЪБИРИ ХОБ

Вақте Юсуф (а) насиҳати он ду марди зиндониро ба анҷом расонид, хоби дидаашонро таъбир карда гуфт:

أَمَّا أَحَدُكُمَا فَيَسْقِي رَبَّهُ خَمْرًا وَأَمَّا الْآخَرُ فَيُصْلَبُ فَتَأْكُلُ الطَّيْرُ مِن رَّأْسِهِ

Тарҷума:

**“Аммо яке аз шумо сардори худро шароб менӯшонад.”**[1]

**“Аммо нафари дигаратон ба дор овехта мешавад, сипас парандагон аз сараш мехӯранд.”**[2]

Баъд Юсуф (а) ба шахси якум хитоб карда гуфт:

اذْكُرْنِي عِنْدَ رَبِّكَ

**“Маро назди подшоҳ ба ёд биёр!”**[3]

Баъд аз таъбири хоби Юсуф (а) он ду марди зиндонӣ аз ҳабс озод шуданд. Нафари якум ҳамон тавре Юсуф (а) гуфта буд, шаробрези подшоҳ шуд, аммо нафари дуюм ба дор овехта шуд.

Аммо он марди шаробрези подшоҳ аз ёдаш баромад, ки назди подшоҳ Юсуф (а)-ро ба ёд оварад ва барои озодиаш кӯшиш кунад. Бо ҳамин Юсуф (а) чанд соли дигар дар зиндон боқӣ монд.

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Агар касе барои ҳоҷаташ назди шумо ояд, ба қадри имкон коре карда онро иҷро намоед;
2. Шахси мӯъмин ҳамеша рост мегӯяд ва аз гуфтани дурӯғ парҳез мекунад;
3. Вақте дар сахтӣ меафтем, бояд фақат Худовандро ба хотир биёрем ва танҳо аз Ӯ талаби ҳоҷат кунем;

---

[1]Ишора ба ояти рақами чилу якуми сураи Юсуф (а)
[2]Ишора ба ояти рақами чилу якуми сураи Юсуф (а)
[3]Ишора ба ояти рақами чилу дуюми сураи Юсуф (а)

4. Агар бо Худо бошем, пас, зиндон ҳам бароямон гулистон аст.

## ПУРСИШҲО

1. Вақте Юсуф (а) насиҳати онҳоро тамом кард, чӣ кор кард?
2. Хоби якумашро чигуна таъбир кард?
3. Хоби дуюмашро чигуна таъбир кард?
4. Юсуф (а) ба кӣ гуфт, ки маро назди подшоҳ ба ёд биёр?
5. Вақте он мард назди подшоҳ ба хотир овардани Юсуф (а) фаромӯш кард, ҳолати Юсуф (а) чӣ шуд?

## ДАРСИ СЕЗДАҲУМ
## ХОБ ДИДАНИ ПОДШОҲИ МИСР

Рӯзе аз рӯзҳо подшоҳи Миср хоби ҳайратовар дид.

Вай дар хоб ҳафт гови фарбеҳро дид. Хоб дид, ки ин ҳафт гови фарбеҳ ҳафт гови лоғарро мехӯранд. Ҳамчунин дар хобаш ҳафт хӯшаи сабз ва ҳафт хӯшаи хушкро дид.

Баъд аз дидани ин хоб ба ҳайрат афтод ва аз ҳамнишинонаш таъбири онро пурсид.

Ҳамнишинонаш ба вай гуфтанд, хоби Шумо маъно надорад ва аз ҷумлаи "**хобҳои пароканда**" аст. Гоҳо шахсдар хобаш чизҳоеро мебинад, ки ҳақиқат надорад.

Аммо ҳамон марди шаробрези подшоҳ, ки дар зиндон ҳамроҳи Юсуф (а) буд, гуфт, не, ин тавр нест. Ин хоб маънои чуқур дорад. Ман ҳатман рӯзҳои наздик ҷавоби онро бароятон мегӯям.

Он мард дарҳол ба назди Юсуф (а) ба зиндон рафт ва аз вай таъбири хоби подшоҳро пурсид.

Юсуф (а) ҷавонмарди саховатманд ва нисбати халқи Худо бисёр дилсӯз буд. Ба ҳамин сабаб ба вай таъбири хоби шоҳро гуфтанд.

Юсуф (а) шахси саховатманд буд ва ҳеҷ гоҳ бахилӣ намекард.

Юсуф (а) таъбири хобро гуфт ва роҳи ҳалро ҳам пешкаш кард. Вай гуфт, ҳафт сол дар заминҳои Миср зироат бикоред ва баъди даравидани гандумҳо онро дар хӯшаҳояшон нигоҳ доред, магар каме аз онро, ки мехӯред. Баъд аз ин хушксолӣ меояд ва шумо дар ин муддати қаҳтсолӣ ҳамон захираҳои кардаатонро мехӯред. Ин қаҳтсолӣ то ҳафт сол идома меёбад. Ана баъди гузаштани ҳафт соли қаҳтсолӣ боз барои мардум фароҳӣ дар ризқу рӯзиашон меояд.

Он марди шаробрези подшоҳ баъди шунидани ин таъбирҳо аз тарафи Юсуф (а) дарҳол назди подшоҳ омад ва он чи аз Юсуф (а) шунида буд, ба подшоҳ гуфт.

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Шахси боимон бахил намешавад;
2. Мӯъмини ҳақиқӣ ҳамеша дар пайи расонидани фоида ба мардум аст;
3. Шахси саховатманд ба Худо ва биҳишт наздик аст;
4. Шахси бахил ба дӯзах наздик ва аз Худо дур аст;
5. Беҳтарин мусалмон касест, ки ба дигарон зиёдтар фоида расонад.

## ПУРСИШҲО

1. Подшоҳи Миср чӣ хоб дид?
2. Вақте подшоҳи Миср таъбири хобашро аз ҳамнишинонаш пурсид, онҳо дар ҷавоб чӣ гуфтанд?
3. Кӣ гуфт, ки хоби подшоҳ маънои чуқур дорад?
4. Юсуф (а) хоби подшоҳро чигуна таъбир кард?
5. Ба гуфтаи Юсуф (а) дар Миср чанд сол қаҳтсолӣ давом меёбад?

## ДАРСИ ЧОРДАҲУМ

## ПОДШОҲ БА СӮЙИ ЮСУФ ЪАЛАЙҲИ-С-САЛОМ КАС МЕФИРИСТАД

Вақте подшоҳ ин таъбири зеборо бо роҳи ҳалли мушкилот шунид, хеле хушҳол гашт ва гуфт, соҳиби ин таъбири зебо кист? Соҳиби ин таъбири зебо кист, ки ба мо хайрхоҳӣ карда, ҳатто роҳи ҳаллашро ҳам гуфтааст?!

Шаробрези подшоҳ гуфт, он мард Юсуфи Сиддиқ (а) аст. Ҳамин Юсуф (а) дар вақташ ба ман гуфта буд, ки ту аз зиндон озод мешавӣ ва шаробрези подшоҳ мегардӣ.

Подшоҳ бо шунидани сифатҳои неки Юсуф (а) муштоқи дидораш гардид ва ба назди вай кас фиристод ва гуфт:

وَقَالَ الْمَلِكُ ائْتُونِي بِهِ

Тарҷума:

**“Ӯро пеши ман биёред, то вайро холис барои хидмати худ муқаррар кунам.”**[1]

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Агар банда бо Худованд содиқ бошад, ҳатман Аллоҳ таоло ӯро кӯмак мерасонад;
2. Бандаи мӯъмин доим дар андешаи некӣ ба мардум аст;
3. Вақте монанди Юсуф (а) доим бо Худо бошем, Аллоҳ таоло моро дар ҳама ҳолат дастгирӣ мекунад.

### ПУРСИШҲО

1. Вақте подшоҳ таъбири Юсуф (а)-ро шунид, чӣ ҳолат ба вай рух дод?
2. Шаробрези подшоҳ Юсуф (а)-ро чигуна васф кард?
3. Подшоҳ баъди шунидани сифатҳои Юсуф (а) чӣ кор кард?

[1]Ишора ба ояти рақами панҷоҳу дуюми сураи Юсуф (а)

4. Агар банда бо Худованд содиқ бошад, чӣ мукофот мебинад?

## ДАРСИ ПОНЗДАҲУМ

## ЮСУФ ЪАЛАЙҲИ-С-САЛОМ МЕХОҲАД БЕГУНОҲ БУДАНАШ ИСБОТ ШАВАД

Вақте фиристодаи подшоҳ назди Юсуф (а) омад ва гуфт, подшоҳ туро наздаш металабад, Юсуф (а) розӣ нашуд, ки ҳамин тавр аз зиндон берун шавад ва мардум гӯянд, ана, Юсуф (а)-ро бубинед! Дирӯз ба сабаби хиёнаташ ба зани Азизи Миср зиндонӣ шуд, аммо имрӯз бо як таъбири хоби подшоҳ аз зиндон озод мешавад.

Юсуф (а) нафси боиззат ва ҳиммати бисёр баланд дошт. Юсуф (а) бисёр боақл ва ҳушёр буд.

Агар дар ҷойи Юсуф каси дигар мебуд ва фиристодаи подшоҳ наздаш меомаду мегуфт, подшоҳ туро наздаш даъват дорад, ҳатман дарҳол ба назди подшоҳ мерафт. Аммо Юсуф (а) шитоб накард. Балки вай ба фиристодаи подшоҳ гуфт, ман мехоҳам масъалаи зиндонӣ гаштанам таҳқиқ шавад ва бегуноҳиям исбот гардад.

Подшоҳ ба тафтиш ва таҳқиқи парвандаи Юсуф (а) шурӯъ кард ва дар охир ҳам барои подшоҳ ва ҳам тамоми мардум маълум гашт, ки Юсуф (а) бегуноҳ зиндон шудааст.

Бо ҳамин Юсуф (а) бо сари баланд аз зиндон озод гашт ва подшоҳ ӯро бисёр гиромӣ дошт!

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Мӯъмини ҳақиқӣ бояд иззати нафси худро нигоҳ дорад ва назди махлуқ сархам набошад;
2. Мӯъмини ҳақиқӣ бояд ҳимматбаланд бошад;
3. Шахси боимон бояд обрӯйи худро дар ҷомеа байни мардум ҳифз кунад;
4. Шахси боимон дар ҷомеа бо сари баланд зиндагӣ мекунад.

## ПУРСИШҲО

1. Вақте фиристодаи подшоҳ назди Юсуф (а) омад, Юсуф (а) ба вай чӣ гуфт?
2. Барои чӣ Юсуф (а) барои озодшавӣ аз зиндон чунин шарт гузошт?
3. Подшоҳ баъди шунидани шарти Юсуф (а) барои озодшавӣ аз зиндон чӣ кор кард?
4. Вақте парвандаи Юсуф (а)-ро санҷиш карданд, ба чӣ хулоса омаданд?
5. Юсуф (а) бо кадом ҳолат аз зиндон раҳо гардид?

# ДАРСИ ШОНЗДАҲУМ
## ХАЗИНАДОРИИ ЮСУФ ЪАЛАЙҲИ-С-САЛОМ ДАР МИСР

Юсуф (а) медонист, ки амонатдорӣ дар байни мардум бисёр кам аст. Юсуф (а) медонист, ки хиёнаткорӣ дар байни мардум бисёр аст. Юсуф (а) бо чашмони худ медид, ки читавр мардум дар молҳои Худо хиёнат мекунанд. Вай медонист, ки дар рӯйи замин хазинаҳои Худо хеле бисёр аст, аммо аз сабаби нодонӣ ва хиёнат ҳамааш зоеъ мешавад.

Хазинаҳои рӯйи замин ба он сабаб зоеъ мешавад, ки подшоҳон аз Худо наметарсанд, сагҳояшонро сер мекунанд, дар ҳоле ки мардум гурусна ҳастанд, хонаҳояшонро бо матоъҳои қимат зинат медиҳанд, дар ҳоле ки мардум дар тан либос надоранд.

Танҳо касе аз хазинаҳо ва бойигариҳои рӯйи замин ба мардум фоида оварда метавонад, ки ҳам амонатдор ва ҳам донишманд бошад.

Агар шахс амонатдор бошад, аммо дониш надошта бошад, намедонад, ки хазинаҳо ва бойигариҳои заминӣ дар куҷо ҷойгиранд.

Агар шахс дониш дошта бошад, аммо амонатдор набошад, аз бойигариҳои замин читавре мехоҳад, барои худаш сарф мекунад ва дар он хиёнат мекунад.

Аммо Юсуф (а) ҳам дониш дошт ва ҳам амонатдор буд.

Юсуф (а) намехост, ки подшоҳон аз моли мардум ҳар тавре дилашон мехоҳад, бихӯранд ва онро истифода баранд.

Юсуф (а) дида наметавонист, ки читавр мардум аз гуруснагӣ мемиранд.

Юсуф (а) аз гуфтани ҳақиқат шарм намекард. Барои ҳамин ба подшоҳ гуфт:

قَالَ اجْعَلْنِي عَلَى خَزَائِنِ الْأَرْضِ إِنِّي حَفِيظٌ عَلِيمٌ

## Тарҷума:

**“Ба ман вазифаи нигаҳдории хазинаҳо ва бойигариҳои заминро бисупор. Зеро ман ҳам амонатдор ва ҳам соҳиби илм ҳастам.”**[1]

Бо ҳамин Юсуф (а) вазифаи амонатдории хазинаҳои сарзамини Мисрро ба ӯҳда гирифт. Мардум аз ин ба баъд дар роҳату маишат буданд ва Худоро шукр мекарданд, ки Юсуфи амонатдор (а) ин вазифаро ба ӯҳда гирифтааст.

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Моли ҷамъият амонат аст;
2. Шахси мӯъмин набояд ба моли ҷамъият ва мардум хиёнат кунад;
3. Хиёнат дар амонат яке аз сифатҳои мунофиқон аст;
4. Мӯъмини ҳақиқӣ доим барои касб кардани донишҳои зарурӣ барои ҷамъият кӯшиш мекунад;
5. Мӯъмини ҳақиқӣ ҳамеша аз Худованд метарсад;
6. Агар Шумо дар оянда монанди Юсуф (а) соҳиби вазифа шавед, бояд аз Худованд битарсед ва нисбати моли мардум хиёнат накунед;
7. Хидмат ба мардум шохае аз шохаҳои асосии ибодати Худованд аст.

### ПУРСИШҲО

1. Ба маълумоти Юсуф (а) дар байни мардум кадом амал бисёр буд?
2. Ба маълумоти Юсуф (а) дар байни мардум кадом амал кам буд?
3. Барои чӣ хазинаҳо ва бойигариҳои рӯйи замин зоеъ мешаванд ва мардум аз он истифода карда наметавонанд?
4. Кӣ метавонад аз хазинаҳо ва бойигариҳои рӯйи замин ба мардум фоида расонад?

[1] Ишора ба ояти рақами панҷову панҷуми сураи Юсуф (а)

5. Юсуф (а) барои нигаҳдории хазинаҳои сарзамини Миср кадом сифатҳоро дошт?
6. Юсуф (а) ба подшоҳ чӣ гуфт?
7. Агар дар оянда Худованд молҳои ҷамъияти мардумро ба Шумо амонат супорад, чӣ кор мекунед?

## ДАРСИ ҲАБДАҲУМ

## ОМАДАНИ БАРОДАРОНИ ЮСУФ ЪАЛАЙҲИ-С-САЛОМ

Читавре Юсуф (а) пештар хабар дода буд, дар сарзамини Шом ва Миср гуруснагии сахт омад. Мардуми сарзамини Шом ва худи Яъқуб (а) ҳам шуниданд, ки дар Миср марди бисёр меҳрубону саховатпеша хазинадор гаштааст.

Мардуми ин сарзаминҳо назди Юсуф (а) мерафтанд ва аз вай гандум мегирифтанд.

Ҳазрати Яъқуб (а) ҳам ба фарзандонаш моли зиёд дод, то рафта аз Миср гандум биоваранд. Аммо Бинёмин бародари ҳамтани Юсуф (а) назди падараш Яъқуб (а) монд. Зеро падараш ӯро бисёр дӯст медошт ва намехост, ки аз наздаш дур шавад. Ҳазрати Яъқуб (а) барои ҳаёти Бинёмини писараш ба монанди Юсуф (а) метарсид, ки мабодо ба вай ҳам зараре нарасад.

Бародарони Юсуф (а) ба Миср назди Юсуф (а) рафтанд, аммо намедонистанд, ки ин ҷавонмард бародарашон Юсуф (а) аст. Онҳо намедонистанд, ки ин ҷавонмарди хазинадори Миср ҳамон Юсуфест, ки чандин сол пештар ӯро дар чоҳ андохта буданд. Онҳо гумон мекарданд, ки Юсуф (а) кайҳо мурдааст.

Дар ҳақиқат ҳам читавр зинда мондани Юсуф (а) имкон дошт, дар ҳоле ки вай дар як чоҳи бисёр чуқур афтида буд. Чоҳ дар даруни як ҷангал буд ва худи ҷангал хеле даҳшатнок буд. Ин ҳодиса дар шаб рух дода буд ва шаб хеле торик буд.

وَجَاءَ إِخْوَةُ يُوسُفَ فَدَخَلُوا عَلَيْهِ فَعَرَفَهُمْ وَهُمْ لَهُ مُنْكِرُون

Тарҷума:

**“Ва бародарони Юсуф (а) назди вай омаданд, пас, наздаш даромаданд ва ӯ бародаронашро шинохт, аммо бародаронаш ӯро нашинохтанд.”**[1]

Бародарони Юсуф (а) ӯро нашинохтанд, аммо Юсуф (а) бошад онҳоро хуб шинохт.

Юсуф (а) шинохт, ки ҳаминҳо ӯро ба чоҳ андохта буданд ва ҳаминҳо қасди куштани ӯро доштанд, аммо Аллоҳ таоло Юсуф (а)-ро ҳифз кард. Аммо Юсуф (а), ки ҷавонмадри хушахлоқ буд, ба онҳо чизе нагуфт ва шармандаашон накард.

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Иззатмандӣ танҳо дар ихтиёри Худо аст ва онро ба бандагони дӯстдоштааш медиҳад;
2. Мӯъмини ҳақиқӣ бояд дили бораҳм дошта бошад ва ҳатто нисбати душманонаш сангдил набошад;
3. Шахси мӯъмин бояд соҳиби ахлоқи ҳамида бошад, то дар ҷомеа мардум ӯро дӯст доранд ва Худо ҳам ӯро дӯст дорад;
4. Бояд сахт бовар дошта бошем, ки агар Аллоҳ таоло нахоҳад, ҳеҷ кас ба мо зарар оварда наметавонад.

## ПУРСИШҲО

1. Дар сарзамин Шому Миср чӣ ҳодиса рух дод?
2. Юсуф (а) дар сарзамини Миср кадом вазифаро иҷро мекард?
3. Оё Яъқуб (а) фарзандонашро ба Миср бо дасти холӣ равон кард?
4. Кадом писари Яъқуб (а) назди падараш монд ва барои чӣ?
5. Оё бародарони Юсуф (а) ӯро шинохтанд?
6. Оё Юсуф (а) бародаронашро шинохт?
7. Вақте Юсуф (а) бародаронашро шинохт, оё ба онҳо чизе гуфт?

[1]Ишора ба ояти рақами панҷову ҳашти сураи Юсуф (а)

# ДАРСИ ҲАЖДАҲУМ
## ГУФТУГӮИ ЮСУФ ЪАЛАЙҲИ-С-САЛОМ БО БАРОДАРОНАШ

Юсуф (а) бо бародаронаш гап зад ва байни онҳо ба таври зерин гуфтугӯ сурат гирифт:

-Аз куҷо ҳастед?

-Аз Канъон!

-Падаратон чӣ ном дорад?

-Яъқуб писари Исҳоқ писари Иброҳим (салавоту саломи Худо бар ҳамаашон бод.)

-Оё боз ягон бародари дигар доред?

-Бале, бародаре ба номи Бинёмин дорем!

-Чаро Бинёминро бо худ наовардед?

-Зеро падарам намехоҳад, ки вай аз наздаш дур шавад!

-Чаро падаратон инро намехоҳад? Оё Бинёмин писарчаи хурдсол аст?!

-Не, ин тавр нест, аммо вай бародаре ба номи Юсуф дошт. Чандин сол пештар мо ҳамроҳи Юсуфи бародараш ба тамошо баромадем ва ӯро назди молу матои худ гузоштем, вале гусфанде омада ӯро хӯрд.

Юсуф (а) аз шунидани ин суханони бародаронаш ба худ механдид, аммо ба онҳо чизе нагуфт. Юсуф (а) муштоқи дидори бародараш Бинёмин гашт.

Худованд хост, ки як бори дигар Яъқуб (а)-ро имтиҳон кунад.

Юсуф (а) ба хизматгорон гуфт, ба онҳо гандум диҳед. Баъд вай ба бародаронаш гуфт:

قَالَ ائْتُونِي بِأَخٍ لَكُمْ

## Тарҷума:

**“Навбати дигар бародари дигаратонро бо худ биёред.”**[1]

Юсуф (а) ба онҳо гуфт, агар навбати дигар бародаратон Бинёминро ҳамроҳатон наоред, дигар бароятон гандум намедиҳам.

Юсуф (а) ба хизматгорон фармон дод, моли овардаашонро дар даруни борхалтаҳояшон гузоштанд ва бозгардониданд.

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Умри дурӯғ кӯтоҳ аст;
2. Мӯъмини ҳақиқӣ аз гуфтани дурӯғ парҳез мекунад;
3. Худованд бандагони дӯстдоштаашро бисёр сахт имтиҳон мекунад;
4. Тамоми имтиҳонҳои Худованд сабаби баланд гаштани дараҷаи шахси мӯъмин мегардад.

## ПУРСИШҲО

1. Вақте Юсуф (а) аз бародаронаш пурсид, ки чаро бародари дигаратонро бо худ наовардед, онҳо дар ҷавоб чӣ гуфтанд?
2. Оё Юсуф (а) моли овардаи бародаронашро қабул кард?
3. Юсуф (а) барои дубора додани гандуш чӣ шарт гузошт?

[1] Ишора ба ояти рақами панҷоҳу нуҳи сураи Юсуф (а)

## ДАРСИ НУЗДАҲУМ
## ГУФТУГӮИ ЯЪҚУБ ЪАЛАЙҲИ-С-САЛОМ БО ФАРЗАНДОНАШ

Бародарони Юсуф (а) ба назди падарашон баргаштанд, ҳама он чи аз сарашон гузашт, ба Яъқуб (а) нақл карданд ва гуфтанд:

فَلَمَّا رَجَعُوا إِلَى أَبِيهِمْ قَالُوا يَا أَبَانَا مُنِعَ مِنَّا الْكَيْلُ فَأَرْسِلْ مَعَنَا أَخَانَا نَكْتَلْ وَإِنَّا لَهُ لَحَافِظُونَ

### Тарҷума:

**“Бародарамонро ҳамроҳи мо бифрист. Агар ӯро бо мо нафиристӣ, Азизи Миср ба мо кӯмак намекунад”**.

Онҳо аз Ҳазрати Яъқуб (а) Бинёмин бародари ҳамтани Юсуфро пурсиданд ва гуфтанд: “**Мо ӯро хуб нигоҳубин мекунем**”.[1]

Ҳазрати Яъқуб (а) ба онҳо гуфт:

قَالَ هَلْ آمَنُكُمْ عَلَيْهِ إِلَّا كَمَا أَمِنْتُكُمْ عَلَى أَخِيهِ مِنْ قَبْلُ

### Тарҷума:

**“Оё ӯро (Бинёминро) ба шумо амонат диҳам, чигунае пеш аз ин Юсуфи бародарашро бароятон амонат дода будам?!”**[2]

Оё балои ба сари Юсуф овардаатонро фаромӯш кардаед?! Оё Бинёминро ҳам монанди бародараш Юсуф нигоҳубин мекунед?!

فَاللَّهُ خَيْرٌ حَافِظًا وَهُوَ أَرْحَمُ الرَّاحِمِينَ

### Тарҷума:

---
[1] Юсуф: 63
[2] Юсуф: 64

**“Аллоҳи мутаол беҳтарин нигоҳдоранда ва Вай меҳрубонтарини меҳрубонҳост”.**[1]

Онҳо вақте борхалтаҳояшонро кушоданд, молҳои барои харидани гандун бурдаашонро дар байни он пайдо карданд ва ба падарашон гуфтанд: “**Падар, Азизи Миср марди дилкушод аст. Ба мо гандум дода, аммо пули онро нагирифта аст. Бинёминро ҳамроҳи мо равон кун. Ҳаққи ӯро ҳам мегирем**”.

Ҳазрати Яъқуб (а) ба фарзандонаш гуфт, то вақте бо Аллоҳ таоло аҳд набандед, ки Бинёминро соқу саломат ба наздам меоред,ӯро бо шумо намефиристам. Агар Бинёмин дар роҳ бо тақдири Худо дучори фалокате шавад, ки шумо сабабгори он нагаштаед, дар ин ҳолат узратонро қабул мекунам. Онҳо бо Аллоҳ таоло аҳду паймон бастанд ва Яъқуб (а) гуфт:

قَالَ اللَّهُ عَلَى مَا نَقُولُ وَكِيلٌ

## Тарҷума:

**“Худои (таоло) бар он чи мегӯем, шоҳид аст”.**[2]

Баъд аз ин аҳду паймон Ҳазрати Яъқуб (а) ба писаронаш нигоҳ карда гуфт:

وَقَالَ يَا بَنِيَّ لَا تَدْخُلُوا مِنْ بَابٍ وَاحِدٍ وَادْخُلُوا مِنْ أَبْوَابٍ مُتَفَرِّقَةٍ

## Тарҷума:

**“Эй писаронам! (вақте барои гирифтани гандум ба Миср меравед,) ҳаматон аз як дар надароед (зеро шояд мардум ба шумо ҳасад ё чашми бад кунанд) ва аз дарҳои гуногун дароед”.**[3]

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

[1]Юсуф: 64
[2]Юсуф: 66
[3]Юсуф: 67

1. Шахси боимон бояд амонатдор бошад ва аз хиёнат парҳез кунад;
2. Мӯъмин ба монанди Юсуф (а) дилкушод мешавад ва ба муҳтоҷон дасти кӯмак дароз мекунад;
3. Худованд бандагони парҳезкорашро аз ҳама бадиҳо ҳифз мекунад;
4. Бандаи боимон монанди Яъқуб (а) дар ҳама корҳо ба Худованд таваккал ва такя мекунад;
5. Бандаи боимон узрҳои бародарашро қабул мекунад;
6. Бояд яқин дошта бошем, ки дар ҳама ҳолат Худованд шоҳиди корҳо ва гапҳои мост.

## ПУРСИШҲО

1. Фарзандони Яъқуб (а) вақте назди падарашон омаданд, чӣ гуфтанд?
2. Онҳо вақте борхалтаашонро кушоданд, чиро диданд ва чӣ гуфтанд?
3. Вақте бародарони Юсуф (а) аз Яъқуб (а) Бинёминро талаб карданд, ҳазрати Яъқуб (а) ба онҳо чӣ гуфт?
4. Барои чӣ Яъқуб (а) ба бародарони Юсуф (а) бовар надошт?
5. Ҳазрати Яъқуб (а) аз барои ҳамроҳашон фиристодани Бинёмин аз онҳо чӣ талаб кард?
6. Ҳазрати Яъқуб (а) пеш аз рафтанашон ба Миср чӣ васият кард?

## ДАРСИ БИСТУМ
## БИНЁМИН ДАР НАЗДИ ЮСУФ ЪАЛАЙҲИ-С-САЛОМ

Бародарони Юсуф (а) насиҳати падарашонро иҷро карданд ва вақти ворид шудан ба Миср аз дарҳои гуногун даромаданд. Онҳо ба назди Юсуф (а) расиданд.

Вақте Юсуф (а) бародари ҳамтанаш Бинёминро дид, бисёр хурсанд шуд ва ӯро дар хонаи худаш меҳмон кард. Юсуф (а) ба Бинёмин гуфт: “**Хавотир мабош. Ман бародарат Юсуф ҳастам**”.

Вақте Бинёмин ин суханро шунид, дилаш ором гирифт. Юсуф (а) бо бародараш Бинёмин баъди солҳои хеле дароз вохӯрд. Онҳо бо ҳамдигар дар бораи падару модару хонавода ва давраи хурдсолии Юсуф (а) сӯҳбат карданд.

Юсуф (а) дилаш мехост Бинёмин дар наздаш монад ва ба Канъон назди падараш барнагардад, то ҳар рӯз ӯро бубинад ва бо вай сӯҳбат карда, сахтиҳои ба сараш омадаро ба бародараш нақл кунад. Аммо вай фикр мекард, читавр ин корро кунад?! Охир, Бинёмин бояд пагоҳ ба Канъон баргардад. Вай читавр Бинёминро назди худаш нигоҳ дошта метавонад, дар ҳоле ки бародаронаш ба ҳазрати Яъқуб (а) ваъда додаанд ва бо Худо аҳд бастаанд, ки ӯро ҳатман бармегардонанд?!

Чихел вай Бинёминро бе сабаб назди худаш нигоҳ медорад?!

Мардум дар ҳол овоза мекунанд, ки Азизи Миср як ҷавони канъониро бе сабаб назди худаш нигоҳ дошта аст. Ин кор зулми бузург ҳисоб мешавад. Вале Юсуф (а) ҷавонмарди бисёр боақл ва ҳушёр буд.

Юсуф (а) як зарфи обнӯшии бисёр қимат дошт, ки аз он об менӯшид. Вай ҳамон зарфро дар борхалтаи Бинёмин гузошт ва яке аз намояндагони Юсуф (а) фарёд зад, ки шумо мардони канъонӣ дузд ҳастед!

Бародарони Юсуф (а) ба он шахс нигоҳ карданд ва гуфтанд, шумо дар байни борхалтаҳои мо чӣ мекобед?!

Хидматгорони Юсуф (а) гуфтанд, мо зарфи қиматбаҳои подшоҳро мекобем ва ҳар кас онро пайдо кунад, як шутур бор мукофот мегирад.

Фарзандони Яъқуб (а) гуфтанд:

قَالُوا تَاللَّهِ لَقَدْ عَلِمْتُمْ مَا جِئْنَا لِنُفْسِدَ فِي الْأَرْضِ وَمَا كُنَّا سَارِقِينَ (73)
قَالُوا فَمَا جَزَاؤُهُ إِنْ كُنْتُمْ كَاذِبِينَ (74) قَالُوا جَزَاؤُهُ مَنْ وُجِدَ فِي رَحْلِهِ فَهُوَ
جَزَاؤُهُ كَذَلِكَ نَجْزِي الظَّالِمِينَ

**“Қасам ба Худо, шумо медонед, ки мо (ин ҷо) барои фасод кардан наомадаем ва мо дузд (ҳам) нестем”.**[1]

**“(Хидматкорон) гуфтанд: “Агар дурӯғгӯй буданатон исбот шавад, ҷазои дузд чист?!””**[2]

**“Гуфтанд: “Ҷазояш чунин аст, ки шахси дузд ғуломи соҳиби мол мешавад. Мо (мувофиқи қонуни дини Яъқуб (а)) дуздонро ҳамин хел ҷазо медиҳем”.**[3]

Вақте борхалтаҳоро кофтанд, зарфи қиматбаҳои подшоҳро аз борхалтаи Бинёмин пайдо карданд ва бародарони Юсуф (а) аз ин кор дар хиҷолат монданд. Аммо дар ҳол шарм нокарда гуфтанд:

**“Агар Бинёмин дуздида бошад, дар ҳақиқат бародараш Юсуф ҳам пеш аз ин дуздӣ карда буд”.**[4]

Юсуф (а) ин тӯҳмати ошкори бародаронашро шунид, вале хомӯш истод ва ғазаб накард. Зеро Юсуф (а) шахси босабр ва дилкушод буд.

Бародарони Юсуф (а) ба вай гуфтанд:

قَالُوا يَا أَيُّهَا الْعَزِيزُ إِنَّ لَهُ أَبًا شَيْخًا كَبِيرًا فَخُذْ أَحَدَنَا مَكَانَهُ إِنَّا نَرَاكَ مِنَ الْمُحْسِنِينَ

## Тарҷума:

**“Эй Азиз (подшоҳи Миср), дар ҳақиқат вай (Бинёмин) падари пиронсоли бузург дорад; пас, яке аз моро дар ивази вай бигир; мо туро аз ҷумлаи бандагони некӯкор мебинем”.**[5]

Юсуф (а) гуфт:

قَالَ مَعَاذَ اللَّهِ أَنْ نَأْخُذَ إِلَّا مَنْ وَجَدْنَا مَتَاعَنَا عِنْدَهُ إِنَّا إِذًا لَظَالِمُونَ

[1] Юсуф: 73
[2] Юсуф: 74
[3] Юсуф: 75
[4] Юсуф:77
[5] Юсуф:78

## Тарҷума:

**“Паноҳ ба Худо, ки дар ивази ҷинояткор шахси дигаеро бигирем; дар ин сурат мо золим мешавем”.**[1]

Бо ҳамин роҳ Бинёмин дар назди бародараш Юсуф (а) монд ва онҳо аз ин кор хушҳол шуданд.

Юсуф (а) солҳои дароз дар ғарибӣ танҳо буд, ҳеҷ касе аз аҳли оилаашро намедид. Худованд Бинёминро наздаш овард. Оё Юсуф (а) ҳақ надошт, ки бародари ҷигарбандашро назди худ нигоҳ дорад, то бо вай дардҳои солҳо ҷамъкардаашро бигӯяд?! Оё истодани як бародар дар назди бародари дигар зулм аст?! Не, ҳаргиз-ҳаргиз зулм нест!!!

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Мӯъмин ҳеҷ гоҳ падару модарашро аз хотир намебарорад ва доим дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ мекунад;
2. Ҷавони Худотарс ҳаргиз дар ҳаққи касе зулм намекунад;
3. Шахси имондор бояд зирак ва боақл бошад;
4. Бандаи боимон дар ҳама корҳояш бо ҳикмат рафтор мекунад.

### ПУРСИШҲО

1. Оё бародарони Юсуф (а) васияти падарашонро иҷро карданд?
2. Вақте Юсуф (а) бародараш Бинёминро дид, ба вай чӣ гуфт?
3. Юсуф (а) барои он ки бародараш Бинёмин дар наздаш бимонад, чӣ нақша кашид?
4. Вақте хидматкорони Юсуф (а) хостанд борҳои фарзандони Яъқуб (а)-ро кофтукоб кунанд, онҳо ба хидматкорон чӣ гуфтанд?
5. Хидматкорон дар ҷавоби бародарони Юсуф (а) чӣ гуфтанд?

---

[1]Юсуф:79

6. Вақте зарфи қиматбаҳои Юсуф (а) аз борхалтаи Бинёмин баромад, фарзандони Яъқуб (а) дар кадом ҳолат қарор гирифтанд ва чӣ гуфтанд?
7. Онҳо дар ивази Бинёмин ба Юсуф (а) чӣ пешниҳод карданд ва ҳазрати Юсуф (а) дар ҷавоб чӣ гуфт?

## ДАРСИ БИСТУ ЯКУМ
## БА НАЗДИ ЯЪҚУБ ЪАЛАЙҲИ-С-САЛОМ

Бародарони Юсуф (а) дар ҳайрат монданд, ки чигуна назди падарашон бармегарданд?!

Бо худ меандешиданд, ки ба падарашон чӣ мегӯянд?! Охир, онҳо чанд сол пештар барои Юсуф (а) дили падарашонро ранҷонида буданд. Оё имрӯз бо гум кардани Бинёмин бори дигар дили падари ранҷкашидаашонро ранҷонанд?!

Бародари аз ҳама калониашон аз рафтан ба назди ҳазрати Яъқуб (а) худдорӣ кард ва ба бародаронаш гуфт:

ارْجِعُوا إِلَى أَبِيكُمْ فَقُولُوا يَا أَبَانَا إِنَّ ابْنَكَ سَرَقَ وَمَا شَهِدْنَا إِلَّا بِمَا عَلِمْنَا وَمَا كُنَّا لِلْغَيْبِ حَافِظِينَ

### Тарҷума:

**“Ба назди падаратон баргардед; пас, ба вай бигӯед: “Эй Падар! Бегумон, писарат дуздӣ карда аст ва мо ба он чи дидаем, шоҳидӣ додаем ва мо аз ғайб огоҳ нестем””.**[1]

Вақте Яъқуб (а) ин хабарро шунид, яқин кард, ки ин тақдири Худо аст ва Аллоҳ таоло мехоҳад ӯро имтиҳон кунад. Дирӯз дилаш барои ҷудо шудан аз Юсуф (а) хунин гашта буд, имрӯз бошад аз ҷудоии Бинёмин хунин мегардад. Вай аниқ медонист, ки Худованд ӯро ба мусибати ҷудоӣ аз ду писар гирифтор намекунад. Ҳеҷ гоҳ Худои меҳрубон ӯро монанди Юсуф (а) ба дарди ҷудоӣ аз Бинёмин мубтало намегардонад. Вай боварии комил дошт, ки Худованд дар ин кор ҳикматҳоеро пинҳон карда аст. Одатан Худованд бандагонашро такрор ба такрор имтиҳон мекунад. Вақте онҳо дар ин имтиҳонҳо сабр карданд ва аз он сарбаландона гузаштанд, борони раҳмату неъматашро бар сарашон мерезад.

---

[1]Юсуф: 81

Бо ҳамин бародари калонии онҳо ҳам дар Миср монд ва ба Канъон барнагашт.

Оё Худованд бо он ҳама меҳрубонӣ ба бандагонаш ҳазрати Яъқуб (а)-ро аз се фарзандаш ҷудо мекунад ва дилашро аз ҷудоии фарзандон хунин мегардонад?! Албатта, не.

Дар ҳамин ҳолат ҳазрати Яъқуб (а) дилаш ором гирифт ва гуфт:

عَسَى اللَّهُ أَنْ يَأْتِيَنِي بِهِمْ جَمِيعًا إِنَّهُ هُوَ الْعَلِيمُ الْحَكِيمُ

## Тарҷума:

**“Бошад, ки Аллоҳ (таоло) ҳамаи фарзандонамро наздам оварад; зеро Вай Доно ва боҳикмат аст”.**[1]

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Ранҷонидани дили падару модар гуноҳи бузург аст ва ҷавони Худошинос аз он парҳез мекунад;
2. Ғайбро фақат Худо медонад ва ҳар чи ба сари банда меояд, бояд сабр кунад;
3. Ҳар сахтие, ки ба сари банда меояд, имтиҳони Худованд аст ва аз ҳикмат холӣ нест;
4. Худованд ба бандагонаш аз ҳама меҳрубонтар аст ва ҳеҷ гоҳ беҳикмат онҳоро ба сахтӣ гирифтор намекунад;
5. Агар банда ба имтиҳонҳои Худованд сабр кунад ва ба ҳама ҳолат шукри Ӯро ба ҷой оварад, Аллоҳи мутаол барояш неъматҳои зиёд медиҳад.

## ПУРСИШҲО

1. Бародарони Юсуф (а) дар кадом ҳолат қарор гирифтанд?
2. Бародари калониашон ба онҳо чӣ гуфт?
3. Вақте ҳазрати Яъқуб (а) ин хабарро шунид, онро чигуна қабул кард?

[1] Юсуф: 83

4. Оё Худованд беҳуда бандагонашро имтиҳон мекунад?
5. Агар банда ба сахтиҳо сабр ва шукр кунад, Худованд барояш чӣ медиҳад?
6. Вақте дили Яъқуб (а) ором гирифт, чӣ гуфт?

## ДАРСИ БИСТУ ДУЮМ
## ОШКОРШАВИИ СИРҲОИ ПИНҲОН

Яъқуб (а) ҳам инсон буд. Дилаш аз санг набуд. Вай писараш Юсуф (а)-ро ба хотир овард, ғамаш аз нав тоза шуд ва гуфт:

يَا أَسَفَى عَلَى يُوسُفَ

### Тарҷума:

**“Эй афсӯси Юсуфам…”**[1]

Фарзандонаш ҳолати падарашонро диданд ва ӯро маломат карда гуфтанд, ҳоло ҳам Юсуфро ба хотир меоварӣ ва ҳамин дард оқибат туро ҳалок мекунад.

Яъқуб (а) гуфт:

قَالَ إِنَّمَا أَشْكُو بَثِّي وَحُزْنِي إِلَى اللَّهِ وَأَعْلَمُ مِنَ اللَّهِ مَا لَا تَعْلَمُونَ

### Тарҷума:

**“Бешак, аз ин ғам ва дардам ба Аллоҳ (таоло) шикоят мебарам ва аз Худо он чиро медонам, ки шумо намедонед”.**[2]

Яъқуб (а) медонист, ки ноумедӣ аз раҳмати Худо куфр аст. Яъқуб (а) ба Худованд умеди калон дошт.

Яъқуб (а) фарзандонашро ба Миср фиристод, то барои пайдо кардани Юсуф (а) ва Бинёмин кӯшиш кунанд. Вай фарзандонашро аз ноумед шудан аз раҳмати Худо манъ кард. Онҳо бори сеюм ба Миср рафтанд. Ба назди Юсуф (а)

[1] Юсуф: 84
[2] 86

даромаданд, аз ҳолати камбағаливу мусибаташон дар назди вай шикоят карданд ва аз Юсуф (а) кӯмак хостанд.

Дар ҳамин ҳолат ғаму дард ва муҳаббати дили Юсуф (а) нисбати бародаронаш ба ҷӯш омад ва худро дошта натавонист. Вай ба худ мегуфт, наход фарзандони падари ман ва фарзандони паёмбарони Худо дар пеши подшоҳе аз подшоҳон аз камбағалӣ ва мусибат шикоят кунанд?!

То кай ин сирро пинҳон медорам?! То кай онҳоро дар ин ҳолат мебинам?! Кай падарамро мебинам?!

Вай дигар худро идора карда натавонист ва гуфт:

قَالَ هَلْ عَلِمْتُمْ مَا فَعَلْتُمْ بِيُوسُفَ وَأَخِيهِ إِذْ أَنْتُمْ جَاهِلُونَ

Тарҷума:

**“Оё медонед, вақте нодон будед, дар ҳаққи Юсуф ва бародараш чӣ корҳои бад кардед?!”**[1]

Фарзандони Яъқуб (а) медонистанд, ки аз ин сир ғайри Юсуф (а) ва худи онҳо ҳеҷ кас хабар надорад. Фаҳмиданд, ки ҳамин Азизи Миср бародари онҳо Юсуф (а) аст.

Онҳо ҳайрон монданд. Субҳоналлоҳ! Наход Юсуф (а) зинда бошад?! Оё вай дар даруни чоҳ намурда буд?! Аҷоиб! Наход Юсуф (а) подшоҳи Миср шуда бошад?! Наход Юсуф (а) хазинадори Миср гашта бошад?! Наход то ҳамин вақт ин ҳама гандуми бепулро Юсуф (а) ба мо дода бошад?! Оқибат барояшон аниқ шуд, ки марди то ин вақт бо онҳо сӯҳбат карда бародарашон Юсуф (а) будаст.

Гуфтанд:

قَالُوا أَإِنَّكَ لَأَنْتَ يُوسُفُ

Тарҷума:

**“Оё ту дар ҳақиқат Юсуф ҳастӣ?!”**[1]

---

[1]Юсуф: 89

Ҳазрати Юсуф (а) дар ҷавоб гуфт:

قَالَ أَنَا يُوسُفُ وَهَذَا أَخِي قَدْ مَنَّ اللَّهُ عَلَيْنَا إِنَّهُ مَنْ يَتَّقِ وَيَصْبِرْ فَإِنَّ اللَّهَ لَا يُضِيعُ أَجْرَ الْمُحْسِنِينَ

## Тарҷума:

**"Ман Юсуфам ва ин (Бинёмин) бародари ман аст; бегумон Аллоҳ (таоло) дар ҳаққи мо некӣ кард; дар ҳақиқат ҳар касе парҳез ва сабр мекунад, пас, ҳеҷ гоҳ Худованд музди бандагони некӯкорро барбод намедиҳад".**[2]

Онҳо гуфтанд:

قَالُوا تَاللَّهِ لَقَدْ آثَرَكَ اللَّهُ عَلَيْنَا وَإِنْ كُنَّا لَخَاطِئِينَ

## Тарҷума:

**"Қасам ба Худо, дар ҳақиқат Худо туро бар мо бартарӣ додааст ва ба дурустӣ ки мо дар роҳи хато будаем".**[3]

Юсуф (а) онҳоро барои корҳои бади кардаашон маломат ва сарзаниш накард, балки гуфт:

قَالَ لَا تَثْرِيبَ عَلَيْكُمُ الْيَوْمَ يَغْفِرُ اللَّهُ لَكُمْ وَهُوَ أَرْحَمُ الرَّاحِمِينَ

## Тарҷума:

**"Худо гуноҳони шуморо бубахшад ва Ӯ Меҳрубонтарини меҳрубонҳост".**[4]

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Шахси мусалмон бояд раҳмдил ва меҳрубон бошад;
2. Мӯъмин аз сахтиҳои ба сараш омада фақат пеши Худованд шикоят мебарад;

---

[1]Юсуф: 90
[2]Юсуф: 90
[3]Юсуф: 91
[4]Юсуф: 92

3. Фарзанд ҳаққи маломат кардани падару модарашро надорад;
4. Бандаи ҳақиқӣ набояд аз раҳмати Худо ноумед гардад;
5. Сабаби асосии ҳама бадкориҳои бародарони Юсуф (а) ба нодонии онҳо бармегардад. Барои ҳамин андӯхтани дониш барои мусалмонон лозим ва зарур аст;
6. Кори бад хоҳу ноҳоҳ рӯзе ошкор мегардад ва ҷавони имондор бояд аз ҳама гуна бадкорӣ парҳез кунад;
7. Парҳезгорӣ ва пеша кардани сабр роҳи расидан ба қуллаҳои баланди комёбиҳо аст;
8. Вақте дар роҳи хато буданатонро фаҳмидед, дар ҳол аз он роҳ баргардед ва иқрор кунед, ки дар ҳақиқат хато кардаед;
9. Ҳар чанд касе ба шумо зулм карда бошад, вақте имконият пайдо мекунед, кӯшиш кунед ҳамчун Юсуф (а) камбудиҳои кардаи он золимро дар ҳаққи худатон бахшед, зеро Аллоҳи мутаоло бахшандагонро дӯст медорад.

## ПУРСИШҲО

1. Чаро ҳазрати Яъқуб (а) "**Эй афсӯси Юсуфам**..." гуфт?
2. Вақте фарзандонаш ин ҷумларо аз забони вай шуниданд, чӣ гуфтанд?
3. Яъқуб (а) дар ҷавоби писаронаш чӣ гуфт?
4. Ҳазрати Яъқуб (а) ноумедӣ аз раҳмати Худоро чӣ медонист?
5. Бародарони Юсуф (а) дар назди вай аз чӣ шикоят карданд?
6. Вақте ҳазрати Юсуф (а) ҳолати бародаронашро дид, чӣ кор кард?
7. Баъди иқрор кардани бародарони Юсуф (а), ки дар ҳақиқат дар ҳаққи вай зулм кардаанд, ҳазрати Юсуф (а) ба онҳо чӣ ҷавоб дод?

# ДАРСИ БИСТУ СЕЮМ
## КАС ФИРИСТОДАНИ ЮСУФ ЪАЛАЙҲИ-С-САЛОМ БА СӮИ ЯЪҚУБ ЪАЛАЙҲИ-С-САЛОМ

Юсуф (а) муштоқи дидори Падараш гашта буд. Охир, чихел муштоқаш нагардад, ки солҳои хеле зиёд аз вай ҷудо буд. Барои чӣ бояд Юсуф (а) сабр кунад, дар ҳоле ки ҳама сирҳои пинҳон ошкор гашт!

Читавр Юсуф (а) ба роҳат мехӯрд ва менӯшид, ҳол он ки падараш аз хӯрдан ва нӯшидани ба роҳат танқисӣ мекашид ва хоби ба роҳат намерафт.

Ҳама сирҳои то имрӯз пинҳонмонда ошкор шуд. Аз ин пас Худованд мехоҳад чашми Яъқуб (а) бо дидани ҷамоли зебои Юсуфи гумгаштааш равшан ва ором шавад.

Чашмони Яъқуб (а) аз гиряи бисёр ва ғаму дард нобино гашта буд.

Юсуф (а) ба бародаронаш гуфт:

اذْهَبُوا بِقَمِيصِي هَذَا فَأَلْقُوهُ عَلَى وَجْهِ أَبِي يَأْتِ بَصِيرًا وَأْتُونِي بِأَهْلِكُمْ أَجْمَعِينَ

## Тарҷума:

**"Ин пероҳани маро бибаред; пас, онро ба чеҳраи падарам андозед, бино мешавад ва ҳамаи аҳли хонадонатонро ба наздам биоваред".**[1]

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Бояд шахси имондор ба падару модараш меҳрубон бошад;
2. Шахси Худотарс кӯшиш мекунад, ки падару модараш дар зиндагии бароҳат бошанд ва ранҷ накашанд;

[1] Юсуф: 93

3. Худованд ба ҳама чиз қудрат дорад ва бандаи мӯъмин бояд дар ҳама сахтиҳо бар асоси ҳамин эътиқод зиндагӣ кунад.

## ПУРСИШҲО

1. Юсуф (а) дар шавқи дидори кӣ буд?
2. Чаро Юсуф (а) барои дидори падараш ин қадар шавқманд буд?
3. Чашмони Яъқуб (а) барои чӣ нобино гашта буд?
4. Юсуф (а) барои бино гаштани падараш чӣ кор кард ва ба бародаронаш чӣ гуфт?

## ДАРСИ БИСТУ ЧОРУМ

## ЯЪҚУБ ЪАЛАЙҲИ-С-САЛОМ ДАР ҲУЗУРИ ЮСУФ ЪАЛАЙҲИ-С-САЛОМ

Вақте пероҳани Юсуф (а)-ро ба канъон бурданд, ҳазрати Яъқуб (а) бӯи пероҳани Юсуфи солҳо гумгаштаашро эҳсос кард ва гуфт:

إِنِّي لَأَجِدُ رِيحَ يُوسُفَ

**Тарҷума:**

**“Дар ҳақиқат ман бӯи Юсуфро эҳсос мекунам”.**[1]

Мардум ба Яъқуб (а) гуфтанд:

تَاللَّهِ إِنَّكَ لَفِي ضَلَالِكَ الْقَدِيمِ

Тарҷума:

**“Бе шубҳа, ту ҳанӯз ҳам дар ҳамон хатои қадимаат боқӣ мондаӣ”.**[2]

Вале онҳо намедонистанд, ки ҳазрати Яъқуб (а) рост мегӯяд.

فَلَمَّا أَنْ جَاءَ الْبَشِيرُ أَلْقَاهُ عَلَى وَجْهِهِ فَارْتَدَّ بَصِيرًا قَالَ أَلَمْ أَقُلْ لَكُمْ إِنِّي أَعْلَمُ مِنَ اللَّهِ مَا لَا تَعْلَمُونَ

**Тарҷума:**

**“Вақте марди хабаррасон (бо номи Яҳузо) омад, он пероҳанро ба чеҳраи Яъқуб (а) андохт; пас, вай бино шуд; гуфт: “Оё ба шумо нагуфтам, ман аз Худованд чизҳоеро медонам, ки шумо намедонед?!”**[3]

Фарзандонаш ба вай гуфтанд:

---

[1]Юсуф: 94
[2]Юсуф: 95
[3]Юсуф: 96

قَالُوا يَا أَبَانَا اسْتَغْفِرْ لَنَا ذُنُوبَنَا إِنَّا كُنَّا خَاطِئِينَ

## Тарҷума:

**“Эй Падар! Барои гуноҳони мо аз Худованд омӯрзиш бихоҳ; бе шубҳа, мо хатокор будаем”.**[1]

Ҳазрати Яъқуб (а) гуфт:

قَالَ سَوْفَ أَسْتَغْفِرُ لَكُمْ رَبِّي إِنَّهُ هُوَ الْغَفُورُ الرَّحِيمُ

## Тарҷума:

**“Ба зудӣ[2] аз Худо бароятон талаби омӯрзиш мехоҳам; зеро Вай Бахшандаи Меҳрубон аст”.**[3]

Вақте Яъқуб (а) ба Миср расид, Юсуф (а) ӯро истиқбол гирифт. Акнун дар бораи хурсандии падар ва писари солҳои дароз аз ҳам ҷудо напурс!

Он рӯз дар Миср бисёр рӯзи муборак буд.

Юсуф (а) барои эҳтиром падару модарашро болои тахти шоҳӣ баровард ва ҳамаашон дар назди Юсуф (а) сари таъзим фуруд оварданд.

Вақте Юсуф (а) ин манзараро дид, гуфт:

وَقَالَ يَا أَبَتِ هَذَا تَأْوِيلُ رُؤْيَايَ مِنْ قَبْلُ قَدْ جَعَلَهَا رَبِّي حَقًّا

## Тарҷума:

**“Таъбири хоби дидаи ман ҳамин аст; бегумон Худованд онро ҳақиқӣ гардонид”.**[4]

Ҳамон ёздаҳ ситора ва офтобу моҳтоб, ки дар хоб назди Юсуф (а) саҷда карда буданд, ҳамин ёздаҳ бародар ва падару модари вай будаанд.

---

[1]Юсуф: 97

[2]Аҳли тафсир гӯянд, Яъқуб (а) вақти талаби истиғфор барои фарзандонашоро ба субҳдам ба таъхир гузошт, зеро субҳдам вақти иҷобати дуо аст. (Аз мутарҷим)

[3]Юсуф: 98

[4]Юсуф: 100

Юсуф (а) барои ин неъмат Худовандро бисёр-бисёр шукру сипос гуфт.

Яъқуб (а) бо аҳли хонадонаш дар Миср солҳои дуру дароз зиндагӣ карданд.

Ҳазрати Яъқуб (а) бо ҳамсараш дар Миср вафот кард.

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Баъд аз ҳар душворӣ осонӣ аст;
2. Бандаи боимон бояд ҳамчун Яъқуб (а) ба раҳмати илоҳӣ яқин дошта бошад;
3. Дуои вақи саҳар назди Худованд қабул мешавад. Барои ҳамин ҳазрати Яъқуб (а) барои омӯрзиши гуноҳони писаронаш дар вақти субҳ дуо кард;
4. Фарзанд дар ҳама ҳолат вазифадор аст, ки эҳтироми падару модараш ба ҷой биоварад, ҳатто агар монанди Юсуф (а) подшоҳ ҳам бошад;
5. Агар Худованд расидани неъматро бароят бихоҳад, ҳеҷ кас пеши роҳи онро гирифтан наметавонад;
6. Оқибати ҳама марг аст. Пас, барояи он бояд тайёр бошем.

## ПУРСИШҲО

1. Вақте пероҳани Юсуф (а)-ро ба Миср оварданд, ҳазрати Яъқуб (а) чӣ гуфт?
2. Мардум дар ҷавоби ҳазрати Яъқуб (а) чӣ гуфтанд?
3. Ҳазрати Яъқуб (а) ба онҳо чӣ ҷавоб дод?
4. Вақте Юсуф (а) ҳазрати Яъқубро истиқбол гирифт, бо онҳо чигуна муносибат кард?
5. Барои чӣ Юсуф (а) падару модарашро бар рӯи тахти шоҳӣ нишонд?
6. Падару модар ва бародаронаш дар назди Юсуф (а) чӣ кор карданд?

7. Юсуф (а) баъди дидани ин манзара чӣ гуфт?
8. Вақте банда ба неъмат мерасад, бояд чӣ кор кунад?

## ДАРСИ БИСТУ ПАНҶУМ
## ОҚИБАТИ НЕК

Мансаби подшоҳӣ Юсуф (а)-ро аз ёди Худо машғул накард ва вай тағйир наёфт.

Юсуф (а) доим бо зикр ва ибодати Худо машғул буд ва аз азоби Аллоҳ таоло сахт метарсид. Юсуф (а) дар даврони подшоҳӣ ҳукми Худоро ҷорӣ мекард ва таслими фармонҳои Парвардигор буд.

Юсуф (а) мансаби подшоҳиро давомнок намедонист ва онро беқадр меҳисобид.

Юсуф (а) марги шоҳона ва рӯзи қиёмат ҳамроҳи подшоҳон ҳашр шуданро намехост. Балки вай мехост монанди як бандаи ҳақиқии Худо аз дунё биравад ва рӯзи қиёмат дар қатори бандагони неки Парвардигор ҳашр шавад.

Дуои Юсуф (а) чунин буд:

رَبِّ قَدْ آتَيْتَنِي مِنَ الْمُلْكِ وَعَلَّمْتَنِي مِنْ تَأْوِيلِ الْأَحَادِيثِ فَاطِرَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ أَنْتَ وَلِيِّي فِي الدُّنْيَا وَالْآخِرَةِ تَوَفَّنِي مُسْلِمًا وَأَلْحِقْنِي بِالصَّالِحِينَ

## Тарҷума:

**“Парвардигорам, Ту ба ман подшоҳии (Мисрро) додӣ ва бароям маҳорати таъбири хобро таълим кардӣ; (Эй) Офарандаи осмонҳо ва замин, Ту дастгир ва Сарпарасти ман дар дунё ва охират ҳастӣ; маро дар ҳолати мусалмонӣ бимирон ва ба гурӯҳи бандагони нек бипайванд”.**[1]

---

[1]Юсуф: 101

Аллоҳ таоло дуои Юсуф (а)-ро қабул кард, ӯро бо ислом миронид ва ба гурӯҳи падаронаш Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб (а) ҳамроҳ кард.

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Ягон мансаб дар дунё доимӣ нест ва бандаи ҳақиқии Худо фиреби онро намехӯрад, балки дар ҳама ҳолат бо ибодат ва зикри Парвардигор машғул мешавад;
2. Бандаи ҳақиқии Худованд ҳамеша мекӯшад, то фармон ва ҳукми Парвардигорро аввал дар худаш ва баъд дар оилаву ҷомеа ва ғайра иҷро кунад;
3. Мӯъмин бояд ҳамеша аз Худованд талаб кунад, ки оқибати корашро ба хайр гардонад ва бо имон аз дунё биравад;
4. Дар дунё бо ҳар чи зиндагӣ кунӣ, бо ҳамон мемирӣ.

## ПУРСИШҲО

1. Оё мансабҳо дар дунё доимӣ ҳастанд?
2. Вақте бандаи мӯъмин мансаб мегирад, бояд чӣ кор кунад?
3. Юсуф (а) кадом навъи дӯст медошт ва дар қатори кӣ мехост ҳашр шавад?
4. Юсуф (а) аз Худованд чӣ талаб кард?
5. Оё Худованд дуои ҳазрати Юсуф (а)-ро қабул кард?

# КИШТИИ НӮҲ ЪАЛАЙҲИ-С-САЛОМ

*ДАРСИ ЯКУМ*

## БАЪД АЗ ҲАЗРАТИ ОДАМ ЪАЛАЙҲИ-С-САЛОМ

Худованд дар насли ҳазрати Одам (а) баракат дода буд. Аз насли вай мардон ва занони бисёр пайдо шуданд. Насли ҳазрати Одам (а) дар рӯи замин паҳн гашт ва бисёр шуд.

Агар ҳазрати Одам (а) як бори дигар имкони ба дунё омадан медошт ва фарзандонашро медид, онҳоро намешинохт. Агар ба вай мегуфтанд, ҳамаи инҳо аз насли ту ҳастанд, дар ҳайрат мемонд. Ҳатман бо ҳолати ҳайратзадагӣ мегуфт, субҳоналлоҳ! Наход ҳамаи ҳаминҳо фарзандони ман бошанд?! Наход ҳамаи ҳаминҳо аз насли ман бошанд?!

Фарзандони Одам (а) қишлоқҳои бисёр доштанд ва хонаҳои бисёр сохтанд. Онҳо замин ҷуфт мекарданд, дар он зироат мекориданд ва барои зиндагиашон маҳсулот ба даст меоварданд. Ҳамаи мардум дар дини падарашон Одам (а) буданд. Фақат Худоро мепарастиданд ва ба Вай ҳеҷ чизро шарик намегардониданд.

Мардум ҳама як миллат буданд. Падарашон Одам (а) ва парвардигорашон Аллоҳи ягона буд.

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Соҳиби фарзандони нек ва парҳезгорӣ беҳтарин неъмати Худованд аст;
2. Ҳамаи инсонҳо дар асл аз як падар ва модар ҳастанд ва дар назди Худо ҳеҷ кас аз каси дигар беҳтар нест, магар бо парҳезгорӣ;
3. Ширк овардан ба Худованд бадтарин ва бузургтарин гуноҳ аст ва банда бояд аз он парҳез кунад.

### ПУРСИШҲО

1. Худо дар насли ҳазрати Одам (а) чӣ дода буд?

2. Агар Одам (а) аз нав зинда мешуд ва ҳамаи ин фарзандонашро медид, чӣ мегуфт?
3. Падари ҳамаи инсонҳо кӣ аст?
4. Фарзандони Одам (а) дар аввал киро мепарастиданд ва аз чӣ парҳез мекарданд?

## ДАРСИ ДУЮМ

## ҲАСАД ХӮРДАНИ ШАЙТОН БА ОДАМ ЪАЛАЙҲИ-С-САЛОМ ВА ФАРЗАНДОНАШ

Вале Иблис бо фарзандонаш читавр ба ин ҳама розӣ мешуд?!

Магар вай розӣ мешавад, ки фарзандони Одам (а) яктопараст монанд?!

Магар вай розӣ мешавад, ки онҳо ҳама як миллат бошанд ва аз ҳам ҷудо нашаванд?! Не, ҳаргиз Иблис инро намехост!

Чӣ?! Фарзандони Одам (а) ба биҳишт дароянд ва Шайтон бо фарзандонаш дӯзахӣ шавад?! Не-не, кор набояд ин тавр сурат гирад!

Иблис аз рӯи кибру ғурур ба Одам (а) саҷда накард ва Худованд ӯро лаънат карда, аз даргоҳаш ронд. Оё вай аз фарзандони Одам (а) интиқом намегирад, то ҳама насли ҳазрати Одам (а) бо вай ба дӯзах дароянд?! Бале, бояд ҳамин хел шавад! Бояд ҳамин хел шавад!

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Шайтон ҳамеша дар пайи кӯшиши васваса ва гумроҳ кардани фарзандони Одам (а) аст;
2. Банда бояд доим аз васвасаҳои Шайтон ба Худованд паноҳ барад;
3. Асоситарин кӯшиши Шайтон он аст, ки бандаро аз яктопарастӣ ҷудо карда ва ба ширк олудааш созад;
4. Ба эътиқоди Шайтон Одам (а) сабабгори ронда шудани вай аз даргоҳи Худо шуд. Ба ҳамин сабаб вай мехоҳад аз фарзандони Одам (а) интиқом гирад;
5. Бояд бисёр ҳушёр буд, то ба васвасаи Иблис гирифтор нашавем.

## ПУРСИШҲО

1. Оё Шайтон бо фарзандонаш розӣ буд, ки насли ҳазрати Одам (а) ба ҷаннат дароянд?
2. Барои чӣ Шайтон мехоҳад аз Одам (а) интиқом ситонад?
3. Банда дар баробари васвасаҳои Шайтон бояд чӣ кор кунад?
4. Бадтарин гуноҳе, ки Шайтон мехоҳад фарзандони Одам (а) ба он даст зананд, кадом аст?

# ДАРСИ СЕЮМ
## АНДЕШАИ ШАЙТОН

Шайтон баъд аз фикри зиёд ба хулосае омад, ки бояд коре кунад, то фарзандони Одам (а) аз яктопарастӣ ҷудо шаванд ва ба ширк даст зананд. Бо ҳамин роҳ ҳамаашон дохили дӯзах мешаванд ва аз ҷаннат маҳрум мегарданд.

Иблис медонист, ки Худованд ҳама гуноҳро мебахшад, аммо гуноҳи ширкро ҳеҷ гоҳ намебахшад.

Шайтон қасд кард фарзандони Одам (а)-ро ба гуноҳи ширк олуда кунад ва ба ҳамин восита аз биҳишт маҳрум гардонад. Аммо фикр мекард, ки барои расидан ба ин мақсад бояд чӣ кор кунад?! Охир, ҳамаи мардум яктопараст ҳастанд-ку!

Агар вай пеши мардум равад ва ба онҳо “**Худоро напарастед, балки бутҳоро парастед**” гӯяд, аз онҳо шаллоқ мехӯрад ва зери мушту лагад мемонад. Мардум дар ҷавобаш “**Паноҳ ба худо! Наход мо ба Аллоҳ таоло ширк биоварем?! Наход мо бутҳоро парастем?! Ту Шайтони рондашудаи даргоҳи Худо ва палид ҳастӣ!**” мегӯянд.

### ДАРСҲО ВА ИБАРТҲО

1. Шайтон доим барои гумроҳ кардани инсон нақша мекашад ва кӯшиш мекунад;
2. Хатарноктарин гуноҳе, ки Шайтон инсонро ба он олуда месозад, ширк овардан ба Худованд аст;
3. Агар банда бо имон аз дунё гузарад, агарчи гунаҳкор ҳам бошад, умед ҳаст, ки Аллоҳ таоло ӯро мебахшад, аммо агар бо гуноҳи ширк овардан аз дунё реҳлат кунад, ҳаргиз Худои таоло гуноҳашро намебахшад;
4. Муҳимтарин ҳаққи Худованд бар банда яктопарастӣ ва дурӣ ҷустан аз ширк аст.

# ПУРСИШҲО

1. Шайтон барои гумроҳ кардани фарзандони Одам (а) чӣ фикр мекард?
2. Оё Худованд гуноҳи ширкро мебахшад?
3. Иблис мардумро аз чӣ ҷудо кардан мехост?
4. Оё шахси ба Худо шариковарда ба биҳишт медарояд?
5. Муҳимтарин ҳаққи Худо бар банда кадом аст?

## ДАРСИ ЧОРУМ
## МАКРИ ШАЙТОН

Шатон барои ичро гаштани нақшаи худ даромадгоҳе пайдо кард, ки аз он ба ақлҳои мардум роҳ меёбад.

Дар он замон мардоне зиндагӣ мекарданд, ки аз Худо метарсиданд ва шабу рӯз бо ибодат ва зикри Аллоҳ таоло машғул буданд. Онҳо Худоро дӯст медоштанд ва Худо ҳам онҳоро дӯст медошт ва ҳамаи хостаҳояшонро қабул мекард.

Мардум ин бандагони неки Худоро бисёр дӯст медоштанд ва онҳоро эҳтиром мекарданд. Шайтон инро хуб медонист.

Он бандагони неки Худо аз дунё рафтанд ва ба раҳмати Ҳақ пайвастанд.

Шайтон аз фурсат истифода бурд ва назди мардум рафта зиндагонии он мардони неки Худоро ба ёдашон овард ва гуфт: “**Фалону фалону фалон мардҳои аз дунё гузашта чихел инсон буданд?**” Мардум гуфтанд: “**Субҳоналлоҳ! Мардони ҳақиқӣ ва авлиёи Худо буданд. Агар дуо мекарданд, Аллоҳ таоло дуои онҳоро қабул мекард ва ҳар чи аз Худо мехостанд, барояшон медод**”.

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Барои шахси мӯъмин дӯст доштани Худову пайғамбарон фарз аст;
2. Дӯст доштани Худо ҳатмист, вале бояд маълум карда шавад, ки оё Худованд ҳам моро дӯст медорад;
3. Барои ба дӯстии Худованд сазовор гаштан бояд амалҳои нек анҷом дода шавад;
4. Шахси боимон тарзе зиндагӣ мекунад, ки баъди маргаш дар байни мардум номи некаш боқӣ бимонад;
5. Худованд дуои бандагони нек ва паҳезкорашро қабул мекунад.

## ПУРСИШҲО

1. Шайтон барои гумроҳ кардани бандагони Худо чӣ кор кард?
2. Оё Шумо дар зиндагӣ кӯшиш мекунед, то баъди марг номатон ба некӣ бимонад?
3. Дӯст доштани Худову паёмбарон чӣ ҳукм дорад?
4. Оё Шумо Худоро сидқан дӯст медоред?
5. Оё Худо Шуморо дӯст медорад?

## ДАРСИ ПАНҶУМ

## АКСҲОИ БАНДАГОНИ НЕКИ ХУДО

Шайтон аз мардум пурсид, барои аз даст додани ин ҳама бандагони неки Худо чӣ қадар ғам мехӯред?

-Гуфтанд: “**Хеле сахт ғамгинем**”.

-Боз пурсид, барои дидани онҳо чӣ қадар шавқу ҳавас доред?

-Гуфтанд: “**Хеле зиёд**”.

-Гуфт: “**Пас, барои чӣ ҳар рӯз ба онҳо нигоҳ намекунед?**”

-Гуфтанд: “**Читавр мо ба онҳо нигоҳ кунем, дар ҳоле ки дигар дар байни мо нестанд ва аз дунё рафтаанд**”.

-Гуфт: “**Акси онҳоро бисозед ва ҳар субҳ суратҳояшонро тамошо кунед**”.

Ин пешниҳоди Шайтон ба мардум маъқул омад ва сурати он бандагони неки Худоро кашиданд. Ҳар рӯз ба он суратҳо нигоҳ мекарданд. Вақте сурати он авлиёи Худоро медиданд, онҳоро ба хотир меоварданд.

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Шайтон мардумро аз роҳи эҳтироми зиёд ба авлиёи Худо ба гумроҳӣ мекашад;
2. Дӯст доштани бандагони неки Худо бо пайравӣ кардан аз амалҳои неки онҳост;
3. Дӯст доштани махлуқ ҳад дорад ва шахси боимон набояд аз он гузарад.

### ПУРСИШҲО

1. Шайтон аз мардуми он замон чӣ пурсид?
2. Мардум дар ҷавоби Шайтон чӣ гуфтанд?
3. Шайтон ба онҳо чӣ пешниҳод кард?
4. Оё пешниҳоди Шайтон барои мардум писанд омад?

5. Баъди пешниҳоди Шайтон мардум чӣ кор карданд?
6. Дӯст доштани бандагони неки Худо бояд читавр бошад?

# ДАРСИ ШАШУМ
# АЗ СУРАТКАШӢ ТО БА ҲАЙКАЛСОЗӢ

Мардум оҳиста-оҳиста аз сураткашӣ ба ҳайкалсозӣ гузаштанд. Барои бандагони неки Худо, ки аз дунё даргузашта буданд, ҳайкал сохта ва онро дар хонаҳо ва масҷидҳояшон мегузоштанд.

Мардум дар он замон фақат Худоро парастиш мекарданд ва ба гуноҳи ширк олуда нагашта буданд.

Онҳо медонистанд, ки он чи сохтаанд, фақат ҳайкали авлиёи Худо аст. Медонистанд, ки ин ҳайкалҳо аз санг сохта шудаанд, зарару фоида расонида наметавонанд ва аз ӯҳдаи додани ризқ ҳам намебароянд. Аммо онҳо аз он ҳайкалҳо баракат меҷустанд ва барои эъҳтироми бандагони неки Худо назди он таъзим мекарданд.

Рафта-рафта одати ҳайкалсозӣ ва дар назди он таъзим кардан зиёд шуд. Вақте шахси парҳезкор аз дунё мегузашт, дар ҳол барояш аз санг ҳайкал месохтанд ва ба номи ҳамон мард номгузорӣ мекарданд.

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Бандаи боимон бо тамоми қувват кӯшиш мекунад, то аз гуноҳи ширк бипарҳезад;
2. Шахс бояд аз тамоми корҳое, ки рафта-рафта ба ширк олудааш мекунад, парҳез намояд;
3. Тарошидани ҳайкали шахс ва кашидани сурати вай баъди маргаш ва нигоҳ доштани он дар хона аз амалҳои давраи ҷоҳилият ва бар хилофи дини Ислом аст.

## ПУРСИШҲО

1. Мардуми он замон аз сураткашӣ ба чӣ гузаштанд?
2. Ба ақидаи онҳо магар ҳамин ҳайкалҳои аз сангсохташуда фоида ва зарар расонидан метавонистанд?

3. Агар фоидаву зарар нарасонанд, пас, мардум ба кадом ақида назди онҳо таъзим мекарданд?
4. Оё таъзим кардан дар назди махлуқ дуруст аст?
5. Оё баъди марги шахс сохтани ҳайкалчаҳо ва кашидану сурат ва нигоҳ доштани он дар хонаҳо дуруст аст?
6. Бузургтарин гуноҳ назди Худованд кадом аст?

## ДАРСИ ҲАФТУМ
## АЗ ҲАЙКАЛТАРОШӢ БА БУТПАРАСТӢ

Мардуми ҳайкалтароши он замон аз дунё гузаштанд. Фарзандонашон медиданд, ки падаронашон аз ин ҳайкалҳои авлиёи Худо баракат меҷӯянд ва назди онҳо таъзим мекунанд. Онҳо медиданд, ки падаронашон ба ин ҳайкалҳо бӯса мезананд, барои табаррук ҷустан онҳоро дастмол медиҳанд ва дар назди он истода дуо мекунанд.

Фарзандон медиданд, ки читавр падаронашон дар назди ҳайкалҳои аз санг сохташуда сар хам мекунанд ва чигуна дар пеши онҳо рукуъ мекунанд.

Вақте фарзандон ҳамаи ин корҳои падаронашонро диданд, ба ин амалҳои гузаштагонашон иловаҳо оварданд. Фарзандон дар назди ҳайкалҳо ба саҷда кардан, талаб кардани ҳоҷат ва забҳ кардани гову гусфанд оғоз карданд.

Бо ҳамин ин ҳайкалҳои сангин ба бутҳое табдил ёфтанд ва мавриди ибодат қарор гирифтанд. Мардум ин бутҳоро монанди ибодати Худо мепарастиданд.

Ин бутҳо дар байни мардум бо номҳои гуногун хеле зиёд шуд. Якеро “**Вадд**”, дигарашро “**Сувоъ**”, сеюмро “**Яғус**”, чорумро “**Яъуқ**” ва панҷумро “**Наср**” номгузорӣ карданд.

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Бояд падар ва модарон барои фарзандон дар корҳои нек ва ақидаҳои дуруст намунаи ибрат бошанд;
2. Дастмол кардани мазорҳо барои табаррук ҷустан гуноҳи бузург аст;
3. Аз банда талаби ҳоҷатое, ки фақат Аллоҳ таоло аз ӯҳдаи иҷро он мебарояд, ширк аст;
4. Дуо кардан аз ғайри Аллоҳ таоло ширк аст;
5. Саҷда кардан дар назди мазорҳо, талаб кардани ҳоҷат аз мурдагон ва забҳ кардани чорпо дар назди қабристон гуноҳи бузург ва ҳаром аст.

## ПУРСИШҲО

1. Фарзандон дар он замон ба кӣ пайравӣ карданд ва даст ба ширк заданд?
2. Онҳо бар кардаҳои падаронашон чӣ иловаҳо карданд?
3. Оё сар хам кардан ва рукуъ кардан дар назди ғайри Худо дуруст аст?
4. Оё дар назди қабристон забҳ кардани чорпо дуруст аст?
5. Саҷда кардан, талаби дуо ва ҳоҷат аз мурдагон, ҳатто агар авлиёи Худо ҳам бошанд, дуруст аст?
6. Номи бутҳои мушрикон дар он замон чӣ буд?

# ДАРСИ ҲАШТУМ
## ҒАЗАБИ АЛЛОҲ ТАОЛО

Худованд бар он мардуми мушрик сахт ғазаб кард ва онҳоро лаънат кард.

Читавр Аллоҳ таоло бар онҳо ғазаб накунад ва чигуна онҳоро лаънат накунад?! Магар Парвардигор онҳоро барои ширк овардан офарида буд?! Магар ба онҳо барои ҳамин ризқ медиҳад?!

Дар замини Худо роҳ мегарданд ва ба Парвардигорашон куфр меварзанд!

Ризқи Худоро мехӯранд ва ба Вай шарик меоранд?!

Ин бисёр зулми бузург аст! Ин бисёр зулми бузург аст!!!

Худо бар мардуми он замон ғазаб кард, боронро аз онҳо манъ кард ва ризқу рӯзиашонро кам кард. Зироат ва наслашон ҳам кам шуд.

Вале мардум ақли худро кор нафармуданд ва аз ин амали бадашон тавба накарданд!

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Гуноҳ сабаби ба ғазаби Худо гирифтор шудани банда мегардад;
2. Худованд ба бандаи мушрик лаънат мефиристад;
3. Ризқи Худоро хӯрдан ва ба Вай ширк овардан айни аҳмақӣ ва гуноҳи нобахшиданӣ аст;
4. Ширк овардан ба Худо бузургтарин зулм аст;
5. Гуноҳ сабаби тангии ризқу рӯзӣ мегардад;
6. Агар банда аз гуноҳи ширк сидқан тавба кунад, Аллоҳ таоло гуноҳашро мебахшад. Зеро Худованд Бахшояндаи Меҳрубон аст.

## ПУРСИШҲО

1. Барои чӣ Аллоҳ таоло бар он мардум ғазаб кард?

2. Магар хӯрдани ризқи Худо ва ширк овардан ба Вай дуруст аст?
3. Оё гуноҳи ширк дар кам шудани ризқу рӯзӣ таъсир мерасонад?
4. Оё мардум дар он замон ақли худро ба кор бурданд ва аз кардаҳояшон тавба карданд?

## ДАРСИ НУҲУМ
## ФИРСТОДАНИ ПАЁМБАР (С)

Худованд хост ба сӯи ин мардуми роҳгумкарда мардеро аз байни худашон фиристад, то бо онҳо гап занад ва насиҳаташон кунад.

Худованд бо ҳамаи бандагонаш алоҳида-алоҳида ва танҳо-танҳо гап намезанад. Худованд ба ҳар кас алоҳида-алоҳида хитоб намекунад.

Подшоҳон бо ҳама алоҳида-алоҳида гап намезананд. Подшоҳон ҳамаро дар алоҳидагӣ "**ин корро бикун, он корро накун**" гуфта хитоб намекунанд.

Подшоҳони дунё монанди мо инсон ҳастанд. Ҳар кас метавонад онҳоро бубинад ва суханашонро бишнавад. Аммо ҳама дар ин дунё қудрати дидан, шунидан ва гап задан бо Худоро надоранд. Дар ин дунё фақат касе метавонад Худоро бубинад, бо Вай гап занад ва суханонашро бевосита бишнавад, ки Аллоҳ таоло худаш онро хоста бошад. Ҳар вақт Худо мехоҳад бо бандагони ихтиёркардааш гап мезанад.

Барои ҳамин Худованд хост ба сӯи мардум пайғомбар фиристад, то бо Вай гап зананд ва мардумро насиҳат кунанд.

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Пайғомбарони Худо монанди мо инсонанд;
2. Худованд аз раҳматаш ба бандагон ба сӯи онҳо паёмбар фиристод;
3. Вазифаи пайғомбарони Худо аз насиҳати мардум ва роҳнамоии гумроҳон иборат буд;
4. Ҳар кас мардумро ба анҷом додани кори хайр насиҳат кунад, аз пайғомбарони Худо пайравӣ карда аст;
5. Худованд барои иҷрои вазифаи пайғомбарӣ бандагони хоси худро ихтиёр мекунад.

## ПУРСИШҲО

1. Худованд барои роҳнамоии бандагони гумроҳ чӣ кор кард?
2. Вазифаи пайғомбарони Худо аз чӣ иборат аст?
3. Оё дар ин дунё ҳамаи бандагон қудрати бо Худо гап заданро доранд?
4. Худованд барои анҷоми вазифаи пайғомбарӣ киро интихоб мекунад?
5. Оё Шумо бо пайравӣ аз пайғомбарони Худо мардумро насиҳат мекунед?

## ДАРСИ ДАҲУМ
## ИНСОН Ё ФАРИШТА

Хости Худо бар он рафта буд, ки паёмбар монанди мо инсон ва аз байни худамон бошад. Мардум ӯро шиносанд ва суханонашро фаҳманд.

Агар пайғомбар фаришта мешуд, мардум даъво мекарданд, ки ӯро ба мо чӣ кор?! Мо инсон ва вай фаришта аст. Мо мехӯрем, менӯшем, зану фарзанд дорем! Пас, бо ҳамаи ин чихел Худоро ибодат кунем?!

Вақте паёмбар башар бошад, дар ҷавоби мардум мегӯяд, ман ҳам монанди шумо мехӯрам ва менӯшам, зану фарзанд ҳам дорам, аммо ба иловаи инҳо Худоро ибодат мекунам. Пас, чихел шумо Худоро ибодат карда наметавонед?!

Агар паёмбар фаришта мебуд, мардум даъво мекарданд, ки ту ташнаву гурусна намемонӣ, бемор намешавӣ ва намемирӣ. Барои ҳамин доим дар зикри Худо ҳастӣ! Мо бошем инсон ҳастем. Ташнаву гурусна мемонем, бемор мешавем ва мемирем. Пас, чихел доим Худоро ибодат ва зикр мекунем?!

Вақте паёмбар башар бошад, дар ҷавоби даъвои мардум мегӯяд: **"Ман ҳам монанди шумо ташнаву гурусна мешавам, бемор мешавам ва рӯзе мемирам. Аммо бо вуҷуди ин ҳама Худоро ибодат мекунам ва зикри Ӯро ба ҷой меоварам. Пас, чихел шумо аз ӯҳдаи ибодат ва зикри Худо баромадан наметавонед?!"**

Бо ҳамин мардум дигар даъво карда наметавонанд ва барои худ баҳона ва узр намеёбанд.

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Паёмбарон барои инсонҳо намунаи ибрат ҳастанд;
2. Инсон барои тарки ибодати Худо ҳеҷ баҳонае оварда наметавонад, чунки паёмбарони Худо ҳам монанди мо инсонанд;

3. Шайтон ҳамеша барои инсон дар содир кардани гуноҳ баҳона тайёр мекунад, аммо бандаи мӯъмин бояд он баҳонаҳора ба девор занад;
4. Агар инсон қомати Шайтонро шикаста ва ба васвасаҳои вай дода нашавад, ибодати Худоро ба ҷой оварад, мартабааш аз фаришта ҳам болотар меравад.

## ПУРСИШҲО

1. Барои чӣ Худованд паёмбарро аз байни мо инсонҳо интихоб кард?
2. Агар инсонҳо баҳона пеш биоваранд, ки зану фарзанд ва гуруснагиву ташнагӣ доранд ва барои ҳамин ба ибодат машғул шудан наметавонанд, оё ҳамин баҳонаашон дуруст аст ва дар ҷавоби онҳо бояд чӣ гуфта шавад?
3. Оё доштани зану фарзанд метавонад баҳонаи ибодат накардан шавад?
4. Оё паёмбарони Худо монанди мо ташнаву гурусна мемонданд?
5. Оё паёмбарони Худо монанди мо беморӣ ва марг доштанд?

## ДАРСИ ЁЗДАҲУМ

## ПАЁМБАР НӮҲ (А)

Хости Худованд бар он рафт, ки Нӯҳ (а)-ро ҳамчун паёмбари худ ба сӯи мардум фиристад. Дар байни мардум бойҳо ва пешвоҳои зиёд буданд, аммо Худо танҳо Нӯҳ (а)-ро барои адои вазифаи паёмбарӣ баргузид. Шахси дигарро интихоб накард.

Худо беҳтар медонад, кӣ арзандаи бардоштани паёми Ӯст. Худо беҳтар медонад, кӣ арзандаи бардоштани амонати Ӯст.

Нӯҳ (а) марди нек ва поктинат буд. Нӯҳ (а) марди боақл ва босабр буд.

Нӯҳ (а) барои мардум шахси хайрхоҳ ва меҳрубон буд. Нӯҳ (а) шахси ростқавл ва амонатдор буд. Худованд ӯро барои паёмбарӣ ихтиёр кард ва ба вай пайғом фиристод ва гуфт:

أَنْ أَنْذِرْ قَوْمَكَ مِنْ قَبْلِ أَنْ يَأْتِيَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ

### Тарҷума:

**“ Қавматро пеш аз омадани азоби дарднок ҳушдор бидеҳ!”**[1]

Бо ҳамин ҳазрати Нӯҳ (а) ба даъват ва насиҳати мардум шурӯъ кард ва ба онҳо мегуфт:

قَالَ يَا قَوْمِ إِنِّي لَكُمْ نَذِيرٌ مُبِينٌ

### Тарҷума:

**“Дар ҳақиқат ман (аз тарафи Худо) барои шумо ҳушдордиҳандаи ошкор ҳастам”.**[2]

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

[1]Нӯҳ: 1
[2]Нӯҳ: 2

Худованд барои адои вазифаи паёмбарӣ бандаи хостаашро ихтиёр мекунад;

1. Худо беҳтар медонад, кӣ ба мартабаи пайғомбарӣ меарзад;
2. Паёмбарони Худо шахсони поктинат, боақл ва босабр ҳастанд;
3. Паёмбарони Худо шахсони хайрхоҳ, меҳрубон, ростгӯй ва амонатдор ҳастанд;
4. Азоби Худо бисёр-бисёр дарднок аст ва бояд банда ба Аллоҳ таоло аз он паноҳ талаб кунад;
5. Паёмбарон аз тарафи Худованд таъйин мешаванд ва аз пеши худ чизе намегӯянд.

## ПУРСИШҲО

1. Оё ҳар кас аз ӯҳдаи иҷрои паёмбарӣ баромадан метавонад?
2. Паёмбарон чӣ сифатҳои нек доранд?
3. Магар паёмбарон дурӯғ мегӯянд?
4. Магар паёмбарон ба амонат хиёнат мекунанд?
5. Оё Шумо дар ростгӯӣ ва амонатдорӣ ба паёмбарон пайравӣ мекунед?
6. Нӯҳ (а) ба қавмашон чӣ гуфтанд?

## ДАРСИ ДУВОЗДАҲУМ
## ҶАВОБИ ҚАВМИ НӮҲ (А) БА ПАЁМБАРАШОН

Вақте Нӯҳ (а) дар байни қавмаш ба насиҳат сар кард ва гуфт:

إِنِّي لَكُمْ رَسُولٌ أَمِينٌ

## Тарҷума:

**"Бегумон ман фиристодаи амонатдори Худо ба сӯи шумо ҳастам"**[1], баъзе аз мардум ғавғо бардоштанд ва гуфтанд, ин мард аз кай боз паёмбари Худо шуда аст?! Дирӯз дар байнамон ҳамчун мо як марди оддӣ буд, имрӯз бошад худро паёмбари Худо эълон карда аст!

Рафиқони Нӯҳ (а) гуфтанд:

**"Охир, Нӯҳ дар хурдсолӣ бо мо якҷо бозӣ мекард ва ҳар рӯз ҳамроҳамон менишаст. Кай ба вай паёмбарӣ омада аст, ки мо бехабар мондаем?! Шабона омада бошад ё рӯзона?!"**

Бойҳо ва мутакаббирон гуфтанд: **"Оё Худованд барои паёмбарӣ ғайри ин бечора дигар кас наёфта аст?!Оё дигар мардум мурдаанд?! Оё Парвардигор дар байни мардум ҳамин камбағалро пайдо карда аст?!"**

Шахсони нодон гуфтанд:

مَا هَذَا إِلَّا بَشَرٌ مِثْلُكُمْ

## Тарҷума:

**"Ин мард монанди шумо як инсони оддӣ аст"**.[2]

Инчунин гуфтанд:

---

[1]Шуаро: 107
[2]Мӯъминун: 24

وَلَوْ شَاءَ اللَّهُ لَأَنْزَلَ مَلَائِكَةً مَا سَمِعْنَا بِهَذَا فِي آبَائِنَا الْأَوَّلِينَ

## Тарҷума:

**“Агар Худо мехост, фариштагонро мефиристод; мо (пештар) дар байни падаронамон ин (фиристодани паёмбаронро) нашунида будем”.**[1]

Баъзе мардум ҳазрати Нӯҳ (а)-ро ба он тӯҳмат карданд, ки мехоҳад аз роҳи даъвои паёмбарӣ дар байни мардум соҳиби мансаб ва обрӯй гардад.

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Одати мардум ҳамин аст, ки вақте ба зидди хостаҳояшон гап мезанӣ, дар ҳол туро ба ҳар чиз тӯҳмат мезананд;
2. Кибр сабаб мешавад, ки инсон ҳақиқатро инкор мекунад ва ба гумроҳӣ меравад;
3. Нодонӣ бузургтарин мусибат аст. Шахси боимон доим кӯшиши омӯхтани донишро мекунад;
4. Тақлиди нодуруст ба гузаштагон сабаби гумроҳ гаштани инсон мегардад.

## ПУРСИШҲО

1. Вақте Нӯҳ (а) паёмбарии худро эълон карданд, мардум чӣ кор карданд?
2. Рафиқони давраи хурдсолии ҳазрати Нӯҳ (а) чӣ гуфтанд?
3. Бойҳо ва мутакаббирон чӣ гуфтанд?
4. Нодонҳо ба сухани Нӯҳ (а) чӣ ҷавоб доданд?
5. Баъзе аз мардум ҳазрати Нӯҳ (а)-ро ба чӣ тӯҳмат заданд?
6. Оё Шумо дар вуҷуди худатон эҳсоси кибр доштанро мекунед?
7. Агар касе ба Шумо ҳақиқатро пешкаш кунад, чӣ кор мекунед?
8. Агар дар роҳи насиҳати мардум ба анҷоми корҳои хайр Шуморо ба ину он корҳо тӯҳмат зананд, чӣ кор мекунед?

---

[1]Мӯъминун: 24

## ДАРСИ СЕЗДАҲУМ
## БАЙНИ НӮҲ (А) ВА ҚАВМАШ

Мардуми замони Нӯҳ (а) эътиқод доштанд, ки ибодати бутҳо ҳақ аст ва боақл будани инсонро нишон медиҳад.

Онҳо ба ин бовар буданд, ки касе бутпарастӣ намекунад, гумроҳ ва беақл аст.

Доим мегуфтанд, дар гузашта падарони мо бутпараст буданд. Чаро Нӯҳ бут намепарастад?!

Нӯҳ (а) бовар дошт, ки бутпарастӣ гумроҳӣ ва нишонаи беақлӣ аст.

Нӯҳ (а) бовар дошт, ки падарони бутпарасти онҳо дар гумроҳӣ ва бехирадӣ қарор доштанд ва Одам (а), падари ҳамаи инсонҳо яктопараст буд ва ҳеҷ гоҳ бут намепарастид.

Нӯҳ (а) ба ин ақида буд, ки ин мардуми бутпараст дар гумроҳӣ ва бехирадии ошкор қарор доранд. Зеро онҳо сангпораҳоро мепарастанд ва Худои ягонаро намепарастанд.

Нӯҳ (а) дар байни қавми худ бархост ва бо садои баланд гуфт:

يَا قَوْمِ اعْبُدُوا اللَّهَ مَا لَكُمْ مِنْ إِلَهٍ غَيْرُهُ إِنِّي أَخَافُ عَلَيْكُمْ عَذَابَ يَوْمٍ عَظِيمٍ

### Тарҷума:

**“Эй қавми ман! Аллоҳро бипарастед; шумо ғайри Аллоҳ худои дигар надоред; Ман барои шумо аз омадани азоби рӯзи бузург метарсам”.**[1]

قَالَ الْمَلَأُ مِنْ قَوْمِهِ إِنَّا لَنَرَاكَ فِي ضَلَالٍ مُبِينٍ

### Тарҷума:

**“Гурӯҳе аз қавмаш (сардорҳои бойи қавмаш) гуфтанд: “Мо бешубҳа, туро дар гумроҳии ошкор мебинем””.**[2]

---

[1]Аъроф: 59
[2]Аъроф: 60

قَالَ يَا قَوْمِ لَيْسَ بِي ضَلَالَةٌ وَلَكِنِّي رَسُولٌ مِنْ رَبِّ الْعَالَمِينَ (61) أُبَلِّغُكُمْ رِسَالَاتِ رَبِّي وَأَنْصَحُ لَكُمْ وَأَعْلَمُ مِنَ اللَّهِ مَا لَا تَعْلَمُونَ

## Тарҷума:

**“(Нӯҳ (а)) гуфт: “Эй қавми ман! Ман гумроҳ нестам ва лекин фиристодаи Парвардигори оламиён ҳастам. Ба шумо паёмҳои Парвардигорамро мерасонам ва барои шумо хайрхоҳӣ мекунам ва аз Аллоҳ (таоло) чизҳоеро медонам, ки шумо намедонед”.**[1]

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Нодонтарин инсон касе аст, ки ба Худои ягона ширк меварзад;
2. Гумроҳии ҳақиқӣ он аст, ки инсон мақсади ба ин дунё омаданашро надонад;
3. Пайравӣ кардан ба гузаштагон дар корҳои бад нодуруст аст;
4. Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз ғайри Аллоҳ таоло арзандаи ибодат нест;
5. Шахсони мутакаббир ҳақиқатро қабул карда наметавонанд ва метарсанд, ки бо қабули ҳақиқат обрӯяшон мерезад;
6. Паёмбарони Худо ба ҳама озору азияти қавмашон тоб меоварданд ва ба онҳо ҷавоби бад намедоданд;
7. Паёмбарони Худо ҳамеша хайрхоҳи мардум буданд. Пас, пайравони онҳо ҳам бояд ба ҳама халқи Худо раҳмдил ва хайрхоҳ бошанд.

## ПУРСИШҲО

1. Мушрикони замони Нӯҳ (а) чӣ ақида доштанд?
2. Онҳо барои бутпарастии худ чӣ далел доштанд?
3. Оё Нӯҳ (а) ягон маротиба бутпарастӣ карда буд?

[1] Аъроф: 61

4. Нӯҳ (а) дар бораи бутпарастон чӣ ақида дошт?
5. Нӯҳ (а) ба қавмаш чӣ гуфта буд?
6. Қавми ҳазрати Нӯҳ (а) ба вай чӣ ҷавоб доданд?
7. Агар шахс аз ширк овардан тавба накунад, Худованд гуноҳашро мебахшад?
8. Барои чӣ бутпарастӣ нишонаи гумроҳӣ ва беақлӣ аст?

## ДАРСИ ЧОРДАҲУМ
## ПАЙРАВОНАТ ШАХСОНИ ПАСТАНД

Нӯҳ (а) бисёр кӯшиш кард, то қавмаш ба Аллоҳ таоло имон оранд, фақат Худоро ибодат кунанд ва аз бутпарастӣ даст кашанд.

Аммо бо вуҷуди ҳамаи заҳматҳо як адади бисёр кам ба вай имон оварданд. Касоне ба ҳазрати Нӯҳ (а) имон оварданд, ки барои ба даст овардани ризқу рӯзӣ арақи ҷабин мерехтанд ва аз касби дасти худ нони ҳалол мехӯрданд.

Вале бойҳо аз рӯи кибру ғурур ба Нӯҳ (а) итоат накарданд. Молҳо ва фарзандонашон онҳоро аз ёди охират ғофил карда буд ва доим лоф мезаданд, ки мо ашрофзодагони ин қавм ҳастем, аммо пайравони Нӯҳ одамҳои пастанд ва бечораанд.

Вақте Нӯҳ (а) онҳоро ба сӯи Худо даъват кард, гуфтанд:

قَالُوا أَنُؤْمِنُ لَكَ وَاتَّبَعَكَ الْأَرْذَلُونَ

## Тарҷума:

**"Оё мо ба ту имон меоварем, дар ҳоле ки шахсони паст пайрават ҳастанд?!"**[1]

Онҳо аз ҳазрати Нӯҳ (а) талаб карданд, ки агар меҳоҳӣ мо ба ту имон биоварем, ин мардуми пасти мискинро аз атрофат пеш кун.

Аммо ҳазрати Нӯҳ (а) дар ҷавоби талаби онҳо гуфт:

[1]Шуаро: 111

وَمَا أَنَا بِطَارِدِ الْمُؤْمِنِينَ

## Тарҷума:

**“Ман мӯъминонро (аз наздам) намеронам”**.[1]

Даргоҳи ман монанди даргоҳи шоҳон нест, ки фақат барои одамҳои обрӯманд кушода бошад, балки:

إِنْ أَنَا إِلَّا نَذِيرٌ مُبِينٌ

## Тарҷума:

**“Ман фақат ҳушдоркунандаи ошкор ҳастам”**.[2]

Ҳазрати Нӯҳ (а) медонист, ки пайравони мискини атрофаш мӯъминони ихлосманд ҳастанд.

Нӯҳ (а) медонист, ки агар ин мӯъминони мискинро аз атрофаш пеш кунад, Худо бар вай ғазаб мегирад ва дигар касе ӯро ёрӣ намерасонад.

Барои ҳамин Нӯҳ (а) ба қавмаш гуфт:

وَيَا قَوْمِ مَنْ يَنْصُرُنِي مِنَ اللَّهِ إِنْ طَرَدْتُهُمْ

## Тарҷума:

**“Эй қавми ман! Агар инҳоро аз наздам пеш кунам, кӣ маро аз (азоби Худо) кӯмак мекунад?!”**[3]

### ДАРСҲО ВАИБРАТҲО

1. Шахси имондор ҳамеша барои дигарон ғамхорӣ мекунад ва мардумро ба кори нек даъват карда аз амали бад манъ месозад;
2. Пайдо кардани ризқу рӯзӣ аз касби ҳалол фарз аст;
3. Мӯъмин бояд аз истеъмолиғизои ҳаром парҳез кунад;

[1]Шуаро: 114
[2]Шуаро: 115
[3]Ҳуд: 30

4. Ҳар кас дар дилаш як зарра кибр дошта бошад, ба биҳиш намедарояд;
5. Кибр қабул накардани ҳақиқат ва бо чашми паст ба мардум нигоҳ кардан аст;
6. Назди Худованд фақат имон ва парҳезкорӣ қадр дорад;
7. Худованд бандагони мутакаббирро дӯст намедорад;
8. Бандаи боимон бояд ҳамаи мӯъминонро дӯст дорад ва эҳтиром кунад;
9. Агар Худованд ба бандааш ғазаб кунад, ҳеҷ кас пеши роҳи онро гирифта наметавонад.

### ПУРСИШҲО

1. Нӯҳ (а) дар байни қавмаш ба чӣ кор машғул буд ва аз онҳо чӣ мехост?
2. Чӣ касон ба Нӯҳ (а) имон оварданд?
3. Оё ададӣ шахсони ба Нӯҳ (а) имоноварда зиёд буд?
4. Бойҳои мутакаббир аз Нӯҳ (а) чӣ талаб карданд?
5. Кибр чӣ маъно дорад ва оё Худованд шахси мутакаббирро дӯст медорад?
6. Нӯҳ (а) дар ҷавоб ва шарти гузоштаи қавмаш чӣ гуфт?
7. Чаро Нӯҳ (а) шарти гузоштаи бойҳои қавмашро иҷро накард?

## ДАРСИ ПОНЗДАҲУМ
## ДАЛЕЛИ САРВАТМАНДОН

Бойҳо гуфтанд, он чи Нӯҳ моро барои пайравӣ даъват дорад, роҳи ҳақ ва дуруст нест.

Чаро?!

Зеро мо таҷриба кардаем, ки дар ҳама кори хайр пешдаст ҳастем. Беҳтарин таом аз мост, беҳтарин либос аз мост. Мардум дар ҳама чиз ба мо пайравӣ мекунанд. Мо бо чашми сар дидаем, ки ҳеҷ кори нек дар ин шаҳр аз мо намегузарад ва ба хато намеравад.

Бо ҳамин далел, агар дини овардаи Нӯҳ ҳақ мебуд, пеш аз ин бечораҳои камбағал аввал ба мо мерасид.

وَقَالَ الَّذِينَ كَفَرُوا لِلَّذِينَ آمَنُوا لَوْ كَانَ خَيْرًا مَا سَبَقُونَا إِلَيْهِ

## Тарҷума:

**“Агар (ин дин) нек мебуд, (ин бечораҳои мискини пайравони Нӯҳ) моро дар (қабули он) пешдастӣ намекарданд”.**[1]

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Шахси боимон набояд худро аз дигарон болотар донад;
2. Кибр ва ғурур чашми ҳақиқатбини соҳибашро кӯр мегардонад ва дигар ҳақиқатро дидан ва қабул кардан наметавонад;
3. Камбағалӣ нишонаи бадбахтӣ нест;
4. Бой будан нишонаи хушбахтӣ ва дар назди Худо қадр доштан нест;
5. Бо чашми паст нигоҳ кардан ба халқи Худо бадтарин сифати шахс аст.

## ПУРСИШҲО

1. Қавми Нӯҳ (а) барои қабул накардани дини Худо чӣ далел доштанд?
2. Оё далели онҳо аз рӯи ақли солим буд?
3. Барои чӣ шахсони мутакаббир ҳақиқатро қабул намекунанд?
4. Оё Шумо бо мардум нописандӣ ва кибр намекунед?

[1] Аҳқоф: 11

## ДАРСИ ШОНЗДАҲУМ
## ДАЪВАТИ НӮҲ (А)

Нӯҳ (а) қавмашро даъват мекард ва онҳоро бисёр насиҳат мекард.

قَالَ يَا قَوْمِ إِنِّي لَكُمْ نَذِيرٌ مُبِينٌ (2) أَنِ اعْبُدُوا اللَّهَ وَاتَّقُوهُ وَأَطِيعُونِ (3) يَغْفِرْ لَكُمْ مِنْ ذُنُوبِكُمْ وَيُؤَخِّرْكُمْ إِلَى أَجَلٍ مُسَمًّى إِنَّ أَجَلَ اللَّهِ إِذَا جَاءَ لَا يُؤَخَّرُ لَوْ كُنْتُمْ تَعْلَمُونَ

## Тарҷума:

**“Гуфт (Нӯҳ (а)): “Эй қавми ман! Бегумон, ман барои шумо ҳушдордиҳандаи ошкорам; Аллоҳ (таоло)-ро бипарастед ва аз Ӯ битарсед ва маро итоат кунед; То гуноҳони шуморо бахшад ва шуморо то як вақти муайян (дар ин дунё) муҳлат (фурсати истифода бурдан аз айшу нӯши дунёро) диҳад”.**[1]

Худованд барои ба ширк олуда гаштанашон бисёр ғазабнок шуд ва боронро аз онҳо манъ кард, ҳосилоти деҳқонӣ ва наслашон кам шуд.

Нӯҳ (а) ба онҳо гуфт, агар сидқан ба Худо имон оваред, аз шумо розӣ мешавад ва ҳамаи ин азобҳо бартараф мегардад. Аз нав ба шумо борон мерезад ва дар ризқ ва фарзандонатон баракат медиҳад.

Ҳазрати Нӯҳ (а) қавмашро ба сӯи Худо даъват кард ва гуфт: **“Оё Худои ягонаро намешиносед?! Ҳамаи махлуқҳои атрофатон нишонаи ҳастӣ ва ягонагии Аллоҳ таоло ҳастанд. Оё чашматон инро намебинад?! Оё бо чашми ибрат ба осмону замин нигоҳ намекунед?! Оё бо чашми ибрат ба офтобу моҳтоб назар намеандӯзед?!Кӣ осмонҳоро офарида аст?! Кӣ моҳтобро чун нурафшони осмонҳо ва заминро ҳамчун чароғ гардонида аст?! Худи**

[1] Нӯҳ: 2,3,4

**шуморо кӣ офарида аст?! Кӣ заминро бароятон паҳну ҳамвор карда аст?!"**

Вале қавми Нӯҳ (а) ин пандҳоро нафаҳмиданд! Вале қавми Нӯҳ (а) имон наоварданд!

Балки баръакс, вақте Нӯҳ (а) онҳоро ба сӯи Худо даъват мекард, ангуштонашонро дар гӯшҳояшон мегузоштанд, то садои ӯро нашунаванд.

Касе сухани ҳақро нашунавад, чихел онро фаҳмида метавонад?! Касе шунидан нахоҳад, чихел шунавад?!

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Яке аз вазифаҳои паёмбарон ҳушдор додани мардум аз азоби Худо аст;
2. Аз ҳама муҳимтарин фарз барои банда ба ягонагӣ ибодати Аллоҳ таоло ва дурӣ ҷустан аз ширк аст;
3. Парҳез кардан аз гуноҳ сабаби зиёд шудани ризқу рӯзӣ мешавад;
4. Гуноҳ баракатро аз зиндагӣ мебарад;
5. Фармонбардорӣ аз паёмбарони Худо фарз аст;
6. Банда бояд аз ҳар коре, ки сабаби ғазаби Худо мегардад, парҳез намояд;
7. Ҳамаи мавҷудоти олам нишона аз ҳастӣ ва ягона будани Ӯст. Пас, бояд банда аз дидани онҳо ибрат гирад ва Худоро беҳтар ва бештар шиносад;
8. Набояд бандаи боимон аз гӯш кардани насиҳат гурезад, балки онро аз ҳар кас набошад, бо ҷону дил қабул кунад.

## ПУРСИШҲО

1. Нӯҳ (а) аз сӯи Худо ба назди қамваш ҳамчун кӣ омада буд?
2. Вай аз қавмаш чӣ талаб кард?
3. Агар қавми Нӯҳ (а) талаби паёмбарашонро иҷро мекарданд, аз тарафи Худованд чӣ мукофот мегирифтанд?

4. Оё қавми ҳазрати Нӯҳ (а) насиҳатҳои ӯро гӯш карданд?
5. Вақте Нӯҳ (а) онҳоро насиҳат мекард, чӣ кор мекарданд?
6. Оё касе Шуморо насиҳат карда аст?
7. Агар касе Шуморо насиҳат кунад, чӣ кор мекунед?
8. Оё худи Шумо мардумро ба корҳои нек даъват ва насиҳат мекунед?

# ДАРСИ ШОНЗДАҲУМ
## ДУОИ НӮҲ (А)

Нӯҳ (а) барои имон овардан ва ислоҳ шудани қавмаш кӯшиши бисёр кард ва солҳои хеле дароз онҳоро ба дини Худо даъват кард.

Нӯҳ (а) қавмашро нуҳсаду панҷоҳ сол ба сӯи Худо даъват кард. Аммо онҳо бо вуҷуди солҳои дарози насиҳат имон наоварданд, аз бутпарастӣ даст накашиданд ва ба сӯи Худо бознагаштанд.

Пас, Нӯҳ (а) бояд то кай мунтазир монад?! То кай ин ҳама фасоди рӯи заминро тамошо карда ва сабр кунад?! То кай тамошо кунад, ки мардум бутҳои аз санг сохтаашонро парастиш мекунанд?!

То кай тамошо карда истад, ки мардум ризқи Худоро хӯрда ва ғайри Ӯро мепарастанд?!

Барои чӣ Нӯҳ (а) ғазаболуд нашавад?! Вай он қадар сабр карда буд, ки касе ба монанди вай сабр накарда аст!

Нуҳсаду панҷоҳ сол даъват ва насиҳати мардум! Аллоҳу акбар! Аллоҳу акбар!

Худованд ба Нӯҳ (а) паём фиристод ва гуфт:

وَأُوحِيَ إِلَى نُوحٍ أَنَّهُ لَنْ يُؤْمِنَ مِنْ قَوْمِكَ إِلَّا مَنْ قَدْ آمَنَ فَلَا تَبْتَئِسْ بِمَا كَانُوا يَفْعَلُونَ

## Тарҷума:

**“Бешак, ғайри шахсони имоноварда дигар ҳеҷ кас аз қавмат имон намеоварад”.**[1]

Вақте Нӯҳ (а) қавмашро як бори дигар даъват кард, онҳо дар ҷавоб гуфтанд:

[1]Ҳуд: 36

قَالُوا يَا نُوحُ قَدْ جَادَلْتَنَا فَأَكْثَرْتَ جِدَالَنَا فَأْتِنَا بِمَا تَعِدُنَا إِنْ كُنْتَ مِنَ الصَّادِقِينَ

## Тарҷума:

**“Эй Нӯҳ! Дар ҳақиқат бо мо баҳс кардӣ, пас, баҳси зиёд кардӣ; Пас, агар ростгӯй ҳастӣ, он чи ба мо ваъда кардаӣ, биовар”.**[1]

Нӯҳ (а) ба хотири Худо аз ин рафтори қавмаш хашмгин шуд ва гуфт:

**“Худоё! Дар рӯи замин ҳеҷ кофиреро боқӣ нагузор!”**

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Мақсади ҳама паёмбарони Худо (а) ислоҳи мардум буд;
2. Пайравони ҳақиқии паёмбарон ҳам бояд барои ислоҳи мардум талош кунанд;
3. Даъват ва насиҳати мардум кори сахт аст ва шахс дар ин роҳ бояд сабр дошта бошад;
4. Даъват ва насиҳати мардум савоби зиёд дорад;
5. Худованд бандагони даъватгарашро дӯст медорад;
6. Нӯҳ (а) барои ризои Худо нуҳсаду панҷоҳ сол шабу рӯз мардумро даъват ва насиҳат мекард;
7. Бандаи мӯъмин вақте фасод ва гуноҳро мебинад, набояд хомӯш истад, балки бо насиҳат пеши роҳи онро гирад;
8. Талаб кардани азоби Худо одати кофирон аст.

## ПУРСИШҲО

1. Нӯҳ (а) чанд сол қавмашро ба сӯи Худо даъват кард?
2. Оё ин ҳама даъват ва насиҳати солҳои дароз ба мардум таъсир кард?
3. Вақте Нӯҳ (а) ба гуноҳ даст задани қавмаш ва қабул накардани насиҳатро дид, чӣ кор кард?
4. Қавмаш ба Нӯҳ (а) чӣ ҷавоб доданд?

---

[1]Ҳуд: 32

5. Дар охир Нӯҳ (а) чӣ дуо кард?
6. Шумо дар синну соле, ки ҳастед, чанд касро насиҳат кардаед?
7. Агар дар даруни хона ё кӯчаву бозор касеро бинед, ки ба гуноҳ даст мезанад, чӣ кор мекунед?
8. Оё мехоҳед Шумо ҳам монанди Нӯҳ (а) мардумро ба сӯи Худо даъват кунед?

## ДАРСИ ҲАЖДАҲУМ
## СОХТАНИ КИШТӢ

Худованд дуои Нӯҳ (а)-ро қабул кард ва хост қавмаш дар об ғарқ шаванд. Аммо Худованд инчунин мехост Нӯҳ (а) бо қавмаш наҷот ёбанд.

Худованд ба Нӯҳ (а) фармон дод, то киштии калон бисозад.

Нӯҳ (а) ба фармони Худо итоат кард ва сохтани киштии калонро сар кард.

Қавми Нӯҳ (а) ӯро дар ҳолати киштисозӣ диданд ва ба масхара кардан сар карданд. Онҳо бо масхара мегуфтанд, эй Нӯҳ, бо чӣ кор машғул ҳастӣ?! Аз кай боз дуредгар шудаӣ?!

Оё ба ту нагуфта будем, бо ин пайравони бечораат нашин, вале гапи моро гӯш накардӣ ва бо оҳангарону дуредгарҳо шишта оқибат дуредгар шудӣ.

Эй Нӯҳ! Ин киштии сохтаат ба куҷо меравад?! Ҳамаи корҳои ту аҷоибанд!

Оё киштии сохтаат дар рӯи рег роҳ меравад ё болои кӯҳ мебарояд?!

Баҳр аз ин ҷои мо хеле дур аст. Оё ҷинҳо киштии сохтаатро ба назди баҳр мебаранд ё говҳо онро кашолакунон мебаранд?!

Нӯҳ (а) ҳамаи ин масхараҳоро гӯш мекард, вале чизе ҷавоб намедод. Охир, вай пештар суханони аз ин ҳам бадтарро шунида ва сабр карда буд.

Аммо гоҳ-гоҳ Нӯҳ (а) ба онҳо мегуфт:

إِنْ تَسْخَرُوا مِنَّا فَإِنَّا نَسْخَرُ مِنْكُمْ كَمَا تَسْخَرُونَ

## Тарҷума:

**“Агар (имрӯз) шумо моро масхара мекунед, пас, бегумон мо (ҳам) шуморо (рӯзе) масхара мекунем, читавре моро (ҳозир) масхара кардед”.**[1]

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Худо дуои бандагони некашро қабул мекунад;
2. Агар Худо бихоҳад, бо камтарин махлуқ инсонро нобуд мекунад;
3. Бандаи Худошинос бояд аз азоби илоҳӣ битарсад;
4. Касе ба насиҳати мардум машғул шавад, ҳатман аз тарафи гурӯҳе бадгӯӣ, туҳматҳо ва масхараҳо мешунавад, вале бояд сабрро пеша кунад ва аз Худо барои ин душвориҳо савоб талаб кунад;
5. Оқибати бандагони ба ширк олудашуда шармандагӣ ва расвоӣ аст.

### ПУРСИШҲО

1. Оё Худо дуои Нӯҳ (а)-ро қабул кард?
2. Худованд қавми Нӯҳ (а)-ро чихел азоб додан мехост?
3. Худованд Нӯҳ (а)-ро бо сохтани чӣ амр кард?
4. Вақте Нӯҳ (а) амри Худоро ба ҷо овард, қавми мушрикаш чӣ гуфтанд?
5. Нӯҳ (а) гоҳ-гоҳ ба онҳо чӣ ҷавоб медод?
6. Агар Шуморо барои даъват ва насиҳати мардум масхара кунанд, чӣ кор мекунед?

[1]Ҳуд: 38

7. Тайёр ҳастед, ки Шуморо ба хотири даъват ба сӯи Худо масхара кунанд?
8. Оқибати мушрикон ба чӣ меанҷомад?

## ДАРСИ НУЗДАҲУМ
## ТӮФОН

Ваъдаи Худо барои азоб додани қавми Нӯҳ (а) фаро расид! Аз азоби Худо ба Худо паноҳ мебарем!

Осмон борон рехт, борон рехт, борон рехт, борон рехт. Гӯё осмон монанди элак сурох шуда бошад, ки дигар обро нигоҳ доштан наметавонад.

Аз замин чашмаҳо баромад ва оби осмону замин мардумро аз ҳама тараф иҳота карданд.

Худованд ба Нӯҳ (а) фармон дод, ки ҳар кас аз қавм ва аҳли хонаводаат имон овардаанд, ҳамроҳат бигир.

Худованд ба Нӯҳ (а) ваҳӣ фиристод, ки аз ҳамаи ҳайвонот ва паррандаҳо як ҷуфти нар ва модаашро бо худат бигир.

Зеро тӯфон ба таври умумӣ меояд ва ҳеҷ кас, на инсон ва на ҳайвон аз он наҷот ёфта наметавонад.

Нӯҳ (а) ҳамаи гуфтаҳои Аллоҳ таолоро иҷро кард ва ҳамроҳи худ дар киштӣ тамоми мӯъминон ва як ҷуфт аз ҳайвонот ва паррандаҳоро гирифт.

Киштӣ дар даруни мавҷи об ҳамроҳи ҳамаи касоне дар дарунаш буданд, чун кӯҳҳо ҳаракат мекард.

Мардуми аз киштӣ берунмонда болои ҳар теппаву кӯҳу кӯҳпораҳо мебаромаданд ва аз азоби Худо гурехтан мехостанд.

Аммо аз азоби илоҳӣ ғайр аз пеши Худо дигар ҷойи гурез нест!

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Худо ҳар чиро ваъда диҳад, иҷро мекунад;
2. Ҳамаи махлуқот зери фармони Худо ҳастанд ва ҳар вақт фармон диҳад, иҷро мекунанд;
3. Агар банда ношукрӣ кунад, Худованд неъматҳои худро ҳамчун борон ва чашмаҳои зерини замин ба азоб табдил медиҳад;
4. Инсон нотавон аст ва қудрати дар муқобили Худо истода мубориза бурданро надорад;
5. Агар аз азоби Худо наҷот ёфтан хоҳем, бояд бо бандагони неки Худо дӯст ва ҳамнишин бошем;
6. Вақте ғазаби Худо ба инсон резад, касе онро манъ кардан наметавонад ва оқибат ҳалокаш мекунад.

## ПУРСИШҲО

1. Дар он замон аз осмон чӣ қадар борон борид?
2. Он вақт осмон монанди чӣ гашта буд?
3. Аз замин чӣ берун меомад?
4. Аз байни мардум ҳароҳи Нӯҳ (а) дар киштӣ киҳо буданд?
5. Барои чӣ ҳеҷ кас аз туфон наҷот ёфтан наметавонист?
6. Мардуми аз киштӣ берунмонда чӣ кор мекарданд?
7. Аз азоби Худо гурехтан имкон дорад?
8. Барои ба азоби Худо гирифтор нагаштан чӣ бояд кард?
9. Оё Шумо аз азоби Худо метарсед?
10. Агар аз азоби Худо тарсед, барои пешгирии он чӣ корҳоро иҷро мекунед?

## ДАРСИ БИСТУМ
## ПИСАРИ НӮҲ (А)

Нӯҳ (а) писаре дошт, ки ҳамроҳи кофирон рафиқӣ мекард.

Нӯҳ (а) писарашро дид, ки дар байни туфон монда аст, ба вай гуфт:

يَا بُنَيَّ ارْكَبْ مَعَنَا وَلَا تَكُنْ مَعَ الْكَافِرِينَ

### Тарҷума:

**"Эй писарам! Бо мо савор шав ва бо кофирон мабош!"[1]**

Писараш ҷавоб дод:

قَالَ سَآوِي إِلَى جَبَلٍ يَعْصِمُنِي مِنَ الْمَاءِ

### Тарҷума:

**"Ба зудӣ ба кӯҳе паноҳ мебарам, ки маро аз туфон нигоҳ медорад".[2]**

Нӯҳ (а) гуфт:

قَالَ لَا عَاصِمَ الْيَوْمَ مِنْ أَمْرِ اللَّهِ إِلَّا مَنْ رَحِمَ وَحَالَ بَيْنَهُمَا الْمَوْجُ فَكَانَ مِنَ الْمُغْرَقِينَ (43) وَقِيلَ يَا أَرْضُ ابْلَعِي مَاءَكِ وَيَا سَمَاءُ أَقْلِعِي وَغِيضَ الْمَاءُ وَقُضِيَ الْأَمْرُ وَاسْتَوَتْ عَلَى الْجُودِيِّ وَقِيلَ بُعْدًا لِلْقَوْمِ الظَّالِمِينَ

### Тарҷума:

**"Имрӯз ҳеҷ кас аз фармон (азоб)-и Худо дар амон намемонад, магар касе, ки Худо бар вай раҳм карда аст".[3]**

---

[1]Ҳуд: 42
[2]Ҳуд: 43
[3]Ҳуд: 43

**“Ва мавҷи об байни онҳо (падару писар) монеъ шуд; пас, аз ҷумлаи ғарқшудаҳо гашт”**.[1]

Нӯҳ (а) барои писараш сахт ғамгин шуд. Охир, чихел ғамгин нашавад, ки писараш бо кофирон ғарқ шуд?!

Нӯҳ (а) мехост писараш аз азоби дӯзах наҷот ёбад. Вале вақте вай аз туфон наҷот ёфтан натавонист, рӯзи қиёмат чихел аз азоби Худо наҷот меёбад?!

Азоби оташи дӯзах аз азоби дар об ғарқ шудан садҳо бор сахттар аст. Азоби рӯзи қиёмат машаққати зиёдтар дорад.

Оё Худованд ба Нӯҳ (а) ваъда надода буд, ки аҳли хонаводаашро наҷот медиҳад?! Бале, ваъда дода буд! Ваъдаи Худо ҳақ аст!

Нӯҳ (а) хост дар назди Худо барои фарзандаш шафоат кунад.

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Рафиқи бад оқибат одамро ҳалок мекунад;
2. Шахс бояд дар интихоби рафиқ бисёр аҳамият диҳад;
3. Банда дар рӯзи қиёмат ҳамрои касе мехезад, ки ӯро дӯст медорад;
4. Одами боақл бо азоби Худо бозӣ намекунад;
5. Азоби рӯзи охират аз азоби дунё ҳазорҳо бор сахттар аст;
6. Ҳеҷ кас тоқати чашидани азоби Худоро надорад;
7. Ҳаргиз Худо ба ваъдаи додааш хилоф намекунад.

## ПУРСИШҲО

1. Писари Нӯҳ (а) бо кӣ рафиқӣ мекард?
2. Вақте Нӯҳ (а) писарашро дар ҳолати ғарқ шудан дид, ба вай чӣ гуфт?
3. Писар ба падараш чӣ ҷавоб дод?

---

[1]Ҳуд: 44

4. Нӯҳ (а) баъди шунидани ҷавоби писараш ба вай чӣ гуфт?
5. Барои чӣ Нӯҳ (а) мехост писараш наҷот ёбад?
6. Оё азоби дӯзах аз азобҳои ин дунё сахттар аст?
7. Оё Шумо барои наҷот ёфтани худатон аз азоби дӯзах кӯшиш мекунед?
8. Оё Шумо барои наҷот ёфтани аҳли хонавода ва хешу таборҳоятон аз азоби дӯзах кӯшиш мекунед?
9. Оё Шумо барои наҷоти мардум аз азоби Худо кӯшиш мекунед?
10. То имрӯз дар ин роҳ чӣ корҳоро анҷом додаед?

## ДАРСИ БИСТУ ЯКУМ

## АЗ ХОНАВОДАИ ТУ НЕСТ

وَنَادَى نُوحٌ رَبَّهُ فَقَالَ رَبِّ إِنَّ ابْنِي مِنْ أَهْلِي وَإِنَّ وَعْدَكَ الْحَقُّ وَأَنْتَ أَحْكَمُ الْحَاكِمِينَ

## Тарҷума:

**“Ва Нӯҳ (а) Парвардигорашро нидо кард, пас гуфт: “Парвардигорам! Бешак, фарзандам аз хонаводаи ман аст ва бегумон ваъдаи Ту ҳақ аст ва Ту Ҳокими мутлақ ҳастӣ””.**[1]

Лекин Худованд ба фарзанди кӣбудани бандааш нигоҳ намекунад, балки ба корҳои вай нигоҳ мекунад. Худованд дар ҳаққи мушрикон шафоати ҳеҷ касро қабул намекунад.

Шахси мушрик аз хонаводаи паёмбар ҳисоб намеёбад, агарчи фарзандаш ҳам бошад.

Пас, Худованд Нӯҳ (а)-ро барои ин талаби нодурусташ аз Аллоҳ таоло огоҳӣ дод ва гуфт:

[1]Ҳуд: 45

قَالَ يَا نُوحُ إِنَّهُ لَيْسَ مِنْ أَهْلِكَ إِنَّهُ عَمَلٌ غَيْرُ صَالِحٍ فَلَا تَسْأَلْنِ مَا لَيْسَ لَكَ بِهِ عِلْمٌ إِنِّي أَعِظُكَ أَنْ تَكُونَ مِنَ الْجَاهِلِينَ

## Тарҷума:

**“Эй Нӯҳ! Вай (писарат) аз аҳли хонаводаи ту нест; Зеро ӯ кори нодуруст карда аст; Пас, Маро аз он чи дар борааш дониш надорӣ, напурс; Бешак, Ман туро панд медиҳам, ки аз ҷумлаи нодонҳо мабошӣ!”**[1]

Писари Нӯҳ (а) бо бадон биншаст,
Хонадони нубувваташ гум шуд.
Саги асҳоби Каҳф рӯзе чанд,
Пайи некон гирифту мардум шуд.[2]

Нӯҳ (а) аз ин сухани Худо ба ҳуш омад ва тавба карда гуфт:

قَالَ رَبِّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ أَنْ أَسْأَلَكَ مَا لَيْسَ لِي بِهِ عِلْمٌ وَإِلَّا تَغْفِرْ لِي وَتَرْحَمْنِي أَكُنْ مِنَ الْخَاسِرِينَ

## Тарҷума:

**“Парвардигорам! Дар ҳақиқат, ба Ту аз пурсидани он чи дониш надорам, паноҳ мебарам; Ва агар маро набахшӣ ва раҳм накунӣ, аз ҷумлаи зиёнкардаҳо мешавам”**.[3]

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Ҳамаи шоҳони рӯи замин бандагони Худо ва дар зери ҳукми Парвардигор ҳастанд;
2. Дар назди Худо “**писари кӣ**” будан қадр надорад, балки ҳар кас аз амали худаш пурсида мешавад;

[1]Ҳуд: 46
[2]Гулистони Саъдӣ Шерозӣ (р)
[3]Ҳуд: 47

3. Рӯзи қиёмат аз ҳар кас мепурсанд, ки амалат чист?! Намегӯянд, падарат кист?!
4. Кори бад соҳибашро дар назди Худо беқадр мекунад;
5. Худованд ба ҳамаи бандагон як хел нигоҳ мекунад ва ҳеҷ касро аз каси дигар болотар намегузорад, магар бо парҳезкорӣ;
6. Банда бояд дар бораи он чи намедонад, хомӯш истад;
7. Вақте аз банда гуноҳ содир шуд ва хато карданашро фаҳмид, барояш фарз аст, ки дар ҳол аз он кори кардааш тавба кунад;
8. Шахси имондор доим худро муҳтоҷ ба раҳмат ва мағфирати Худо медонад;
9. Агар Худо бандаро раҳмат ва мағфират накунад, дар дунё ва охират бадбахт мешавад.

## ПУРСИШҲО

1. Нӯҳ (а) ба Худо муроҷиат карда чӣ гуфт?
2. Оё Худованд ба писари кӣ будани шахс нигоҳ мекунад?
3. Оё Худованд шафоати касеро дар ҳаққи мушрикон қабул мекунад?
4. Худованд ба Нӯҳ (а) чӣ огоҳӣ дод?
5. Вақте Нӯҳ (а) хатои худро фаҳмид, чӣ гуфт?
6. Оё Шумо бо писари фалонӣ буданатон ифтихор мекунед?
7. Оё Шумо аз гуноҳонатон пушаймон шудаед ва аз Худованд бахшиши онро хостаед?
8. Агар Аллоҳ таоло бандаро раҳмат ва мағфират накунад, чӣ мешавад?
9. Агар аз Шумо чизеро пурсанд, ки дар бораи он дониш надоред, чӣ кор мекунед?
10. Оё Шумо кӯшиш мекунед, ки бо корҳои номи хонаводаатонро бад накунед?
11. Шеъри Саъдии Шерозиро дар бораи фарзанди Нӯҳ (а) аз ёд медонед?

# ДАРСИ БИСТУ ДУЮМ
# БАЪД АЗ ТУФОН

Вақте хостаи Худо дар ҳаққи қавми Нӯҳ (а) иҷро гашт ва ҳамаашон дар туфон ғарқ шуданд, борон аз рехтан монд ва обҳои ҷамъшуда дар зери замин фурӯ рафт, киштӣ дар болои кӯҳе ба номи "**Ҷудӣ**", ки дар шаҳри "**Мавсил**"[1]-и Ироқ ҷойгир аст, қарор гирифт ва базолимон лаъната ва нафрин хонда шуд.[2]

Ба Нӯҳ (а) гуфта шуд, ки бо саломатӣ аз киштӣ пойин шав. Нӯҳ (а) ҳамроҳи пайравонаш бо саломатӣ аз киштӣ поён омада ва дар рӯи замини хушк ба роҳат қадам мезаданд ва роҳ мегаштанд.

Кофирони қавми Нӯҳ (а) ҳамагӣ ҳалок шуданд ва осмону замин дар ҳаққи онҳо нагирист.

Худованд дар насли Нӯҳ (а) баракат дод, пас, дар замин паҳн шуданд ва заминро пур карданд.

Аз насли Нӯҳ (а) миллатҳои зиёд пайдо шуд. Аз насли Нӯҳ (а) паёмбарон ва подшоҳон ба дунё омаданд.

سَلَامٌ عَلَى نُوحٍ فِي الْعَالَمِينَ

## Тарҷума:

**"Дар оламиён бар Нӯҳ салом бод!"**

**"Дар оламиён бар Нӯҳ (а) салом бод!"**[3]

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Ҳар чи Худо хост, ҳамон мешавад;
2. Тамоми замину осмон ва ҳамаи махлуқот зери фармони Худо ҳастанд ва ҳар чи ба онҳо гӯяд, иҷро мекунанд;
3. Худованд бандагони золимро дӯст намедорад;

---

[1]Иқтибос аз тафсири Абдурраҳмон Носири Саъдӣ (р)
[2]Ишора ба ояти 44-уми сураи Ҳуд (а)
[3]Соффот: 79

4. Худованд ба золимон нафрат мефиристад;
5. Худованд бандагони дӯстдоштаашро бо сахтиҳо озмоиш мекунад ва оқибат онҳоро аз мушкилот берун карда дастгириашон мекунад;
6. Аллоҳ таоло дар насли бандагони некаш баракат медиҳад ва аз онҳо аҳли тақво ба дунё меорад.

## ПУРСИШҲО

1. Оё хостаи Худо дар ҳаққи мушрикони замони Нӯҳ (а) иҷро гашт?
2. Киштие, ки Нӯҳ (а) сохта буд, дар болои кадом кӯҳ қарор гирифт ва он кӯҳ дар кадом шаҳр ҷойгир шуда аст?
3. Оё аз азоби Худо фақат ҳазрати Нӯҳ (а) наҷот ёфт?
4. Худованд ба қавми мушрики Нӯҳ (а) чӣ хонд?
5. Худованд дар насли Нӯҳ (а) чӣ дод?
6. Оё Шумо аз азоби Худо метарсед?
7. Оё барои ба азоби Худо гирифтор нашудан гуфтаҳои Паёмбари Худо (с)-ро иҷро мекунед?
8. Оё Шумо кӯшиш мекунед, ки баъд аз марг дар байни мардум номи некатон боқӣ монад?

# ТУНДБОД

*ДАРСИ ЯКУМ*

## БАЪД АЗ НӮҲ (А)

Худо дар насли Нӯҳ (а) баракат дод ва онҳо дар замин паҳн шуданд. Номи яке аз он миллатҳо “**Ъод**” буд. Онҳо мардони бисёр боқувват буданд. Баданашон монанди оҳан сахт буд.

Ба ҳама ғолиб меомаданд ва касе онҳоро шикаст дода наметавонист.

Аз ҳеҷ кас наметарсиданд ва ҳама аз онҳо метарсид.

Худованд дар моли қавми “**Ъод**” баракати зиёд дода буд. Гусфандон ва шутурони онҳо он қадар зиёд буд, ки дашту даманро пур мекард.

Шумораи аспонашон чунон зиёд буд, ки майдонҳоро пур мекард.

Адади фарзандонашон ба андозае бисёр буд, ки хонаҳоро пур мекард.

Вақте шутурон ва гусфандони қавми “**Ъод**” ба чарогоҳ мебаромаданд, манзараро хеле зебо мекарданд.

Вақте тифлаконашон пагоҳӣ барои бозӣ кӯча мебаромаданд, манзараи бисёр зебо ба назар мерасид.

Сарзамини қавми “**Ъод**” бисёр сарсабз ва зебо буд. Боғҳо ва чашмаҳои зиёд дошт.

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Худованд ҳамаи бандагонашро дӯст медорад, аммо як гурӯҳи бандагон худашон бо корҳои бад ғазаби Парвардигорро меоранд;
2. Аллоҳ таоло ба бандагонаш неъматҳои зиёд медиҳад, то онҳоро имтиҳон кунад;

3. Бадани боқувват доштан неъмати Худо аст ва бояд бо анҷоми корҳои нек шукри он ба ҷой оварда шавад;
4. Моли зиёд неъмати Худо аст ва бояд аз он дар роҳи Аллоҳ таоло истифода бурда шавад;
5. Фарзанди зиёд яке аз неъматҳои илоҳист ва бандаи мӯъмин бо тарбияи дурусти онҳо Худоро аз худ розӣ мегардонад.

## ПУРСИШҲО

1. Қавми "**Ъод**" аз насли кӣ пайдо шудаанд?
2. Онҳо чихел инсонҳо буданд?
3. Оё онҳо аз касе метарсиданд?
4. Қавми "Ъод" чӣ қадар чорво доштанд?
5. Сарзамини ин қавм чигуна буд?
6. Агар Худованд ба Шумо чорвои зиёд диҳад, чӣ кор мекунед?
7. Агар Худо ба Шумо фарзандони зиёд диҳад, чӣ кор мекунед?
8. Ҳар рӯз Худовандро барои неъматҳои додааш чанд бор ташаккур мегӯед?
9. Оё кӯшиш мекунед, ки Худовандро барои неъматҳои додааш шукргузорӣ кунед?

## ДАРСИ ДУЮМ
## НОШУКРИИ ҚАВМИ “ЪОД”

Аммо қавми “Ъод” Аллоҳ таолоро барои ҳамаи ин неъматҳо шукр накарданд. Онҳо қиссаи туфони замони Нӯҳ (а)-ро, ки аз забони падаронашон шунида ва нишонаҳои онро дар замин дида буданд, фаромӯш карданд.

Онҳо фаромӯш карда буданд, ки барои чӣ Аллоҳ таоло ба қавми Нӯҳ (а) туфон фиристод ва ҳамаашонро нобуд кард.

Қавми “Ъод” ҳам монанди қавми Нӯҳ (а) ба бутпарастӣ сар карданд.

Аз сангҳо бут метарошиданд, онҳоро мепарастиданд ва дар наздашон саҷда мекарданд.

Аз бутҳои сангин ҳоҷатҳои худро талаб мекарданд, онҳоро дуо мекарданд ва дар пешашон барои табаррукӣ чорво мекуштанд. Айнан ҳамон гуноҳони содиркардаи қавми Нӯҳ (а)-ро такрор мекарданд.

Ақлашон онҳоро аз ибодати бутҳо манъ намекард. Ақлашон онҳоро роҳнамоӣ намекард. Дар корҳои дунё ҳушёр, аммо дар корҳои дин кavданг ва кундфаҳм буданд.

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Ношукрӣ неъматро аз дасти инсон мегирад;
2. Шукри неъмат неъматро зиёд мекунад;
3. Шахси боақл аз таърихи гузашта панд мегирад;
4. Ширк бадтарин ва бузургтарин гуноҳ аст;
5. Худованд ҳеҷ гоҳ гуноҳи ширкро намебахшад, магар дар сурати сидқан аз он тавба кардан;
6. Худо ба инсон ақл додааст, то байни неку бад ва зарару фоида ҷудо кунад;
7. Ҳар кас ба гуноҳи ширк овардан ба Худо олуда мешавад, ақли солим надорад.

## ПУРСИШҲО

1. Оё қавми "Ъод" неъматҳои Худоро шукр мекарданд?
2. Оё онҳо аз таърихи гузашта ибрат гирифтанд?
3. Онҳо кадом гуноҳи содиркардаи қавми Нӯҳ (а)-ро такрор карданд?
4. Дар кадом корҳо ҳушёр ва дар кадомаш кундфаҳм буданд?
5. Оё Шумо кӯшиш мекунед, ки аз гузашта ибрат гиред ва дар оянда хатоҳои дигаронро такрор накунед?

## ДАРСИ СЕЮМ
## ТАҶОВУЗКОРИИ ҚАВМИ "ЪОД"

Боқувват будани қавми "Ъод" дарди сари худашон ва дигарон гардида буд. Зеро онҳо ба Худо ва рӯзи охират имон надоштанд.

Вақте ба Худо ва рӯзи охират имон надоштанд, пас, чӣ онҳоро аз зулм ва таҷовузкорӣ манъ карда метавонист?

Онҳо чихел ба мардум зулм накунанд, дар ҳоле ки касеро аз худашон болотар намедонистанд, аз ҳисобу китоб ва ҷазои охират наметарсиданд?!

Онҳо монанди ваҳшиҳои ҷангал буданд. Калон ҳаққи хурд ва боқувват ҳаққи бечораро мехӯрд.

Вақте ба ғазаб меомаданд, монанди фили ба хурӯшомада мешуданд. Бо ҳар чиз рӯ ба рӯ мезаданд, онро мекуштанд.

Агар бо қавму гурӯҳе ҷанг мекарданд, ҳама зироатҳо ва наслҳоро несту нобуд мекарданд.

Вақте ба деҳае медаромаданд, онро торумор мекарданд ва шахсони обрӯманди деҳаро хору зор мекарданд.

Мардуми бечора аз тарси бадӣ ва зулми онҳо мегурехтанд.

Қуввати қавми "Ъод" ҳам дарди сари худашон ва ҳам дарди сари мардум гашта буд.

Ҳар кас аз Худо натарсад ва ба рӯзи қиёмат имон надошта бошад, ҳолаш ҳамин аст.

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Ҳар кас ба Худо имон надошта бошад, ҳамаи қудратҳояш дарди сараш мешавад;
2. Тарс аз Худо ва имон ба охират шахсро аз гуноҳ кардан манъ мекунад;

3. Агар дар ҷамъият тарси Худо надошта бошад, мардум ба монанди ваҳшиҳои ҷангал мешаванд ва пеши роҳи онҳоро чизе гирифтан наметавонад;
4. Хӯрдани ҳаққи хурдтарон зулм ва гуноҳи бузург аст;
5. Хӯрдани ҳаққи бечораҳо зулм ва гуноҳи бузург аст;
6. Мардум шахси золимро дӯст намедорад;
7. Мардум одами бадро дӯст намедоранд.

## ПУРСИШҲО

1. Барои чӣ қуввати қавми "Ъод" ба онҳо фоида накард?
2. Оё онҳо аз рӯзи қиёмат мерасиданд?
3. Агар банда аз Худо ва рӯзи охират натарсад, чӣ корҳо карда метавонад?
4. Вақте онҳо ба ғазаб меомаданд, ба кадом ҳайвон монанд мешуданд?
5. Чаро мардум аз қавми "Ъод" мегурехт?
6. Оё Шумо ба мардум боре зулм кардаед?
7. Оё Шумо аз азоби охират метарсед?
8. Оё тарс аз азоби охират ягон бор Шуморо аз гуноҳ манъ карда аст?

## ДАРСИ ЧОРУМ
## ҚАСРҲОИ ҚАВМИ “ЪОД”

Қавми “**Ъод**” ғайри хӯрдану нӯшидану бозиву сархушӣ дигар кор надоштанд.

Онҳо бо якдигар дар сохтани қасрҳои баланд ва хонаҳои васеъ мусобиқа ва ифтихор мекарданд.

Ҳамаи молашонро фақат дар роҳи обу лою сангҳо сарф ва зоеъ мекарданд.

Ҳар макони холӣ ё замини баландеро, ки пайдо мекарданд, ҳатман дар он ҷо қасри боҳашамат месохтанд.

Онҳо тарзе ба хонасозӣ машғул буданд, ки гӯё доим дар он зиндагӣ мекунанд ва ҳаргиз намемиранд.

Бе ягон зарурат қасрҳои баланд месохтанд, дар ҳоле ки мардум нони хӯрдан ва либоси пӯшидан надоштанд.

Камбағалҳо хонаи истиқоматӣ надоштанд, аммо бойҳо хонаҳояшон холӣ ва бекор буд.

Ҳар кас қавми “Ъод” ва қасрҳояшонро медид, аниқ мекард, ки онҳо ба қиёмат имон надоранд.

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Хӯрдан ва нӯшидан барои зинда мондан ва ибодати Худо аст;
2. Баъзеҳо фақат барои он зиндагӣ мекунанд, ки бихӯранд ва бинӯшанд;
3. Мақсад аз зиндагӣ шинохтани Офаридгор ва танҳо ибодати Ӯст;
4. Агар инсон танҳо дар ғами сохтани хонаву айшу маишати дунё бошад, бар ҷони худ ҷавр карда аст;
5. Доштани хонаи зебову қимат айб ва гуноҳ нест, ба шарти ин ки соҳибашро аз ёди Худо ғофил нагардонад;
6. Бандаи боақл коре мекунад, ки ҳам дунё ва ҳам охираташро обод кунад;

7. Доштани дунё вақте бад аст, ки шахсро аз охират маҳрум гардонад. Дар акси сурат доштани дунё неъмати Худо аст;
8. Бойҳо вазифадоранд, ки ба камбағалон дасти кӯмак дароз кунанд;
9. Ғами камбағалҳоро хӯрдан нишонаи имондорӣ аст;
10. Ҳамаи мо дар ин дунё муваққатӣ ва меҳмон ҳастем ва бояд барои хонаи охират доим омода бошем;
11. Дар дунё тарзе зиндагӣ кун, ки гӯё ғариб ҳастӣ.

## ПУРСИШҲО

1. Қавми "Ъод" бо чӣ корҳо машғул буданд?
2. Онҳо байни якдигар дар чӣ бобат мусобиқа мекарданд?
3. Молҳояшонро дар кадом роҳ сарф мекарданд?
4. Агар ҷойи холӣ ё замини баланд меёфтанд, чӣ кор мекарданд?
5. Оё қавми "Ъод" ба ҳамаи ин хонасозиҳо ҳоҷат доштанд?
6. Дар он замон камбағалҳо дар чӣ ҳолат қарор доштанд?
7. Агар шахс ба хонасозиҳои ин қавм нигоҳ мекард, чӣ фикр мекард?
8. Оё доштани хонаҳои зебо айб ва гуноҳ аст?
9. Дунёдорӣ дар кадом ҳолат бад аст?
10. Агар Худованд ба Шумо молу пули зиёд диҳад, чӣ кор мекунед?

# ДАРСИ ПАНҶУМ
## ПАЁМБАР ҲУД (А)

Худованд хост ба сӯи қавми “Ъод” паёмбар фиристад.

Худованд аз бандагонаш куфрро намеписандад. Худованд дар замин фасодро дӯст намедорад.

Қавми “Ъод” ақли худро фақат дар хӯрдан, нӯшидан, бозиву саргармӣ ва қасрсозӣ ба кор мебурданд.

Дар ҳақиқат ақли онҳо хароб гашта буд. Зеро онҳо аз ақлашон дар корҳои динӣ истифода намебурданд.

Қавми “Ъод” дар корҳои дунё зирак ва ҳушёр, аммо дар корҳои дин бисёр кундфаҳм ва аблаҳ буданд. Сангҳоро мепарастиданд ва ақлашонро кор намебурданд, ки ин кори нодуруст аст.

Барои ҳамин Худованд хост ба сӯи онҳо паёмбар фиристад, то роҳнамоияшон кунад.

Худованд хост ин паёмбар аз ҷинси худашон бошад, ӯро шиносанд ва гапашро фаҳманд.

Ҳамон паёмбар Ҳуд (а) буд. Вай дар байни қавми “Ъод” дар хонадони бисёр покдоман ва нек ба дунё омад ва боақлу парҳезкорӣ ба воя расид.

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Худованд ба кофир шудани бандагонаш розӣ нест;
2. Аллоҳ таоло аз муҳаббати зиёд ба бандагонаш барояшон паёмбар мефиристад;
3. Худованд бандагони дар замин фасодкорро намеписандад;
4. Агар инсон аз гуноҳ тавба накунад, ақлаш фосид мешавад ва дигар дар ғайри нӯшидан ва хӯрдан ба кор намеравад;

5. Нишонаи беақл будани инсон он аст, ки дар корҳои дунё чолок, вале дар ибодати Худо танбал ва кундфаҳм аст;
6. Ҳеҷ чиз ва ҳеҷ кас ғайри Аллоҳ таоло сазовори ибодат нест;
7. Вазифаи паёмбарони Худо ва ҳамаи даъватгарон ислоҳ кардани мардум аст;
8. Худованд барои паёмбарӣ бандагони покашро ихтиёр мекунад;
9. Паёмбарони Худо (а) поктарин ва боақлтарин инсонҳо ҳастанд;
10. Мо бояд дар пайравӣ аз паёмбарон ақламонро дуруст ба кор барем.

## ПУРСИШҲО

1. Оё Худованд аз бандагонаш куфрро меписандад?
2. Оё Худованд дар замин фасодкориро дӯст медорад?
3. Барои чӣ ақли қавми "Ъод" хароб гашта буд?
4. Барои чӣ Худованд мехоҳад паёмбар аз байни худи инсонҳо бошад?
5. Паёмбари қавми "Ъод" чӣ ном дошт?
6. Вай дар чихел хонадон ба воя расида буд?
7. Оё Шумо медонед, ки Аллоҳ таоло барои чӣ моро халқ карда аст?
8. Оё Шумо бо пайравӣ аз паёмбарони Худо барои роҳнамоӣ кардани мардуми гумроҳ кӯшиш мекунед?

## ДАРСИ ШАШУМ

## ДАЪВАТИ ҲУД (А)

Ҳуд (а) барои даъвати қавми худ бархост ва гуфт:

قَالَ يَا قَوْمِ اعْبُدُوا اللَّهَ مَا لَكُمْ مِنْ إِلَٰهٍ غَيْرُهُ أَفَلَا تَتَّقُونَ

## Тарҷума:

**“Эй қавми ман! Танҳо Аллоҳро парастед; Шумо ғайри Ӯ (таоло) худои дигар надоред”.**[1]

Ба онҳо мегуфт: **“Читавр шумо сангҳоро мепарастед ва он Зотеро, ки шуморо офарида аст, намепарастед?!**

**Эй мардум! Охир, ин сангпораҳоеро, ки дирӯз бо дастони худатон тарошидед, имрӯз чигуна онҳоро худо гуфта ибодат мекунед?!**

**Аллоҳ таоло шуморо офарид ва бароятон ризқу рӯзӣ дод. Дар молу фарзандон ва зироату наслатон баракат бахшид. Шуморо баъди қавми Нӯҳ (а) дар замин ҷойнишин кард ва баданатонро боқувват гардонид.**

**Ҳаққи ҳамаи ин неъматҳо он аст, ки танҳо Худои ягонаро бипарастед ва аз ширк овардан парҳез кунед.**

**Масалан, ҳамин саге, ки дар наздаш устухон мепартоед, аз хонаи шумо ҷудо намешавад ва монанди соя ба шумо мечаспад.**

**Оё дидаед, ки саг соҳибашро партояд ва пеши каси дигар равад?!**

**Оё ҳайвонеро дидаед, ки сангро ибодат кунад?! Оё ҳайвонеро дидаед, ки дар пеши бут саҷда кунад?!**

**Оё инсон аз ҳайвон пасттар аст ё баландтар?!”**

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

---

[1] Аъроф: 65

1. Аллоҳ таоло инсонро танҳо барои ибодати худ офарида аст;
2. Ибодат кардани ғайри Худованд ширк ва гуноҳи азим аст;
3. Фақат касе арзандаи ибодат аст, ки моро офарида аст;
4. Танҳо касе арзандаи парастиш аст, ки моро ризқу рӯзӣ дода аст;
5. Гоҳо Худо барои бандагонаш неъмати зиёд медиҳад, то онҳоро имтиҳон кунад;
6. Асоситарин ҳаққи неъматҳои Худо парҳез аз ширк овардан ба Аллоҳ таолост;
7. Бояд вафодориро аз саг омӯхт. Дар ҳеҷ ҳолат соҳибашро тарк намекунад;
8. Ҳайвонот бо вуҷуди беақлӣ дар назди махлуқ саҷда намекунанд. Маълум мешавад, ки мушрикон дар шуурнокӣ аз ҳайвонот ҳам пойинтаранд;
9. Инсон бошарафтарин махлуқи Худованд аст.

## ПУРСИШҲО

1. Худованд инсонро барои чӣ офарида аст?
2. Оё ғайри Худо дигар кас арзандаи парастиш ҳаст?
3. Ҳуд (а) ба қавми худ чӣ гуфт?
4. Вай барои қавми худ аз кадом ҳайвон ва барои чӣ мисол овард?
5. Оё қадри дигар махлуқон назди Худо ба инсон баробар ҳаст?
6. Дар кадом ҳолат инсон метавонад аз фариштa ҳам болотар шавад?
7. Дар кадом ҳолат инсон аз ҳайвон ҳам пасттар мешавад?
8. Оё Аллоҳ таоло гуноҳи назди дигар махлуқ саҷда карданро мебахшад?

## ДАРСИ ҲАФТУМ
## ҶАВОБИ ҚАВМИ ҲУД (А)

Аммо “**Ъод**”-и қавми Ҳуд (а) ба хӯрдану нӯшидан ва бозиву саргармӣ машғул буданд.

Онҳо зиндагонии дунёро аз охират пештар гузошта ва дилашон ба он ором гашта буд.

Дилашон аз гапҳои Ҳуд (а) танг шуд ва ба якдигар гуфтанд: “**Ҳамин Ҳуд чӣ гуфта истода аст?! Аз мо чӣ мехоҳад? Мо ҳеҷ гапашро намефаҳмем**!”

Як гурӯҳи дигар дар ҷавоби инҳо гуфтанд, ба суханонаш аҳамият надиҳед. Вай ё девона ё беақл аст!

Вақте Ҳуд (а) як бори дигар онҳоро даъват кард, ашрофзодагони қавмаш гуфтанд:

قَالَ الْمَلَأُ الَّذِينَ كَفَرُوا مِنْ قَوْمِهِ إِنَّا لَنَرَاكَ فِي سَفَاهَةٍ وَإِنَّا لَنَظُنُّكَ مِنَ الْكَاذِبِينَ

## Тарҷума:

**“Дар ҳақиқат мо туро дар бехирадӣ мебинем ва ба гумони ғолиби мо ту аз ҷумлаи дурӯғгӯён ҳастӣ”.**[1]

Ҳуд (а) гуфт:

قَالَ يَا قَوْمِ لَيْسَ بِي سَفَاهَةٌ وَلَكِنِّي رَسُولٌ مِنْ رَبِّ الْعَالَمِينَ (67) أُبَلِّغُكُمْ رِسَالَاتِ رَبِّي وَأَنَا لَكُمْ نَاصِحٌ أَمِينٌ

## Тарҷума:

**“Эй қавми ман! Ман бехирад нестам ва лекин паёмбаре аз ҷониби Парвардигори ҷаҳониёнам”.**[2]

[1] Аъроф: 66
[2] Аъроф: 67

**“Бароятон паёмҳои Парвардигорамро мерасонам ва ман барои шумо насиҳатгари амонатдор ҳастам”.**[1]

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Хӯрдан барои зистану зикр кардан аст, вале баъзеҳо фикр мекунанд, ки зистан барои хӯрдан аст;
2. Шахсони худоношинос фақат дар фикри хӯрдан ва нӯшидан ҳастанд;
3. Инсони боақл барои ободии дунёву охират кӯшиш мекунад;
4. Бо баҳонаи обод кардани охират тарк кардан ва рӯй тофтан аз дунё дуруст нест;
5. Бо банд шудан ба дунё тарки охират айни аҳмақӣ ва гумроҳӣ аст;
6. Зиндагонии ҳамешагӣ ҳаёти охират аст;
7. Кибр ҳамчун пардаест, ки болои дили соҳибашро мепӯшонад ва дигар ҳақиқатро намефаҳмад, намебинад ва намешунавад;
8. Паёмбарони Худо (а) дар гузашта ва пайравони онҳо дар асри имрӯза ҳамеша мавриди озору ранҷи мушрикон ва душманони Аллоҳ таоло қарор мегиранд ва бо сабр савоби бисёр ба даст меоваранд;
9. Паёмбарони Худо (а) аз гуноҳони дурӯғгӯӣ, хиёнаткорӣ, мардумфиребӣ ва ғайра пок ҳастанд;
10. Шахсе, ки мардумро насиҳат мекунад, бояд амонатдор бошад;

## ПУРСИШҲО

1. Қавми Ҳуд (а) ба ҷойи қабул кардани насиҳати паёмбарашон чӣ кор карданд?
2. Онҳо кадом зиндагиро болотар гузошта буданд?
3. Онҳо Ҳуд (а)-ро ба кадом сифат муттаҳам карданд?
4. Ҳуд (а) дар ҷавоби онҳо чӣ гуфт?
5. Ҳуд (а) аз тарафи Парвардигор ба қавмаш чӣ меовард?
6. Оё паёмбарони Худо (а) дурӯғгӯй мешаванд?

---
[1]Аъроф: 68

7. Агар Шумо мардумро насиҳат кунед ва онҳо дар ҷавоб ба дурӯғгӯӣ тухмат кунанд, чӣ кор мекунед?
8. Оё тайёр ҳастед, ки монанди Ҳуд (а) дар роҳи Худо азоб кашед ва сабр кунед?

## ДАРСИ ҲАШТУМ
## ҲИКМАТИ ҲУД (А)

Бо вуҷуди ҳамаи ин тухматҳо Ҳуд (а) қавмашро бо ҳикмат ва нармӣ ба сӯи Худо даъват ва насиҳат мекард.

Ҳуд (а) дар ҷавоби тухматҳои қавмаш гуфт: "**Эй мардум! Ман бародар ва дӯсти дирӯзаи шумо ҳастам. Оё маро намешиносед?**

**Бародарони азизам! Чаро аз ман метарсед ва мегурезед?! Охир, ман моли шуморо кам намекунам!**

**Эй мардум! Ман аз шумо барои насиҳатҳоям пул талаб намекунам. Музди маро Худо медиҳад.**"

Эй мардум! Агар ба Худо имон оваред, аз чӣ метарсед?! Қасам ба Худо, агар ба Аллоҳ таоло имон оваред, ҳеҷ чиз аз молатонро аз даст намедиҳед. Балки баръакс, Худо дар ризқу рӯзиатон баракат ва дар қувваи ҷисмониатон афзоиш медиҳад!

Эй мардум! Барои чӣ аз паёмбар будани ман ҳайрон мешавед?! Худованд бо ҳама бандагонаш алоҳида-алоҳида гап намезанад!

Худованд ба ҳар кас дар алоҳидагӣ хитоб намекунад ва намегӯяд, ки фалон корро бикун ва фалон корро макун!

Парвардигор ба ҳар қавм аз ҷинси худашон паёмбар мефиристад, то бо онҳо гап занад ва насиҳаташон кунад.

Маро ҳам Аллоҳ таоло ба сӯи шумо фиристода аст, то ҳамроҳатон гап занам ва насиҳататон кунам!

أَوَعَجِبْتُمْ أَنْ جَاءَكُمْ ذِكْرٌ مِنْ رَبِّكُمْ عَلَى رَجُلٍ مِنْكُمْ لِيُنْذِرَكُمْ...

## Тарҷума:

**“Оё ҳайрон мешавед, ки барои марде аз байни худатон аз тарафи Худо панд омад, то шуморо (аз азоби Худо) ҳушдор диҳад?!”**[1]

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Ҳар кас мардумро насиҳат мекунад, бояд бо ҳикмат кор кунад;
2. Нармӣ шарти асосии даъват ва насиҳати мардум аст;
3. Мардум одатан шахси тундгуфторро дӯст намедоранд ва аз гуфтаҳояш пайравӣ намекунанд;
4. Бояд шахсони даъватгар аз тамаъкорӣ худдорӣ кунанд;
5. Савоби шахсони даъватгарро Аллоҳ таоло медиҳад;
6. Имон ва парҳезкорӣ сабаби баракат дар ризқу рӯзӣ мегардад;
7. Паёмбарони Худо (а) монанди мо инсон буданд, фақат бо фарқи ин ки ба онҳо аз тарафи Худо паём меомад;
8. Худованд хостаҳо ва фармонҳояшро ба бандагон ба воситаи паёмбаронаш мерасонад;
9. Паёмбарони Худо (а) роҳи асосӣ ва дурусти расидан ба Аллоҳ таоло ҳастанд.

## ПУРСИШҲО

1. Бо вуҷуди туҳматҳое, ки қавми “Ъод” ба Ҳуд (а) нисбат медоданд, ҳазрати Ҳуд (а) бо онҳо чигуна муносибат мекард?
2. Ҳуд (а) худро барои қавмаш чӣ гуфта мешиносонд?
3. Оё Ҳуд (а) аз мардум барои насиҳаташ пул талаб мекард?

---

[1]Аъроф: 69

4. Музди заҳматҳои Ҳуд (а) ва ҳар шахси даъватгарро кӣ медиҳад?
5. Агар Шумо мардумро ба сӯи Худо даъват кунед, аз онҳо пул талаб мекунед?
6. Мо ба кадом роҳ ба Худо расидан метавонем?
7. Чаро Худо паёмбаронро аз байни худи мардум интихоб мекунад?
8. Агар паёмбар фаришта мебуд, мардум чӣ даъво мекарданд?

## ДАРСИ НУҲУМ
## ИМОНИ ҲУД (А)

Қавми "Ъод" дигар ҷавоб наёфтанд. Онҳо намедонистанд, ки ба гапҳои Ҳуд (а) чӣ гӯянд!

Лекин аз ноилоҷӣ даъвои беасос оварданд ва гуфтанд, худоҳои мо бар ту ғазаб кардаанд ва ақлат гирифтори бемори гашта аст.

Туро аз тарафи худоҳои мо "бало" зада аст.

Ҳуд (а) ҷавоб дод, ки бутҳои шумо аз санг сохта шудааст ва зарару фоида расонидан наметавонад.

Ин бутҳо аз санганд. Гап задан, шунидан ва нигоҳ кардан наметавонанд.

Ин бутҳо қудрати некӣ ва бадӣ кардан надоранд.

Ин бутҳо соҳиби фоида ва зарар нестанд.

Шумо ҳам қудрати расонидани некӣ ва бадиро надоред.

Шумо ҳам ба ман фоида ва зарар расонидан наметавонед.

Ман ба худоҳои дурӯғини шумо имон намеорам ва аз онҳо наметарсам.

أَنِّي بَرِيءٌ مِمَّا تُشْرِكُونَ

## Тарҷума:

**“Ман аз ширк овардани шумо безор ҳастам!”**[1]

Аз шумо ҳам наметарсам!

**“Ҳамаатон дар якҷоягӣ барои зарар расонидан ба ман макр кунед!”**[2]

إِنِّي تَوَكَّلْتُ عَلَى اللَّهِ رَبِّي وَرَبِّكُمْ

## Тарҷума:

**“Ман бар Аллоҳ, Парвардигори худ ва шумо таваккал кардаам!”**[3]

Ҳама чиз дар зери қудрати Аллоҳ таоло аст. Ҳатто як барги дарахт бе иҷозати Худо ба замин намерезад!

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Ботил оқибат шармандаву расво мешавад;
2. Ҳақиқат ҳамеша ғолиб меояд;
3. Ҳеҷ кас ғайр аз Худо ба касе зарар ва фоида расонидан наметавонад;
4. Ҳеҷ кас ғайр аз Худо қудрати расонидани некӣ ва бадиро надорад;
5. Банда набояд ғайр аз Аллоҳ таоло аз каси дигар тарсад;
6. Бандаи боимон аз ширк овардан безорӣ меҷӯяд;
7. Бандаи боимон танҳо ба Аллоҳ таоло таваккал мекунад;
8. Таваккал кардан ба Аллоҳ таоло фарз аст;
9. Худо бар ҳама чиз қодир аст;
10. Ҳатто як барги дарахт ҳам бе иҷозати Аллоҳ таоло намерезад.

---

[1]Ҳуд: 54
[2]Ҳуд: 55
[3]Ҳуд: 56

## ПУРСИШҲО

1. Қавми Ҳуд (а) барои ҷавоб ба паёмбарашон чӣ даъво пеш оварданд?
2. Ҳуд (а) ба онҳо чӣ ҷавоб дод?
3. Ҳуд (а) аз чӣ изҳори безорӣ кард?
4. Оё касе бе иҷозаи Аллоҳ таоло қудрати зарар ё фоида расонидан ба инсонро дорад?
5. Оё касе ғайри Худованд қудрати некӣ ва бадӣ расониданро дорад?
6. Шумо дар корҳоятон ба кӣ таваккал мекунед?
7. Оё Шумо аз макри душманони Худо дар ҳаққи худатон метарсед?
8. Оё Шумо ҳам монанди Ҳуд (а) бовар доред, ки касе ғайр аз Худо бароятон зарар ё фоида расонидан наметавонад;
9. Агар душманони Худо дар роҳи даъват ва насиҳати мардум Шуморо аз зарар расонидан тарсонанд, чӣ кор мекунед?
10. Оё бе иҷозаи Аллоҳ таоло ягон кор дар дунё сурат мегирад?

## ДАРСИ ДАҲУМ
## САРКАШИИ ҚАВМИ "ЪОД"

Қавми "Ъод" ҳамаи ин гапҳоро шуниданд, вале имон наоварданд.

Ҳама насиҳатҳои Ҳуд (а) барои онҳо беҳуда шуд. Ҳама ҳикматҳои Ҳуд (а) барои онҳо зоеъ шуд.

Баръакс дар ҷавоб даъво карданд, ки эй Ҳуд! Ту барои исботи ин гапҳоят далел надорӣ!

Мо барои ин гапҳои нави ту худоҳои қадимаи худро намепартоем.

Оё мо худоҳои худро, ки дар гузашта падаронамон онро ибодат мекарданд, барои гапи ким кӣ тарк кунем?! Ҳеҷ гоҳ ин корро намекунем! Ҳеҷ гоҳ ин корро намекунем!

Эй Ҳуд! Ту ба худоҳои имон надорӣ ва аз онҳо наметарсӣ. Пас, мо ҳам ба Худои ту имон намеоварем ва аз азобаш наметарсем.

Мо аз забони ту доим дар бораи омадани ким чихел азоб мешунавем. Ҳамон азоби мегуфтаат дар куҷо аст? Он азоб кай меояд?

Ҳуд (а) ҷавоб дод:

قُلْ إِنَّمَا الْعِلْمُ عِنْدَ اللَّهِ وَإِنَّمَا أَنَا نَذِيرٌ مُبِينٌ

## Тарҷума:

**"Маълумот дар бораи он (омадани азоб) назди Худо аст ва ман танҳо бимдиҳандаи ошкорам".**[1]

Қавми "Ъод" бо масхара гуфтанд, мо мунтазири азоби ваъдадодаат ҳастем ва барои дидани он бисёр ҳавас дорем.

Ҳуд (а) аз ҷуръати онҳо ҳайрон монд. Ҳуд (а) барои аҳмақӣ ва бехирадии онҳо сахт афсӯс хӯрд.

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Вақте банда пай дар пай даст ба гуноҳ мезанад ва аз он тавба намекунад, Худованд ба дилаш муҳр мекӯбад. Дигар ҳеҷ насиҳат фоидааш намекунад;
2. Тақлид кардан ба гузаштагон дар корҳои нодуруст амали қавми "Ъод" ва дигар душманони Худо аст;

[1]Мулк: 26

3. Шахси боимон дар ҳама ҳолат ба гуфтаҳову кардаҳои паёмбари Худо (а) пайравӣ мекунад;
4. Масхара кардани дини Худо куфр аст;
5. Ҳеҷ кас ғайр аз Худо вақти омадани азоби илоҳиро намедонад;
6. Нотарсӣ аз азоби Худо айни беақлӣ аст;
7. Имон байни умед ба раҳмати Худо ва тарс аз азобаш қарор дорад;
8. Дин ва ақида қиматтарин неъматҳои Худо барои банда аст ва бандаи ҳақиқии Аллоҳ таоло онро ба ҳеҷ чизи дунё иваз намекунад;
9. Азоби Худо сахт аст ва касе ба он тоқат карда наметавонад;
10. Орзӯи дидани азоби Худо аз одатҳои қавми "Ъод" ва дигар кофирон аст.

## ПУРСИШҲО

1. Оё он ҳама насиҳат ва ҳикматҳои Ҳуд (а) барои қавмаш фоида кард?
2. Қавми Ҳуд (а) ба ҷойи ин ки гапҳои паёмбарашонро гиранд ва ислоҳ шаванд, чӣ гуфтанд?
3. Онҳо барои амали бади бутпарастӣ чӣ далел доштанд?
4. Оё Ҳуд (а) аз бутҳои онҳо метарсид?
5. Онҳо аз Ҳуд (а) омадани чиро талаб карданд?
6. Онҳо бо масхара ба Ҳуд (а) чӣ мегуфтанд?
7. Ҳуд (а) аз кадом кори қавмаш ҳайрон мешуд?
8. Оё Шумо аз азоби Худо метарсед?
9. Агар кофирон ба Шумо пешниҳод кунанд, ки биё, як муддат дини моро қабул кун, мо ҳам як муддат дини туро қабул мекунем, чӣ кор мекунед?
10. Қиматтарин неъмати Аллоҳ таоло барои банда кадом аст?

# ДАРСИ ЁЗДАҲУМ
# АЗОБИ ХУДО

Қавми “Ъод” ҳар рӯз мунтазири омадани борон буданд. Ҳар рӯз ба осмон нигоҳ мекарданд, ҳатто як пора абрро ҳам намедиданд.

Онҳо ба борон бисёр муҳтоҷ буданд. Барои рехтани борон ҳаваси зиёд доштанд.

Рӯзе аз рӯзҳо дар осмон абрпораеро диданд, ки ба тарафи онҳо меояд, бениҳоят хушҳол шуданд. Аз хурсандии зиёд фарёд мезаданд: “**Ана абрпораи борон! Ана абрпораи борон!**”

Мардум аз хурсандӣ рақс мекарданд. Баъзе баъзеи дигарро садо мекарданд ва мегуфтанд: “**Абрпораи борон! Абрпораи борон!**”

Аммо Ҳуд (а) фаҳмида буд, ки ин абрпора азоби Худо аст. Вай ба қавмаш гуфт: “**Ин абрпора раҳмати Худо нест. Балки шамолест, ки дар он азоби сахти Аллоҳ таоло аст**”.

Дар ҳақиқат ҳам гуфтаи Ҳуд (а) рост баромад. Шамоли бениҳоят сахт вазид. Мардум то ин замон чунин шамолро надида ва нашунида буданд.

Тундбоди сахт омада, дарахтонро меканд, хонаҳоро вайрон мекард, чорпоҳоро аз замин мебардошт ва ба ҷойи дур бурда мепартофт.

Ҳама сангу хоки замин ба осмон бархост. Дунё чунон торик шуд, ки касе шахси дигарро дидан наметавонист.

Қавми “Ъод” аз ин ҳолат сахт тарсиданд ва ба хонаҳояшон даромада дарҳоро маҳкам карданд. Тифлакон ба оғӯши модаронашон даромаданд ва мардум ба пушти деворҳо ва даруни хонаҳо паноҳ burданд.

Кӯдакон гиря мекарданд, занон доду фиғон мебардоштанд ва мардон ба зориву тавалло машғул буданд.

Гӯё касе мегуфт:

لَا عَاصِمَ الْيَوْمَ مِنْ أَمْرِ اللَّهِ

## Тарҷума:

**“Имрӯз ҳеҷ кас аз фармони (омадани азоби) Худо раҳоӣ намеёбад!”**[1]

Ин ҳолат ҳафт шабу ҳашт рӯз давом ёфт.

Ҳамаи мардум мурданд. Онҳо монанди дарахтони хурмо дар замин афтиданд. Бисёр як манзараи даҳшатнок ва ҳайратовар буд.

Мардум мурда буданд ва паррандагон ҷасади онҳоро мехӯрданд. Хонаҳо холӣ шуданд ва ҷойи соҳибонашро бумҳо[2] гирифтанд.

Ҳуд (а) бо ҳамаи мӯъминон наҷот ёфтанд, аммо қавми “Ъод” ба сабаби саркашӣ ва куфрашон ҳалок ва нобуд шуданд.

أَلَا إِنَّ عَادًا كَفَرُوا رَبَّهُمْ أَلَا بُعْدًا لِعَادٍ قَوْمِ هُودٍ

## Тарҷума:

**“Огоҳ бошед! Дар ҳақиқат “Ъод” ба Парвардигорашон куфр варзиданд; Огоҳ бошед! Нафрин ба “Ъод”-и қавми Ҳуд!”**[3]

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Гуноҳ сабаби бебаракатӣ дар зиндагӣ ва маҳрум шудан аз неъматҳои Худо мегардад;
2. Вақте Аллоҳ таоло ба бандагонаш ғазаб гирад, неъматҳои худро барояшон ба азоб табдил медиҳад;
3. Ҳар чи паёмбарони Худо мегӯянд, ҳатман мешавад. Зеро онҳо аз пеши худашон гап намезананд;

---

[1]Ҳуд: 43
[2]Паррандае, ки дар вайронаҳо хона мекунад. (Аз мутарҷим)
[3]Ҳуд: 60

4. Тасдиқ кардани гапҳои паёмбарони Худо шарти имон аст ва бе бовар кардан ба онҳо шахс мӯъмин намешавад;
5. Вақте азоби Худо меояд, ҳамаро якҷоя фаро мегирад;
6. Агар бандагони боимон мардуми гумроҳро насиҳат ва даъват накунанд ва азоби илоҳӣ ояд, ҳамаашон ҳалок мешаванд;
7. Вазифаи даъватгарони пайрави паёмбарон насиҳати мардум аст, аммо ҳидоят дар дасти Худо аст;
8. Яке аз сифатҳои Аллоҳ таоло "**Мунтақим**" (Интиқомгиранда) аст ва аз душманонаш сахт интиқом мегирад;
9. Бандаи Худошинос бояд доим аз азоби илоҳӣ ба Худованд паноҳ талаб кунад;
10. Ҳеҷ кас пеши роҳи азоби Худоро гирифтан наметавонад.

## ПУРСИШҲО

1. Қавми Ҳуд (а) ба осмон нигоҳ карда чиро мунтазир буданд?
2. Вақте онҳо дар осмон абрпораро диданд, чӣ гумон карданд?
3. Вақте онҳо абрпораро диданд, чӣ кор карданд?
4. Ҳуд (а) абрпораро дида чиро фаҳмид?
5. Он абрпорае, ки дар осмон намоён гашт, чӣ буд?
6. Вақте азоби Худо ба сари онҳо омад, дунё чихел шуда буд?
7. Кӯдакон ба куҷо паноҳ мебурданд?
8. Занон чӣ кор мекарданд?
9. Мардон ба чӣ кор машғул буданд?
10. Оё касе аз азоби Худо раҳоӣ ёфт?
11. Он азоб чанд шабу рӯз давом ёфт?
12. Оё Шумо аз азоби Худо метарсед?
13. Барои раҳоӣ аз азоби Аллоҳ таоло чӣ корҳоро анҷом медиҳед?

# ШУТУРИ САМУД

## ДАРСИ ЯКУМ
## БАЪД АЗ ТУНДБОД

Қавми Самуд дар ширку куфр аз қавми “Ъод” пайравӣ карданд, ҳамон тавре ки қавми “Ъод” пайрави мушрикони қавми Нӯҳ (а) гашта буданд.

Қавми Самуд пайрави қавми “Ъод” ва қавми “Ъод” пайрави қавми Нӯҳ (а) буданд.

Сарзамини Самуд ҳам макони бисёр сарсабзу зебову дилрабо буд. Дар он сарзамин бӯстонҳо, чашмаҳо ва боғҳои сердарахте буд, ки аз зери он ҷӯйҳо ҷорӣ мегашт.

Самуд ҳам монанди қавми “Ъод” фақат дар банди иморатсозӣ, кишоварзӣ ва бунёди боғу бӯстонҳо буданд.

Онҳо дар корҳои саноатӣ ва ақлу заковат аз қавми “Ъод” болотар буданд. Дар даруни кӯҳҳо хонаҳои бисёр боҳашамат ва зебо месохтанд ва болои сангҳо нақшу нигоҳи дилрабо мекарданд.

Бо санъаткорӣ ва ақлу заковаташон санг дар дасташон об мегашт. Санг дар дасти онҳо монанди шамъ нарму мулоим буд ва аз он ҳар чи мехостанд, месохтанд.

Вақте инсон ба шаҳри қавми Самуд медаромад, аз санъаткории онҳо ҳайрон мемонд. Қасрҳои монанди кӯҳро медид. Гӯё ҷинҳо онро сохта бошанд. Гулҳои дар сангҳои девор кандакоришударо медид. Гӯё фасли баҳор онро рӯёнида бошад.

Худо барои қавми Самуд дарҳои баракати осмонҳо ва заминро кушода буд. Худо барои қавми Самуд дарҳои ҳама ризқу рӯзиро кушода буд.

Осмон дар рехтани борон,замин дар рӯёнидани наботот ва гулҳои зебо, вабоғҳодар рӯёнидани меваҳои ширин барояшон бухл наметварзид. Худованд дар ризқу рӯзӣ ва умрашон баракат дода буд.

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Бадон ҳамеша аз шахсони бад пайравӣ мекунанд;
2. Худованд баъзе бандагонро бо додани неъмати зиёд имтиҳон мекунад;
3. Аллоҳ таоло аз бандагонаш обод кардани заминро талаб карда аст;
4. Ақл беҳтарин неъмати Худо аст, ба ин шарт, ки соҳибашро бо Офаридгор ошно кунад;
5. Худованд зебо аст ва зебогиро дӯст медорад;
6. Худо ҳамаи неъматҳои замину осмонро барои инсон муҳайё кардааст. Фақат аз вай талаб дорад, ки танҳо Аллоҳ таолоро ибодат кунад ва аз овардани ширк парҳез намояд;
7. Офаридгор ҳамаи бандагонаш дӯст медорад, аммо кофирон худашон ба сабаби куфр овардан дар қатори душманони Худо қарор мегиранд;
8. Худованд аз бандагонаш куфр ва ширкро намеписандад;
9. Шахси боақл аз гузаштаи дигарон ибрат мегирад ва кӯшиш мекунад, то гуноҳи дигаронро такрор накунад;
10. Банда ҳар қадар боақл ва боқувват ҳам бошад, назди Аллоҳ таоло нотавон ва бечора аст.

## ПУРСИШҲО

1. Қавми Самуд аз кӣ пайравӣ мекарданд?
2. Ҷойи зисти онҳо чигуна буд?
3. Бо вуҷуди ҳамаи ин неъматҳои Аллоҳ таоло онҳо ба чӣ кор машғул буданд?
4. Ақлу заковати қавми “Ъод” болотар буд ё аз қавми Самуд?

5. Қавми Самуд дар куҷо хонаҳои зебову боҳашамат месохтанд?
6. Санг дар дасти онҳо монанди чӣ буд?
7. Аллоҳ таоло барои қавми Ҳуд (а) дарҳои чиро кушода буд?
8. Баъзеҳо фақат дар фикри хӯрдан ва нӯшидан ҳастанд. Шумо чӣ?
9. Агар корҳои дунё пеши роҳи ибодати Худоро гиранд, чӣ кор мекунед? Аввал кори дунёро анҷом медиҳед ё ибодати Худоро?
10. Барои бобаракат гаштани ризқу рӯзӣ чӣ кор бояд кард?
11. Оё Шумо Аллоҳ таолоро барои неъматҳояш шукр мекунед?

## ДАРСИ ДУЮМ
## НОСИПОСИИ ҚАВМИ САМУД

Аммо қавми Самуд бо вуҷуди ҳамаи ин неъматҳо ношукрӣ мекарданд ва Худоро ибодат намекарданд.

Баръакс куфр ва саркашиашон рӯз ба рӯз зиёд мегашт. Онҳо Аллоҳ таолоро фаромӯш карда буданд, ба неъматҳои дунё хушҳол гашта мағрур шуда буданд ва доим даъво мекарданд, кӣ аз мо боқувваттар аст?! Гумон мекарданд, ки намемиранд ва ҳеҷ гоҳ аз боғҳояшон берун намешаванд.

Фикр мекарданд, ки марг ба ин кӯҳҳо даромада наметавонад ва ба сӯи онҳо роҳ намеёбад!

Шояд онҳо гумон доштанд, ки қавми Нӯҳ (а) ба сабаби ба дарраҳо паноҳ бурдан ҳалок шуданд. Қавми “Ъод” бошад барои он ҳалок шуд, ки дар замини нарм зиндагӣ мекард. Вале онҳо дар даруни кӯҳҳои сангин аз тарсу марг дар амон ҳастанд.

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Шукр кардан ба неъматҳои Аллоҳ таоло фарз аст;
2. Агар банда неъматҳои Худоро ҳисоб кардан хоҳад, аз ӯҳдаи он намебарояд;
3. Аллоҳ таоло тамоми замину осмон ва ҳамаи мавҷудотро барои хизмат ба инсон офарида ва аз инсон танҳо як чиз талаб дорад: ибодати Худованд ва дурӣ ҷустан аз ширк овардан ба Худо;
4. Аллоҳ таоло бандагони саркашро дӯст намедорад;
5. Мағрур шудан ба зебу зинати дунё ва тарки ибодати Аллоҳ таоло одати қавми Самуд ва дигар қавмҳои саркаш аст ва кофир аст;
6. Бандаи Худотарс доим марг ва охиратро ба ёд оварда, аз содир кардани гуноҳ худдорӣ мекунад;
7. Ҳеҷ чиз пеши роҳи маргро гирифта наметавонад;
8. Қудрати Аллоҳ таоло аз ҳама қудратҳо болотар аст.

## ПУРСИШҲО

1. Оё қавми Самуд ба неъматҳои Худо шукр мекарданд?
2. Онҳо фирефтаи чӣ гашта буданд?
3. Онҳо чӣ гумон доштанд?
4. Оё чизе пеши роҳи маргро гирифта метавонад?
5. Оё Шумо доим маргро ба ёд меоред?
6. Оё барои марг омодагӣ мебинед?
7. Шахс барои омодагӣ ба марг бояд чӣ кор кунад?
8. Шукр кардан ба неъматҳои Худо чӣ ҳукм дорад?

## ДАРСИ СЕЮМ
## БУТПАРАСТӢ

Қавми Самуд ба ҳамаи ин ҷиноятҳояшон басандагӣ накарданд, балки аз сангҳо барои худашон бут тарошиданд ва онҳоро ибодат карданд.

Онҳо монанди мушрикони замони ҳазрати Нӯҳ (а) ва Ҳуд (а) бутпарастӣ мекарданд.

Худованд қавми Самудро бар сангҳо ҳамчун подшоҳ қарор дод, аммо онҳо аз рӯи нодонӣ бандагони бутҳои сангин гашта буданд.

Худованд ба онҳо шарофат дода ва аз хӯрданиҳои пок барояшон рӯзӣ мерасонд. Лекин онҳо бошанд бо амали бутпарастӣ ҳам худ ва ҳам тамоми инсониятро паст зада буданд.

إِنَّ اللَّهَ لَا يَظْلِمُ النَّاسَ شَيْئًا وَلَكِنَّ النَّاسَ أَنْفُسَهُمْ يَظْلِمُونَ

### Тарҷума:

**“Худо ба мардум заррае зулм намекунад, аммо худи мардум дар ҷонашон зулм мекунанд”**.[1]

Ҳайратовар! Сангеро, ки қавми Самуд бо дастони худ метарошиданд, зери фармони худи онҳо буд.

Дар назди бутҳои аз санг тарошидаашон хам мешуданд ва саҷда мекарданд.

Оё аз рӯи ақл ибодати махлуқи заиф аз тарафи шахси боқувват дуруст аст?! Оё хоҷа дар назди ғуломаш саҷда мекунад?!

Аммо онҳо Худоро фаромӯш карданд ва ба ҳамин сабаб худро ҳам фаромӯш карда буданд. Аз ибодати Аллоҳ таоло сарпечӣ карданд, пас, Худованд онҳоро бо сангпарастӣ хору расво кард.

---

[1]Юнус: 44

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Агар инсон аз гуноҳони содиркардааш тавба накунад, рӯз ба рӯз ба ҷиноятҳои бадтар гирифтор мешавад ва оқибат ҳалок мегардад;
2. Гуноҳ тавлидкунандаи гуноҳи дигар аст;
3. Худованд инсонро бар ҳамаи махлуқот ҳамчун подшоҳ гардонида аст, ки аз вай итоат мекунанд;
4. Ширк овардан ба Худо маънои хор кардани одамият аст;
5. Нодонӣ инсонро ба куфр ва ширк мерасонад;
6. Ҳеҷ гоҳ Аллоҳ таоло ба бандагон зулм намекунад;
7. Бандагони бо анҷом додани гуноҳ ба ҷони худ зулм мекунанд;
8. Ҳеҷ инсони боақл дар назди махлуқ саҷда намекунад;
9. Вақте инсон Худоро фаромӯш мекунад, Аллоҳ таоло ӯро ба ҳоли худаш ҳавола месозад.

## ПУРСИШҲО

1. Қавми Самуд аз чӣ бут метарошиданд ва баъд аз тарошидан онро чӣ кор мекарданд?
2. Онҳо аз рӯи чӣ дар назди бутҳо саҷда мекарданд?
3. Кадом махлуқ назди Худо мақоми баландтар дорад?
4. Оё баъди ширк овардан ҳамон мақоми баланд барояш боқӣ мемонад?
5. Оё Худованд бар бандагонаш зулм мекунад?
6. Оё аз рӯи ақли солим ибодат кардани ғайри Аллоҳ таоло дуруст аст?
7. Агар шахс Худоро фаромӯш кунад, чӣ мешавад?
8. Оё Шумо ҳар субҳу шом монанди Паёмбари Худо (с) аз гуноҳи ширк ба Аллоҳ таоло паноҳ мебаред?

## ДАРСИ ЧОРУМ
## ПАЁМБАР СОЛЕҲ (А)

Худованд хост ба қавми Самуд паёмбар фиристад. Айнан ҳамон тавре, ки пештар ба сӯи қавми Нӯҳ (а) ва “Ъод” расул фиристода буд.

Худованд аз бандагонаш куфрро намеписандад ва Аллоҳ таоло дар замин фасодкориро дӯст намедорад.

Дар байни ин қавм марди парҳезкор ва некӯкоре бо номи Солеҳ зиндагӣ мекард. Вай дар хонаводаи обрӯманд ба дунё омада ва бо парҳезкориву ақлу заковат ба воя расида буд. Вай дар хурдсолӣ тифлаки бисёр ҳам наҷиб ва боҳуш буд. Мардум ӯро хеле дӯст медоштанд ва аз рӯи муҳаббат “**Ана Солеҳ-ана Солеҳ**” гуфта ишора мекарданд.

Мардум аз вай умеди калон доштанд. Доим мегуфтанд, Солеҳ оянда бузург дорад-Солеҳ ояндаи бузург дорад!

Мардум фикр мекарданд, ки Солеҳ дар оянда соҳиби мансаби калон ва пули зиёд мешавад.

Онҳо фикр мекарданд, ки вай дар оянда соҳиби қасри зебо ва боғу бӯстонҳои зиёд мегардад.

Падари Солеҳ фикр мекард, ки фарзандаш дар оянда бо ин ҳама ақлу заковати доштааш пули калон ба даст меоварад ва бо фахру ғурур дар байни мардум мебарояд. Дар байни мардум аспсавор мебарояд ва хидматкорони зиёд дар атрофаш ҳалқа мезананд ва мардум мегӯянд: “**Ин бачаи фалонӣ аст! Ин бачаи фалонӣ аст!**”

Агар падараш шунавад, ки мардум “**Писари фалонӣ бисёр хушбахт аст! Писари фалонӣ бойи калон аст!**” гӯянд, хеле хушҳол мешавад.

Аммо Худованд аз Солеҳ (а) дигар чиз мехост. Мехост ӯро бо мақоми паёмбарӣ мушарраф кунад, то бо даъват ва

насиҳатҳояш мардумро аз торикиҳо ба сӯи рӯшноӣ берун кашад.

Оё аз ин ҳам дида шарофати болотар ҳаст?! Оё аз ин ҳам дида обрӯи болотар ҳаст?!

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Худованд барои ҳар қавму миллат роҳнамо мефиристад, то онҳоро аз гумроҳӣ наҷот диҳад;
2. Аллоҳ таоло аз бандагон куфрро намеписандад;
3. Аллоҳ таоло фасодкориро дӯст намедорад;
4. Худованд барои паёмбарӣ беҳтарин бандагони худро интихоб карда аст;
5. Паёмбарон шахсони парҳезкор ва аз гуноҳони хурду калон пок ҳастанд;
6. Паёмбарон дурӯғ намегӯянд;
7. Паёмбарон хиёнат намекунанд;
8. Бой шудан маънои назди Худо қадр доштанро надорад;
9. Худованд бандагони дӯстдоштаашро барои анҷоми вазифаи даъват ва насиҳати мардум интихоб мекунад;
10. Ифтихор кардан аз зеварҳои дунё одати ҷоҳилон аст.

## ПУРСИШҲО

1. Оё Худованд аз бандагон куфрро мепазирад?
2. Оё Худованд дар замин фасодкориро дӯст медорад?
3. Солеҳ (а) дар чигуна хонавода ба дунё омада буд?
4. Оё мардум Солеҳ (а)-ро дӯст медоштанд?
5. Мардум дар бораи Солеҳ (а) чӣ фикр мекарданд?
6. Падари Солеҳ (а) дар бораи писараш чӣ андеша дошт?
7. Худованд Солеҳ (а)-ро барои чӣ ихтиёр кард?
8. Оё аз ҷойгоҳи паёмбарӣ мақоми болотар ҳаст?
9. Оё паёмбарони Худо (а) дурӯғ мегӯянд?
10. Оё паёмбарони Худо (а) хиёнат мекунанд?

11. Шумо дар оянда ҳамчун паёмбарони Худо даъватгар шудан мехоҳед?

# ДАРСИ ПАНҶУМ

## ДАЪВАТИ СОЛЕҲ (А)

Солеҳ (а) дар байни қавми худ бархост ва бо садои баланд гуфт:

يَا قَوْمِ اعْبُدُوا اللَّهَ مَا لَكُمْ مِنْ إِلَهٍ غَيْرُهُ

## Тарҷума:

**“Эй қавми ман! Танҳо Аллоҳ (таоло)-ро бипарастед; Шумо ғайри Вай дигар худо надоред!”**[1]

Бойҳои ин қавм ба хӯрдану нӯшидан ва бозиву саргармӣ машғул буданд. Онҳо бутҳоро мепарастиданд ва ғайри он дигар худоро қабул надоштанд.

Даъват ва насиҳатҳои Солеҳ (а) ба онҳо писанд наомад. Бойҳои қавми Самуд ба ғазаб омаданд ва гуфтанд: “**Ин мард кист?**”

-Хидматгоронашон гуфтанд: “**Вай Солеҳ аст**”.

-Боз пурсиданд: “**Чӣ мегӯяд?**”

-Ҷавоб доданд: “**Мегӯяд, танҳо Аллоҳ таолоро бипарастед. Шумо ғайр аз Аллоҳ таоло дигар офаридгор надоред. Инчунин даъво дорад, ки Худо шуморо баъди марг дубора зинда мегардонад ва бароятон подош медиҳад. Мегӯяд, ман паёмбари Худо ҳастам ва маро ба сӯи қавмам фиристода аст**”.

Бойҳо аз ин сухан хандиданд ва гуфтанд: “**Бечора! Оё ҳамин Солеҳак паёмбар аст?! На қаср дораду на боғу бӯстон ва на зироату дарахтон! Бо ин камбағалӣ чихел вай паёмбари Худо мешуда аст?!**”

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

[1]Аъроф: 73

1. Ҳамаи паёмбарони Худо қавми худро ба яктопарастӣ даъват мекарданд;
2. Мақсади омадан ба ин дунё хӯрдан ва нӯшидан нест, балки шинохтан ва ибодат кардани Аллоҳ таоло аст;
3. Қиёмат ҳақ аст ва Аллоҳ таоло дар он рӯз ба ҳар кас мувофиқи амалаш подош медиҳад;
4. Бовар доштан ба зинда гаштан баъд аз марг яке аз муҳимтарин шартҳои имон аст;
5. Вазифаи паёмбарон ва шахсони даъватгар роҳнамоӣ ва берун кардани мардум аз торикиҳо аст;
6. Доштани моли дунё хуб аст, ба шарти ин ки соҳибашро аз ёди Худо ғофил нагардонад;
7. Итоат кардан ба паёмбарони Худо лозим ва зарурӣ аст;
8. Шахс бе роҳнамоӣ кардани паёмбарони Худо ба Аллоҳ таоло намерасад ва аз гумроҳӣ берун намешавад;
9. Худованд аз раҳмати худ ба бандагонаш паёмбар мефиристад;
10. Олимон меросбарони паёмбарони Худо ҳастанд ва мардумро ба сӯи Ҳақ таоло даъват мекунанд;

## ПУРСИШҲО

1. Солеҳ (а) дар байни қавми худ бархоста чӣ гуфт?
2. Бойҳои қавми Солеҳ (а) ба чӣ корҳо машғул буданд?
3. Вақте қавми Солеҳ (а) аз хидматгоронашон пурсиданд, ки “**ин мард чӣ мегӯяд**”, онҳо чӣ ҷавоб доданд?
4. Бойҳо баъди шунидани ҷавоби хидматгорон чӣ кор карданд?
5. Ба фикри бойҳо чаро Солеҳ (а) арзандаи паёмбарӣ набуд?
6. Оё ин андешаи бойҳо дар ҳаққи Солеҳ (а) дуруст буд?
7. Оё доштани молу сарвати зиёд нишонаи назди Аллоҳ таоло мартаба доштан аст?
8. Кӣ назди Аллоҳ таоло мартабаи зиёдтар дорад?
9. Оё Шумо бо пайравӣ аз паёмбарон мардумро ба сӯи Ҳақ даъват ва насиҳат мекунед?

10.Ба андешаи Шумо доштани моли дунё бад аст?

## ДАРСИ ШАШУМ
## ДАЪВО ВА БАҲОНАИ САРВАТМАНДОНИ ҚАВМИ СОЛЕҲ (А)

Бойҳои он замон мушоҳида карданд, ки мардум ба сӯи Солеҳ (а) бисёр майлу рағбат доранд ва онҳо барои аз даст додани пулу мансабашон тарсиданд ва гуфтанд:

**مَا هَذَا إِلَّا بَشَرٌ مِثْلُكُمْ يَأْكُلُ مِمَّا تَأْكُلُونَ مِنْهُ وَيَشْرَبُ مِمَّا تَشْرَبُونَ (33)**
**وَلَئِنْ أَطَعْتُمْ بَشَرًا مِثْلَكُمْ إِنَّكُمْ إِذًا لَخَاسِرُونَ (34) أَيَعِدُكُمْ أَنَّكُمْ إِذَا مِتُّمْ وَكُنْتُمْ**
**تُرَابًا وَعِظَامًا أَنَّكُمْ مُخْرَجُونَ (35) هَيْهَاتَ هَيْهَاتَ لِمَا تُوعَدُونَ (36) إِنْ هِيَ**
**إِلَّا حَيَاتُنَا الدُّنْيَا نَمُوتُ وَنَحْيَا وَمَا نَحْنُ بِمَبْعُوثِينَ (37) إِنْ هُوَ إِلَّا رَجُلٌ افْتَرَى**
**عَلَى اللَّهِ كَذِبًا وَمَا نَحْنُ لَهُ بِمُؤْمِنِينَ**

### Тарҷума:

**“Ин мард (Солеҳ (а)) монанди шумо як башар аст; аз он чи шумо мехӯред, мехӯрад ва аз он чи менӯшед, менӯшад”.**[1]

**“Агар шумо монанди худ башареро итоат кунед, он вақт дар ҳақиқат зиёндидагонед”.** [2]

**“Оё вай (Солеҳ (а)) ба шумо ваъда медиҳад, ки вақте мемиред ва хоку устухон мегардед, (аз нав аз хок) берун карда мешавед (аз нав зинда карда мешавед)?!”**[3]

**“Чӣ дур аст, дур аст он чи ба шумо ваъда дода мешавад”.**[4]

---

[1]Мӯъминун: 33
[2]Мӯъминун: 34
[3]Мӯъминун: 35
[4]Мӯъминун: 36

**“Ҳаёти мо танҳо ҳамин дунё аст; мемирем ва зинда мешавем ва (баъди марг аз нав) зинда карда намешавем”.**[1]

**“Вай (Солеҳ (а)) танҳо як марде ҳаст, ки ба Худо дурӯғ бофта аст ва мо ҳеҷ гоҳ ба вай имон намеоварем”.**[2]

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Кофирон ҳамеша барои рад кардани ҳақиқат барои худ баҳонаҳо меҷӯянд;
2. Мардум дар ҳар замон ба паёмбарони Худо майлу рағбат доштанд, вале як гурӯҳ мансабдорон бо ҳар баҳона онҳоро аз Фиристодаҳои Парвардигор дур мекарданд;
3. Шахси боимон бояд дар байни мардум тавре рафтор кунад, ҳама ӯро дӯст доранд ва ба вай майлу рағбат кунанд;
4. Паёмбарон ҳам монанди мо инсон буданд, мехӯрданд, менӯшиданд, хоб мекарданд, аммо ба ин фарқ ки ба онҳо пайғоми Худо меомад;
5. Баъд аз марг зинда шудан ҳақ ва рост аст;
6. Барои Аллоҳ таоло дубора зинда кардани инсонҳо душвор нест;
7. Ҳар чи Аллоҳ таоло ваъда медиҳад, ҳатман иҷро мешавад;
8. Зиндагӣ танҳо ин дунё нест, балки баъд аз ҳаёти дунё зиндагонии дигар ҳаст;
9. Ҳаргиз паёмбарони Худо (а) ба Аллоҳ таоло дурӯғ намебофанд;
10. Дар ҳаққи Худованд дурӯғ бофтан гуноҳи азим аст.

## ПУРСИШҲО

1. Бойҳои замони Солеҳ (а) аз чӣ метарсиданд?
2. Оё мардум ба ҳазрати Солеҳ (а) майлу рағбат доштанд?
3. Онҳо барои рад кардани даъватҳои Солеҳ (а) чӣ далел меоварданд?

[1]Мӯъминун: 37
[2]Мӯъминун: 38

4. Оё қавми Самуд ба охират имон доштанд?
5. Оё паёмбарони Худо монанди мо инсон ҳастанд?
6. Онҳо аз дигар инсонҳо бо чӣ фарқ мекунанд?
7. Агар касе омадани қиёматро инкор кунад, чӣ мешавад?
8. Агар касе баъд аз марг зинда шуданро инкор кунад, чӣ мешавад?
9. Оё Шумо дӯстонатонро барои қавӣ кардани имонҳояшон даъват ва насиҳат мекунед?
10. Барои боқувват шудани имон чӣ бояд кард?

## ДАРСИ ҲАФТУМ

## ГУМОНИ МО ХАТО БАРОМАД

Мардум ба Солеҳ (а) куфр варзиданд ва имон наоварданд. Вақте Солеҳ (а) онҳоро насиҳат ва аз бутпарастӣ манъ кард, гуфтанд: “**Эй Солеҳ! Ту дар хурдсолӣ кӯдаки бисёр аҷоиб будӣ. Хеле писари ҳушёру бозаковат будӣ. Мо гумон доштем, ки аз ҷумлаи сардорҳо ва ашрофи мо мегардӣ. Мо фикр мекардем, ту монанди фалониву фалонӣ бой мешавӣ, лекин ту ҳеҷ чиз нашудӣ. Ҳамсинну солҳоят, ки ақлашон аз ту камтар буд, имрӯз одамони калон шудаанд. Ту бошӣ ҳамаро монда роҳи камбағалиро пеш гирифтаӣ. Гумони мо дар ҳаққат хато баромад. Умеди моро барбод додӣ. Бечора падарат, аз ту ҳеҷ некӣ надид. Бечора модарат, ҳама ранҷу азобҳои барои ту кашидааш барбод шуд**”.

Солеҳ (а) гапҳои қавмашро шунида барои гумроҳиашон афсӯси зиёд хӯрд.

Вақте Солеҳ (а) аз назди қавмаш мегузашт, мегуфтанд: “**Худо падари Солеҳро раҳмат кунад. Писараш ҳайф шуд**”.

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Ширк овардан ба Худо инсонро кӯру кар ва гунг мегардонад, ки дигар ҳақиқатро дидан, шунидан ва гуфтан наметавонад;

2. Дили шахси мушрик ва кофир монанди шаб сип-сиёҳ аст;
3. Вақте шахсони ба гуноҳи ширк олудашуда худашон ин роҳи нодурустро интихоб мекунанд, Аллоҳ таоло гумроҳиашонро зиёдтар мегардонад;
4. Боақлтарин инсон касе аст, ки худро аз гуноҳи ширку куфр нигоҳ медорад ва танҳо Аллоҳ таолоро мепарастад;
5. Аллоҳ таоло дунёро ба кофиру мӯъмин медиҳад, аммо динро танҳо ба бандагони дӯстдоштааш арзонӣ мекунад;
6. Доштани ақидаи дуруст беҳтарин неъмати Худованд барои банда аст;
7. Хизмати асосии падару модар барои фарзанд мӯъмин будан ва парҳезкории вай аст;
8. Фарзанди Худошинос барои падару модараш хайрхоҳ мешавад;
9. Кофирон ва мушрикон кӯтоҳбин ҳастанд.

## ПУРСИШҲО

1. Вақте Солеҳ (а) қавмашро аз бутпарастӣ манъ кард, дар ҷавоб чӣ гуфтанд?
2. Қавми Самуд аз Солеҳ (а) чӣ гумонҳо доштанд?
3. Онҳо мехостанд Солеҳ (а) монанди кӣ бошад?
4. Солеҳ ба ҳоли онҳо чӣ кор мекард?
5. Оё парҳезкор будани фарзанд нишонаи ҳайф шудани вай аст?
6. Шумо барои падару модаратон хайрхоҳӣ мекунед?
7. То имрӯз барои падару модаратон чӣ хайрхоҳӣ кардаед?

# ДАРСИ ҲАШТУМ

## НАСИҲАТИ СОЛЕҲ (А)

Бо вуҷуди ҳамаи ин гапҳо Солеҳ (а) қавмашро бо нармиву меҳрубонӣ ба сӯи Худо даъват ва насиҳат мекард.

Вай ба қавмаш мегуфт: "**Бародарони азизам! Оё гумон мекунед дар ин дунё то абад мемонед?! Оё гумон мекунед дар ин қасрҳо ҳамеша мемонед?! Оё гумон мекунед ҳеҷ гоҳ аз ин боғҳо ва наҳрҳои худ ҷудо намешавед?! Гумон мекунед доим аз ин зироатҳо ва меваҳои дарахтон мехӯред?! Фикр мекунед ҳамеша қудрати тарошидани кӯҳҳо ва дар он сохтани қасрҳои боҳашаматро доред?! Ҳеҷ гоҳ ин тавр нест! Ҳеҷ гоҳ ин тавр нест! Ин тасаввури шумо хатои маҳз аст.**

**Бародаронам! Агар ҳаёти ин дунё доимӣ мебуд, барои чӣ падаронатон аз дунё гузаштанд?!**

**Онҳо ҳам ба монанди шумо қасрҳо ва боғу бӯстону чашмаҳои зебо доштанд.**

**Онҳо ҳам ба монанди шумо зироатҳо ва дархатони пур аз мева доштанд ва кӯҳҳоро тарошида барои худ хона месохтанд. Вале ҳеҷ чиз барояшон фоида накард. Вале ҳеҷ азоби Худоро аз онҳо манъ накард.**

**Фариштаи марг ба суроғашон омад ва барои гирифтани ҷонашон роҳ пайдо кард!**

**Шумо низ рӯзе монанди падаронатон мемиред. Худованд баъди марг дубора зиндаатон мегардонад ва аз ҳамаи неъматҳои додааш шуморо мепурсад**".

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Шахси боимон ва пайрави паёмбарони Худо дар даъват ва насиҳати мардум дуруштӣ намекунад;

2. Барои насиҳати мардум бояд беҳтарин калимаҳо интихоб карда шавад;
3. Ҳеҷ кас дар дунё абадӣ намемонад;
4. Дунё муваққатӣ ва охират абадӣ аст;
5. Кофирон ҳаёти дунёро аз охират боло мегузоранд;
6. Он чи назди банда аст, тамом мешавад ва он чи назди Худост, доимӣ мемонад;
7. Ҳаёти охират аз дунё беҳтар аст;
8. Набояд зебогиҳои дунё бандаро аз Худо ғофил гардонад;
9. Шахси боимон дурандеш буда, ҳеҷ гоҳ фирефтаи дунё намешавад;
10. Бандаи боақл бо истифода аз дунё зиндагонии охират обод мегардонад;
11. Зикри Аллоҳ таоло яке аз роҳҳои обод кардани зиндагонии охират аст;
12. Шахси ҳушманд аз гузаштагон панд мегирад.

## ПУРСИШҲО

1. Оё Солеҳ (а) дар даъвати мардум дуруштӣ мекард?
2. Оё Шумо барои насиҳати мардум дуруштӣ мекунед?
3. Вай барои насиҳати мардум кадом калима ва ҷумлаҳоро истифода мебурд?
4. Солеҳ (а) кадом гумони қавмашро хато медонист?
5. Қавми Солеҳ (а) чӣ гумон доштанд?
6. Оё лаззатҳои дунё ҳамешагӣ аст?
7. Оё лаззатҳо ва зебогиҳои дунё Шуморо аз ёди Худо ғофил мегардонад?
8. Кадом гурӯҳ дунёро аз охират пеш мегузоранд?
9. Мӯъминон бо истифода аз дунё куҷоро обод мекунанд?
10. Барои обод кардани охират чӣ бояд кард?

## ДАРСИ НУҲУМ
## АЗ ШУМО МУЗД НАМЕПУРСАМ

Солеҳ (а) ба қавмаш мегуфт, бародарони азизам! Барои чӣ аз ман мегурезед?! Аз чӣ метарсед?! Охир, ман пулҳои шуморо кам намекунам. Ман аз шумо ҳеҷ чиз талаб надорам!

Фақат насиҳататон мекунам ва паёмҳои Парвардигорамро бароятон мерасонам.

وَمَا أَسْأَلُكُمْ عَلَيْهِ مِنْ أَجْرٍ إِنْ أَجْرِيَ إِلَّا عَلَى رَبِّ الْعَالَمِينَ

### Тарҷума:

**"Ва барои он (даъватам) аз шумо музд намепурсам; музди ман бар Худо аст".**[1]

Бародаронам! Чаро маро итоат намекунед, дар ҳоле ки ман барои шумо насиҳатгари амонатнигаҳдор ҳастам?!

Барои чӣ гапи касонеро гӯш мекунед, ки ба мардум зулм мекунанд, моли мардумро ба ноҳақ мехӯранд, дар замин ба фасодкорӣ ва фосиқӣ даст мезананд ва ҳеҷ гоҳ чизеро ислоҳ намекунанд?!

Мардум аз ҷавоб гуфтан ба ин саволҳои бомантиқи Солеҳ (а) оҷиз монданд.

Вақте дигар ҷавоб наёфтанд, дар ҳол даъвои беасос пеш оварданд ва гуфтанд:

قَالُوا إِنَّمَا أَنْتَ مِنَ الْمُسَحَّرِينَ (153) مَا أَنْتَ إِلَّا بَشَرٌ مِثْلُنَا فَأْتِ بِآيَةٍ إِنْ كُنْتَ مِنَ الصَّادِقِينَ

### Тарҷума:

[1]Шуаро: 145

**“Бегумон ту аз ҷумлаи шахсони сахт сеҳршудагон ҳастӣ; Ту монанди мо башар ҳастӣ; Пас агар рост мегӯӣ, барои мо як муъҷиза биовар”.**[1]

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Ҳеҷ паёмбари Худо барои фоидаи шахсӣ мардумро ба сӯи Парвардигор даъват намекард;
2. Паёмбарони Худо (а) аз мардум чизе тамаъ надоштанд;
3. Шахси пайрав ба паёмбарони Худо бояд дар роҳи даъват ва насиҳати мардум аз онҳо ҳеҷ чиз тамаъ накунад;
4. Дин насиҳат аст ва ҳар кас ба қадри имкон бояд мардумро насиҳат кунад;
5. Бе роҳнамоӣ аз тарафи паёмбарони Худо ба роҳи дуруст расидан номумкин аст;
6. Хиёнат дар амонат аломати мунофиқон аст;
7. Гӯш кардан ба гапи золимон ва аз онҳо итоат кардан зулми бузург ва гунох аст;
8. Мӯъмин ҳамеша кӯшиш мекунад, то ба қадри тавон дар замин чизеро ислоҳ кунад ва аз фасод дурӣ меҷӯяд;
9. Ҷодугарӣ яке аз гуноҳони азим ба ҳисоб меравад ва шахси боимон аз он сахт парҳез мекунад.

## ПУРСИШҲО

1. Барои чӣ қавми Солеҳ (а) аз вай мегурехтанд?
2. Вақте онҳо аз назди паёмбарашон мегурехтанд, ҳазрати Солеҳ (а) ба онҳо чӣ мегуфт?
3. Ҳазрати Солеҳ (а) қавмашро чӣ кор мекард?
4. Қавми Солеҳ (а) гапи киро гӯш мекарданд?
5. Вақте онҳо ба саволҳои Солеҳ (а) ҷавоб наёфтанд, чӣ кор карданд?
6. Оё амали ҷодугарӣ дуруст аст?

---

[1]Шуаро: 153,154

## ДАРСИ ДАҲУМ

## ШУТУРИ СОЛЕҲ (А)

Солеҳ (а) ба қавмаш гуфт, шумо аз ман кадом муъҷизаро дидан мехоҳед?

Қавмаш дар ҷавоб гуфтанд, агар ту ростгӯй бошӣ, аз ҳамин кӯҳ барои мо шутури ҳомила берун кун.

Онҳо медонистанд, ки шутур аз шутур таваллуд мешавад, шутур аз замин намерӯяд ва аз санг пайдо намешавад. Лекин ин талаброқасдан карданд ва бовар доштанд, ки Солеҳ (а) хостаи онҳоро иҷро кардан наметавонад ва бо ҳамин мағлуб мешавад ва онҳо ғолиб мегарданд.

Аммо Солеҳ (а) ба Аллоҳ таоло имони қавӣ дошт ва медонист, ки Худо бар ҳама кор қудрат дорад.

Солеҳ (а) аз Худованд хостаи қавмашро талаб кард ва айнан ҳамон талаби мардум шуд. Аз кӯҳ шутури ҳомила баромад ва бача таваллуд кард.

Мардум бо дидани ин манзара ба даҳшат афтоданд ва ҳайрон монданд, аммо ғайр аз як нафар дигар ҳеҷ кас имон наовард.

## ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Барои шахси соҳибақл ҳамаи махлуқоти Худо муъҷиза ва нишонаи вуҷуд ва ягонагии Аллоҳ таоло аст;
2. Мақсади кофирон имон овардан набуд, балки мехостанд Солеҳ (а) оҷиз монад ва мағлуб гардад;
3. Худованд ҳақро ҳамеша ғолиб мегардонад;
4. Ботил ва ноҳақ оқибат мағлуб мегардад ва завол меёбад;
5. Қудрати Парвардигор ҳад надорад;
6. Ҳеҷ чиз пеши қудрати Худоро намегирад;
7. Вақте бо даст задан ба ширк ва куфр дили шахс маҳкам шавад, дигар ҳеҷ муъҷиза ва насиҳат ба он таъсир намерасонад;
8. Шахси имондор ба атрофи худ бо ибрат нигоҳ мекунад.

## ПУРСИШҲО

1. Қавми Самуд аз Солеҳ (а) чӣ талаб карданд?
2. Барои чӣ онҳо аз паёмбар муъҷиза хостанд?
3. Вақте онҳо муъҷизаи хостаашонро диданд, чӣ кор карданд?
4. Оё шахси соҳибақл барои имон овардан муъҷиза талаб мекунад?
5. Оё қудрати Худо ҳад ва канор дорад?
6. Оё Шумо ба махлуқоти Худо бо чашми ибрат нигоҳ мекунед?
7. Оё Шумо қудратманд будани Аллоҳ таолоро мушоҳида мекунед ва чихел?

## ДАРСИ ЁЗДАҲУМ
## НАВБАТ БА НАВБАТ

Солеҳ (а) ба қавмаш гуфт, ин шутур махсус аз тарафи Аллоҳ таолост. Ин шутур муъҷизаи Худованд аст. Вақте аз Худованд хостед, онро барои шумо халқ кард.

Барои ҳамин эҳтироми онро ба ҷой оред

وَلَا تَمَسُّوهَا بِسُوءٍ فَيَأْخُذَكُمْ عَذَابٌ قَرِيبٌ

## Тарҷума:

**“Ва ба он зарар нарасонед, ки азоби наздик шуморо ҳалок мегардонад”**![1]

Ин шутур дар замини Худо мехӯрад, менӯшад ва рафту омад мекунад. Алаф ва об додани он дар ӯҳдаи шумо нест. Дар замин алаф бисёр аст ва об ҳам зиёд аст.

Шутури Солеҳ (а) хеле калонҷусса ва аҷоиб буд. Чорвоҳои қавми Самуд аз он шутур метарсиданд ва мегурехтанд.

Вақте шутури Солеҳ (а) барои обнӯшӣ меомад, дигар чорвоҳо аз вай мерамиданд ва мегурехтанд.

Солеҳ (а) ин ҳолатро дид ва пешниҳод кард, ки биёед, рӯзҳои обнӯшии ҳайвонотро навбат ба навбат кунем. Як рӯз шутури ман ва як рӯзи дигар шутури шумо об нӯшад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Вақте навбати шутури ҳазрати Солеҳ (а) меомад, рафта об менӯшид ва рӯзи дигар гову гусфандони қавми Самуд об менӯшиданд.

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Ҳамаи мавҷудот нишонаи ҳастӣ ва ягонагии Аллоҳ таоло аст;
2. Худо бандагонашро бо ҳар роҳ имтиҳон мекунад;

---

[1]Ҳуд: 64

3. Бандаи боимон нисбати ҳамаи махлуқоти Худо меҳрубон ва раҳмдил аст;
4. Нигоҳубин кардани ҳайвонот ва об додану ба онҳо зарар нарасондан савоби калон аст;
5. Вақте дар ягон кор нофаҳмӣ шавад, шахси боақл бо ҳикмат онро ҳал мекунад;
6. Итоат аз гапҳои паёмбарон фарз аст;
7. Паёмбарони Худо (а) бо иҷозаи Аллоҳ таоло бандагонро аз ҳама гуна бадбахтиҳо наҷот медиҳанд ва ба сӯи хушбахтӣ мебаранд;
8. Дӯст доштани паёмбарони Худо лозим ва зарур аст;
9. Мӯъминон паёмбарони Худоро аз ҳам ҷудо намекунанд ва ба ҳамаашон имон меоваранд.

## ПУРСИШҲО

1. Солеҳ (а) барои қавмаш шутурашро чӣ ном бурд ва аз онҳо чӣ талаб кард?
2. Шутури Солеҳ (а) чихел буд?
3. Вақте дигар чорвоҳо онро медиданд, чӣ кор мекарданд?
4. Солеҳ (а) барои ҳал кардани нофаҳмӣ дар обнӯшии ҳайвонот чӣ пешниҳод кард?
5. Оё Шумо нисбати ҳайвонот меҳрубон ҳастед?
6. Итоат кардани фармонҳои паёмбарон чӣ ҳукм дорад?
7. Оё Шумо ҳамаи паёмбаронро сидқан дӯст медоред?
8. Дӯст доштанатонро нисбати паёмбарон чихел исбот мекунед?
9. Агар дар байни мардуми кӯча ё бозор дар ягон масъала нофаҳмӣ шавад, чӣ кор мекунед?

# ДАРСИ ДУВОЗДАҲУМ
## САРКАШИИ САМУД

Аммо қавми Самуд кибр карданд ва аз фармони Солеҳ (а) саркашӣ намуданд. Онҳо даъво бардоштанд, ки барои чӣ чорвоҳои мо ҳар рӯз ҳаққи об нӯшидан надошта аст?

Мардум аз шутури Солеҳ (а), ки дигар чорвоҳо аз он метарсиданд ва мегурехтанд, дилтанг шуданд. Солеҳ (а) пештар онҳоро огоҳ карда буд, ки мабодо, нисбати шутур беҳурматӣ накунанд, вале онҳо гапи паёмбарашонро гӯш накарданд.

Рӯзе аз рӯзҳо қавми Самуд бо ҳам ҷамъ шуданд ва гуфтанд: "**Кӣ ҷуръати куштани шутури Солеҳро дорад**?"

Марде аз ҷояш бархост ва гуфт: "**Ман шутурро мекушам**!"

Як марди дигар ҳам аз ҷояш бархост ва гуфт: "**Ман низ барои куштани шутур тайёрам!**"

Он ду марди бадбахт барои куштани шутур рафтанд ва дар роҳ мунтазири омадани он истоданд. Вақте шутур омад, марди якум ӯро бо тир маҷрӯҳ кард ва марди дуюм бо корд пойҳояшро пай кард ва кушт.

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Кибр кардан оқибат шахсро бадбахт мегардонад;
2. Шахсе, ки дар дилаш як зарра кибр дорад, биҳишт намедарояд;
3. Бо назари паст ба мардум нигоҳ кардан нишонаи кибр аст;
4. Рад кардани ҳақиқат нишонаи кибр аст;
5. Аз фармони паёмбарони Худо саркашӣ кардан гуноҳи азим аст;

6. Худованд дар оятҳои зиёди Қуръон таъкид карда аст, ки шахси мӯъмин бояд аз гапи паёмбараш берун набарояд.

## ПУРСИШ

1. Барои чӣ Самуд гапи Солеҳ (а)-ро гӯш накарданд?
2. Онҳо аз шутури Солеҳ (а) чӣ шуда буданд?
3. Вақте бо ҳам ҷамъ шуданд, чӣ кор карданд?
4. Чанд кас барои куштани шутури Солеҳ (а) тайёр буданашро эълон кард?
5. Шутури ӯро чихел куштанд?
6. Оё Шумо ягон маротиба ба мардум бо назари паст нигоҳ кардаед?
7. Агар дар ягон масъала Шумо ноҳақ бошед ва дӯстотано ҳақ барояд, чӣ кор мекунед?
8. Оё барои шахси боимон саркашӣ кардан аз фармонҳои паёмбараш дуруст аст?

## ДАРСИ СЕЗДАҲУМ
## АЗОБИ ИЛОҲӢ

Вақте Солеҳ (а) аз кушта шудани шутур огоҳ шуд, бисёр афсӯс хӯрд ва сахт ғамгин гашт. Вай ба қавми Самуд гуфт:

فَقَالَ تَمَتَّعُوا فِي دَارِكُمْ ثَلَاثَةَ أَيَّامٍ ذَلِكَ وَعْدٌ غَيْرُ مَكْذُوبٍ

### Тарҷума:

**“Дар манзили худ се рӯз баҳра баред; ин ваъдаи бедурӯғ аст”.**[1]

Дар он шаҳр нуҳ марде зиндагӣ мекарданд, ки корашон фақат фасодкорӣ буд ва ҳеҷ гоҳ чизеро ислоҳ намекарданд. Онҳо қасам хӯрданд, шаб Солеҳро бо аҳли хонаводааш мекушем. Агар касе аз пурсад, мегӯем, мо аз ҳеҷ чиз хабар надорем!

Вале Аллоҳ таоло Солеҳ (а) ва хонадонашро ҳифз кард.

Рӯзи сеюм мувофиқи ваъдаи Солеҳ (а) азоби Худо омад. Вақте қавми Самуд чун ҳар вақта пагоҳӣ аз хоб хестанд, ба ногоҳ бо садои ниҳоят сахт ва заминларза рӯ ба рӯ шуданд. Садо чунон сахт буд, ки дилҳо аз тасри он пора-пора шуд ва заминларза чунон шадид буд, ки хонаҳо ҳама ба харобазор табдил ёфтанд.

Он лаҳзаҳо барои қавми Самуд рӯзи бисёр сахт буд.

Мардум ҳама мурданд ва шаҳр ба пуррагӣ вайрон шуд. Солеҳ (а) ҳамроҳи мӯъминон аз он шаҳри бадбахтон ҳиҷрат карданд. Хайр ғайри тарки он макон дигар чӣ кор ҳам мекарданд?!

---

[1]Ҳуд: 65

Солеҳ (а) аз он шаҳр берун мешуд, дар ҳоле ки ба ҷасадҳои беҷони қавмаш нигоҳ мекард ва бо садои бисёр ғамнок мегуфт:

يَا قَوْمِ لَقَدْ أَبْلَغْتُكُمْ رِسَالَةَ رَبِّي وَنَصَحْتُ لَكُمْ وَلَكِن لَّا تُحِبُّونَ النَّاصِحِينَ

## Тарҷума:

**“Эй қавми ман! Бароятон пайғоми Парвардигорамро расонидам ва насиҳататон кардам, лекин шумо насиҳатгаронро дӯст намедоред”.**[1]

Агар имрӯз шахсе ба назди диёри қавми Самуд гузарад, дар он ҷо танҳо қасрҳои холӣ ва чоҳи корношоямро мебинад. Он ҷо фақат деҳаҳои харобшудани бесару садоро мушоҳида мекунад.

Вақте Пайғомбари Худо (с)аз назди диёри Самуд, ки дар роҳ ба сӯи Шом ҷойгир аст, гузаштанд, ба саҳобагон гуфтанд: **“Чун ба ҷойҳои истиқоматии касоне мегузаред, ки дар ҳаққи худ зулм кардаанд, барои эҳтиёт аз гирифтор шудан ба ин гуна бало ва азобҳо гиря кунед”.**[2]

أَلَا إِنَّ ثَمُودَ كَفَرُوا رَبَّهُمْ أَلَا بُعْدًا لِّثَمُودَ

## Тарҷума:

**“Огоҳ бош, ҳамоно Самуд Парвардигори худро инкор карданд, ҳар оина дурӣ (аз раҳмати Худо) бод бар Самуд!”**[3]

### ДАРСҲО ВА ИБРАТҲО

1. Паёмбарони Худо (а) доим ғами мардумро мехӯрданд;
2. Касоне, ки мардумро насиҳат мекунанд, бояд монанди Паёмбарон ғамхори мардум бошанд;

---

[1]Аъроф: 79
[2]Ривояти Бухорӣ, Муслим ва Аҳмад аз Солим ибни Абдуллоҳ аз Абдуллоҳ ибни Умар (р)
[3]Ҳуд: 68

3. Ҳаргиз Аллоҳ таоло ба ваъдаи додааш хилоф намекунад;
4. Фасод кардан дар замин гуноҳи азим аст;
5. Куштани шахси бегуноҳ гуноҳи бузург аст;
6. Шахси қотил дӯзахӣ буда, ба лаънати Худо гирифтор мешавад;
7. Ҳар кас барои куштани бародари боимонаш, ҳатто бо ним калима кӯмак мекунад, аз раҳмати Худо маҳрум мегардад;
8. Аллоҳ таоло бандагони некӯкорашро аз шарри душманон нигоҳ медорад;
9. Ҳеҷ кас тоқати азоби Худоро надорад;
10. Шахсони кофир ва ба ширк олудашуда дар ҳаққи худ зулм мекунанд;
11. Аллоҳ таоло ба бандагонаш меҳрубон аст, аммо худи бандагон бо интихоби куфр ва ширк дар ҷони худ ҷавр мекунанд;
12. Мӯъмин доим ба Худо аз омадани азоб паноҳ мебарад.

## ПУРСИШҲО

1. Вақте Солеҳ (а) аз кушта шудани шутур хабар ёфт чӣ кор кард ва ба қавмаш чӣ гуфт?
2. Дар он шаҳр чанд кас даст ба фасод мезаданд ва нақшаи куштани Солеҳ (а)-ро кашиданд?
3. Оё он мардони фасодкор ба мақсадашон расиданд?
4. Ба сари Самуд чӣ азоб ва кай омад?
5. Баъди омадани азоб Солеҳ (а) бо мӯъминон чӣ кор карданд?
6. Вақте Солеҳ (а) аз назди ҷасадҳои беҷони қавмаш гузашт, чӣ кор кард?
7. Агар имрӯз касе ба назди диёри Самуд гузарад, чиро мебинад?
8. Вақте Паёмбар (с) ба диёри Самуд гузаштанд, чӣ гуфтанд?

9. Оё Шумо аз азоби Худо ҳарос доред?
10. Агар аз азоби Худо ҳарос дошта бошед, барои пешгирӣ кардани он чӣ чора мебинед?

# МУНДАРИҶА

Муқаддимаи мутарҷим........................................................... 3
Муқаддимаи устод Сайид Қутб..................................................9
Муқаддимаи ношир............................................................ 11
Муқаддимаи муаллиф......................................................... 12
Бутҳоро кӣ шикаст?!
Дарси якум: Фурӯшандаи бутҳо...............................................15
Дарси дуюм: Писари Озари буттарош....................................16
Дарси сеюм: Насиҳати иброҳим (а.с.с) ба падараш Озар.........18
Дарси чорум: Иброҳим (а.с.с) бутҳоро мешиканад..................20
Дарси панҷум: Кӣ ин корро кардааст?!...................................22
Дарси шашум: Оташи сард.....................................................24
Дарси ҳафтум: Дар ҷустуҷӯи Парвардигор..............................26
Дарси ҳаштум: Парвардигори ман Аллоҳ аст..........................28
Дарси нуҳум: Иброҳим (а.с.с) ҳамдеҳагонашро ба сӯи Худо мехонад...........................................................................30
Дарси даҳум: Иброҳим ва подшоҳ..........................................32
Дарси ёздаҳум:Иброҳим (а.с.с) падарашро ба сӯи Худо даъват мекунад...........................................................................34
Дарси дувоздаҳум: Роҳ ба сӯйи Макка....................................36
Дарси сездаҳум: Чоҳи Зам-Зам................................................38
Дарси чордаҳум: Хоб дидани Иброҳим (а.с.с)..........................40
Дарси понздаҳум: Хонаи Каъба...............................................43
Дарси шонздаҳум: Байт-ул-муқаддас.......................................45
**Беҳтарин қиссаи Қуръон**
Дарси якум: Хоби ҳайратовар..................................................47
Дарси дуюм: Ҳасади бародарони Юсуф ба Юсуф (а)..............49
Дарси сеюм: Намояндаҳо ба сӯйи Яъқуб (а) мераванд............51
Дарси чорум: Ба сӯйи ҷангал...................................................53
Дарси панҷум: Назди Яъқуб (а)...............................................55
Дарси шашум: Юсуф (а) дар чоҳи торик.................................57
Дарси ҳафтум: Аз чоҳ ба сӯйи қаср.........................................58

Дарси ҳаштум: Вафо ва амонатдории Юсуфи зебо.................60
Дарси нуҳум: Даъвати Юсуф (а) зиндониёнро ба Худошиносӣ..........................................................................62
Дарси даҳум: Хирадмандии Юсуф (а).....................................65
Дарси ёздаҳум: Даъват ба яктопарастӣ...................................67
Дарси дувоздаҳум: Таъбири хоб..............................................70
Дарси сездаҳум:Хоб дидани подшоҳи Миср...........................72
Дарси чордаҳум: Подшоҳ ба сӯйи юсуф (а) кас мефиристад.........................................................................74
Дарси понздаҳум: Юсуф (а) мехоҳад бегуноҳ буданаш исбот шавад..................................................................................75
Дарси шонздаҳум: Хазинадории Юсуф (а) дар Миср..............77
Дарси ҳабдаҳум: Омадани бародарони Юсуф (а)....................80
Дарси ҳаждаҳум: Гуфтугӯи Юсуф (а) бо бародаронаш...........82
Дарси нуздаҳум: Гуфтугӯи Яъқуб (а) бо фарзандонаш...........82
Дарси бистум: Бинёмин дар назди Юсуф (а)...........................84
Дарси бисту якум: Ба назди Яъқуб (а)....................................86
Дарси бисту дуюм: Ошкоршавии сирҳои пинҳон...................91
Дарси бисту сеюм: Кас фиристодани Юсуф (а) ба сӯйи Яъқуб (а)...........................................................................................93
Дарси бисту чорум: Яъқуб (а) дар ҳузури Юсуф (а)................97
Дарси бисту панҷум: Оқибати нек..........................................99

**Киштии Нӯҳ (а)**

Дарси якум: Баъд аз ҳазрати Одам (а)....................................102
Дарси дуюм: Ҳасад бурдани Шайтон ба Одам (а) ва фарзандонаш.........................................................................104
Дарси сеюм: Андешаи Шайтон...............................................106
Дарси чорум:Макри Шайтон...................................................108
Дарси панҷум: Тасвирҳои бандагони неки Худо.....................110
Дарси шашум: Аз сураткашӣ то ба ҳайкалсозӣ......................112
Дарси ҳафтум: Аз ҳайкалтарошӣ ба бутпарастӣ.....................114
Дарси ҳаштум: Ғазаби Аллоҳ Таоло.........................................116
Дарси нуҳум: Фиристодани Паёмбар (с.а.с)............................118

Дарси даҳум: Инсон ё фаришта.................................................120
Дарси ёздаҳум: Паёмбар Нӯҳ (а)...............................................122
Дарси дувоздаҳум: Ҷавоби қавми Нӯҳ (а) ба Паёмбарашон..124
Дарси сездаҳум: Байни нӯҳ (а) ва қавмаш.................................126
Дарси чордаҳум: Пайравонат шахсони пастанд.......................128
Дарси понздаҳум: Далели шахсони сарватманд.......................130
Дарси шонздаҳум: Даъвати Нӯҳ (а)..........................................132
Дарси ҳабдаҳум: Дуои Нӯҳ (а)..................................................134
Дарси ҳаждаҳум: Сохтани киштӣ..............................................137
Дарси нуздаҳум: Тӯфон...............................................................139
Дарси бистум: Писари Нӯҳ (а)...................................................141
Дарси бисту якум: Аз хонаводаи ту нест...................................143
Дарси бисту дуюм: Баъд аз тӯфон.............................................145

**Тундбод**

Дарси якум: Баъд аз Нӯҳ (а)........................................................148
Дарси дуюм: Ношукрии қавми “Ъод”........................................150
Дарси сеюм: Таҷовузкории қавми “Ъод”...................................152
Дарси чорум: Қасрҳои қавми “Ъод”...........................................154
Дарси панҷум: Паёмбар Ҳуд (а).................................................156
Дарси шашум: Даъвати Ҳуд (а).................................................158
Дарси ҳафтум: Ҷавоби қавми Ҳуд (а)......................................160
Дарси ҳаштум: Ҳикмати Ҳуд (а)...............................................162
Дарси нуҳум: Имони Ҳуд (а)......................................................164
Дарси даҳум: Саркашии қавми “Ъод”......................................166
Дарси ёздаҳум: Азоби Худо.........................................................168

**Шутури Самуд**

Дарси якум: Баъд аз тундбод......................................................171
Дарси дуюм: Носипосии қавми Самуд.......................................174
Дарси сеюм: Бутпарастӣ.............................................................177
Дарси чорум: Паёмбар Солеҳ (а)...............................................179
Дарси панҷум: Даъвати Солеҳ (а).............................................181
Дарси шашум: Даъво ва баҳонаи сарватмандони қавми Солеҳ (а) ..........................................................................................184

Дарси ҳафтум: Гумони мо хато баромад..................................186
Дарси ҳаштум: Насиҳати Солеҳ (а)...........................................188
Дарси нуҳум: Аз шумо пул намепурсам..................................190
Дарси даҳум: Шутури Солеҳ (а)................................................192
Дарси ёздаҳум: Навбат ба навбат.............................................194
Дарси дувоздаҳум: Саркашии Самуд.......................................196
Дарси сездаҳум: Азоби Илоҳӣ..................................................198
Мундарича.........................................................................204